АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
АГЕНТИИ АМНИЯТИ ЯДРОӢ ВА РАДИАТСИОНӢ

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ЯДРОӢ ВА РАДИАТСИОНӢ
ААЯР
WWW.NRSA.TJ



# ОНҲО ШӮҲРАТЁРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе - 2020

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ХИМИЯИ БА НОМИ В.И.НИКИТИН
АГЕНТИИ АМНИЯТИ ЯДРОӢ ВА РАДИАТСИОНӢ

У.М.МИРСАИДОВ

# ОНҲО ШӮҲРАТЁРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нашриёти «Дониш»
Душанбе – 2020

УДК – 9 (575.3) (092)
М - 65
ББК 63.3 (2 тоҷик)

Мирсаидов У.М. Онҳо шӯҳратёри Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, Дониш, 2020, 94 саҳ.

Дар китоб мақолаҳои У.Мирсаидов, ки дар солҳои гуногун нашр шудааст, оварда шудааст. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти одамони маъруфи Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталиф тавсиф карда шудааст, ки дар рушди ҷомеа ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон нақши муҳим доранд.

Дар ин китоб муаллиф намунаҳои мулоқотҳои худро бо олимони пешбар ва шахсиятҳои ҳизбию давлатӣ кишвар нишон медиҳад. Роҳҳои зиндагии онҳоро шарҳ медиҳад, ки як мисоли равшан хидмат ба Ватан аст.

Китоб барои доираи васеи хонандагон, ки ба таърихи маърифати илм, ҳаёт ва фаъолияти шахсони маъруфи Тоҷикистон таваҷҷӯҳ доранд, тавсия карда мешавад.

Мирсаидов У.М. Они составляют славу Таджикистана – Душанбе, Дониш, 2020, 94 стр.

В книги собраны статьи У.М.Мирсаидова опубликованые в разные годы. Описана жизнь и деятельность известных людей Таджикистана в различных областях, имеющие значительную роль развитию общества и патриотическому воспитанию молодежи.

В настоящей книге автор приводит примеры своей встречи с ведущими учёными и партийно-хозяйственными деятелями страны. Опысывает их жизненный путь, который является примером служению Родины.

Книга расчитана на широкий круг читателей, которая интересуется историей образования науки, жизни и деятельности видных людей Таджикистана.

Mirsaidov U.M. They constitute the glory of Tajikistan - Dushanbe, Donish, 2020, 94 pages.

The book contains articles by U.M. Mirsaidov published in different years. The life and activities of famous people of Tajikistan in various fields are described, which have a significant role in the development of society and the patriotic education of youth.

In this book, the author gives examples of his meeting with leading scientists and party-economic figures of the country. Explains their life path, which is an example of patriotism to the homeland.

The book is designed for a wide range of readers, who are interested in the history of education of science, life and activities of prominent people of Tajikistan.

Китоб дар асоси қарори Шӯрои илмии Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чоп карда шудааст, протколи № 6 аз 01 майи соли 2020.

Муҳаррир: н.и.т. Б.Б. Баротов
Ҳуруфчини компютерӣ: Ш.Шосафарова,
Ш.Муродов

## Мундарича


1. Мароми илми тоҷик ..........................................................5
2. Нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон .............. 10
3. Марди накӯном намирад ҳаргиз ............................................ 15
4. Ҳаёти дурахшони академик Раҷаб Амонов ......................... 22
5. Чанд сухан дар зодрӯзи Зуфархон Ҷавҳарӣ ................................... 27
6. Ягонагии назария ва амалия (Чанд сухан дар бораи фаъолияти илмии академик А.Н.Максумов) ........................................... 29
7. Ёде аз некмарди бузург – зикри хайри устод ........................ 32
8. Акдемик Ғ. Алиев-олим, арбоби давлатӣ ва омӯзгори варзида ...37
9. Ҷашни олим ва инсони наҷиб ............................................... 40
10. Накӯном намирад ҳаргиз ........................................................ 42
11. Арбоби барҷастаи илми тоҷик ............................................. 44
12. Олим, сиёсатшинос, дипломат ..............................................47
13. Патриархи илми тоҷик ............................................................ 50
14. Саҳми академик М.И. Илолов дар рушди мактаби математика дар Тоҷикистон ........................................................................... 53
15. Чанд сухан дар бораи устод Шарофиддин Нуриддинов ............ 57
16. Марди хирад, олими шинохта ................................................ 61
17. Тоҷи сари дӯстон ............................................................................. 64
18. Инсони наҷиб ва олими варзида ........................................... 67
19. Кимиёшиноси варзида ... ....................................................... 69
20. Омӯзгор, олим ва марди хирад ..............................................72
21. Шаҳрванди асил .................................................................... 75
22. Инсони асил ва дӯсти меҳрубон ........................................... 80
23. Инсони асил, роҳбари оқил ................................................... 83
24. Инсони комил ва олими варзида ...........................................87
25. Якчанд сухан дар бораи олими шинохтаи тоҷик Нарзуллоев Қ. .90
26. Маълумот дар бораи муаллиф ............................................ 93

## МАРОМИ ИЛМИ ТОҶИК
(Ба муносибати 50-солагии Академияи илмҳои Тоҷикистон)

Сарфи назар аз мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мамлакат Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ягонагии худро ҳифз намуда, маркази асосии илми ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Дар ин бобат мавқеи устувор ва муносибати Президенти мамлакат Э. Ш. Раҳмонов нисбат ба мақому манзалати илм ва фармонҳои ӯ оид ба дастгирии илм нақши ҳалкунанда бозидаанд.

Дар давраи истиқлол олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни илм комёбиҳои муҳим ба даст овардаанд. Донишмандони соҳаи математика натиҷаҳои нав дарёфт намуданд. Олимони тоҷик дар соҳаи астрофизика мавқеи пешсафиро ишғол менамоянд. Дар соҳаи физика, энергетикаи ғайрианъанавӣ корҳои аҷибе ба анҷом расидаанд. Як қатор дастовардҳои илмӣ дар тиб, саноат ва кишоварзӣ ҷорӣ шудаанд. Усулҳои назорати ҳолати муҳити зист, асосҳои илми технологияи кимиёии аз ҷиҳати экологӣ беҳтар офарида шуданд. Дар соҳаи ташхис ва такмили муолиҷаи бемориҳои узвҳои ҳозима таҳқиқот идома доранд.

Сарфи назар аз хеле кам шудани таҳқиқоти экспедитсионӣ корҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои заминшиносӣ пеш рафтаанд. Нишондодҳои нави зилзиласанҷӣ ба даст омада, низоми мониторинги падидаҳои заминларза офарида шудаанд. Харитаи мавзеъҳои имкони вуқӯи заминларза мураттаб гаштааст. Дар соҳаи геокимиё, назарияи пайдоиши маъдан маълумоти муҳими илмиву амалӣ ба даст оварда шудааст. Соҳаҳои физиология, биокимиё, генетика, биотехнологияи растаниҳо инкишоф ёфтаанд. Дар заминаи генетикаи ҳайвонот корҳои зиёде анҷом ёфта, навъҳои нави пахтаву ғалла ҳосил шудаанд.

Дар солҳои истиқлол ҳамбаста бо нав шудани методологияи таҳқиқоти таърихӣ тағйироти сифатӣ ба вуҷуд омад, асари бунёдии шашҷилдаи “Таърихи халқи тоҷик” омода гардид. Бостоншиносон ба кашфиёти муҳими илмӣ ноил шуданд. Таълими таърих дар асоси дастовардҳои тозаи илми нав боис гардид, ки китобҳои нави дарсӣ барои мактабҳои миёна ва олӣ омода гардиданд.

Дар соҳаи фалсафа дарку таҳқиқи масъалаҳои кулли ҳодисаҳои иҷтимоиву таърихӣ давом ёфт. Сотсиологҳо оид ба ҳолат ва амалкарди шуури ҷамъиятӣ дар замони ҳозира маълумот ба даст оварданд. Ҳуқуқшиносон равияҳои асосии инкишофи ҳуқуқ ва давлатро дар Тоҷикистон муайян намуданд. Коркарди стратегияи таъмини сиёсати молиявӣ ва пуливу қарзӣ бо ҳадафи пешбурди иқтисоди мамлакат шурӯъ шуда, консепсияи стратегияи давлатӣ дар соҳаи иҷтимоиёти Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Солҳои охир анъанаҳои филологияи тоҷик инкишоф ёфтанд. Адабиётшиносон ба масъалаҳои рушди адабиёт дар шароити

истиқлолият таваччӯҳ зоҳир менамоянд, тадқиқи фолклор, забони тоҷикӣ идома дорад.

Робитаҳои байналмилалӣ ҳам густариш меёбанд. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон такрибан 50 шартнома баста, дар амалӣ гардондани қарордодҳои зиёди байниҳукуматӣ ширкат меварзад, узви бисёр созмонҳои байналмилалӣ мебошад.

Ҳамкорӣ бо Академияи илмҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама бо Академияи илмҳои Руссия, аз ҷумла дар чорчӯбаи Ассосиатсияи байналмилалии Академияи илмҳо мустаҳкам мешавад.

Метавон гуфт, ки бо саъю кӯшиши Президенти мамлакат ва аъзои Академия сарвати пурбаҳои мардуми Тоҷикистон Академияи илмҳои он ҳифз карда шуд. Вай рушду инкишоф ёфта, аз санҷишҳои замон ба туфайли меҳнати наслҳои зиёди олимони мо гузаштааст.

Агар дар бораи ояндаи мамлакат сухан гуфтанӣ бошем, равшан аст, ки он пеш аз ҳама ба истифодаи оқилонаи иқтидори ақлонии кишвари мо вобаста аст. Имрӯз бояд ба корҳои илмиамон ба таври танқидӣ назар намоем.

Кормандони Академияи илмҳо хуб дарк менамоянд, ки истилоҳи илми академӣ ин раванди яклаҳзагӣ нест. Вале он бояд амалӣ гардад. Вай гуногунсоҳа буда, тадбирҳои ҳифзи моликияти ақлӣ, пеш бурдани низоми шартномавиро дар бар мегирад.

Дар ҷумҳурии мо ислоҳоти соҳаи илм ба давраи хеле мураккаби гузариш ба иқтисоди бозорӣ рост омад. Илм яке аз он соҳаҳои фаъолият гардид, ки оқибатҳои гузариш ба бозор ба онҳо таъсир расонданд. Дар зинда мондани илми мо дар шароити вазнини имрӯза нақши садоқату фидокории олимони калонсолу миёнасол низ хеле калон аст. Ба туфайли саъю кӯшиши олимон ва аъзоёни Академияи илмҳо муяссар гардид, ки мо дар як қатор равияҳои муҳимтарини илму техника мавқеи пешравиро нигоҳ дорем. Дар бобати ба шароити нави хоҷагидорӣ мутобиқ шудани муассисаҳои илмӣ низ дастовардҳои ҷудогона мавҷуданд.

Ташаккули стратегияи инкишоф бояд аз пешгӯиҳои асосноки илмӣ, ки ҳамгироии сиёсати илмиву техникӣ ва саноатиро таъмин менамояд ва масъалаҳои афзалиятдоштаи технологии миллиро бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва равияҳои куллӣ муайян месозад, реша гирад.

Маҳдудии имкониятҳои буҷети давлат тақозо менамояд, ки ба маблағгузории муассисаҳо таҷдиди назар шавад, ташкилотҳое, ки иқтидори илмиашонро гум кардаанд, барҳам дода шаванд. Дар айни замон ба ихтисори соҳаи илм то ҳадде, ки маблағгузории буҷетӣ таъмин менамояд, роҳ додан лозим нест, зеро ин аз пешрафти минбаъда маҳрум месозад. Вазифа иборат аз он аст, ки самаранокии тадқиқотҳои илмиро баланд бардошта дар соҳаи илм манбаъҳои нави маблағгузорӣ ҷалб гарданд. Бояд таҷрибаи пажӯҳишгоҳҳое, ки дар шароити нав бомуваффақият кор мекунанд, омӯхта паҳн карда шаванд.

Ба соҳаи илм омадани ҷавонон солҳои охир мушоҳида мешавад, боиси тағйироти ҷиддӣ дар синну соли аҳли илм хоҳад гардид. Шарти зарурии беҳтар кардани ин вазъият барқарории обрӯю эътибор ва

ояндадор будани кори илмӣ дар ҷамъият ва баланд бардоштани музди он мебошад.

Илова бар ин гузаронидани озмунҳои грантҳо барои ҷавонон зарур аст. Дар баъзе пажӯҳишгоҳҳо намунаҳои онҳо ба назар мерасанд. Дарёфти грантҳо ҷавононро ба иҷрои корҳои мустақилона ҳавасманд менамояд, имкониятҳои эҷодиашро ошкор месозад, ба онҳо ёрии моддӣ мерасонад. Омили муҳими дар соҳаи илм нигоҳ доштани ҷавонон инчунин ба онҳо додани истиқоматгоҳ мебошад.

Дар назди Аакадемияи илмҳо ташкил кардани бахши муттаҳидсозандаи илму маориф зарур аст. Академия метавонад аз соли 3-юми хониш донишҷуёни қобилиянокро барои идомаи таҳсил қабул намояд. Мо давраи охири таълимро ба воситаи магистратура ба ӯҳда гирифта, бо ин роҳ соҳиби муҳаққиқони ҷавоне шуда метавонем, ки аз хусусиятҳои хоси илм огоҳанд.

Дар давраи гузариш ба бозор бояд фашангҳои иқтисодии таъсирро ба илм ҷустуҷӯ кард. Ҳадафҳои стратегияи илм бояд ҷавобгӯи талабу дархостҳои нави мамлакат бошанд. Ташаккул ва инкишоф додани иқтисодиёту истеҳсолот то ҳадде, ки воридоти мол хеле кам шуда, содироти он зиёд гардид, зарур аст. Ман аминам, ки илми мо метавонад қобили ривоҷ додани иқтисодиёту истеҳсолот гардад. Бозори мутамаддине ташаккул меёбад, ки дар он илм ҷои шоистае пайдо хоҳад кард. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки шароити дар истеҳсолот хуб қабул шудани ихтироҳои олимон муҳайё карда шавад.

Дар назди мо вазифаҳои ҷустуҷӯи асосҳои технологии коркарди ашёи хоми маъдании ҷумҳурӣ, ки барои саноат, кишоварзӣ ва сохтмон, коркарди технологияи бепартов ва масъалаҳои экологӣ заруранд, истодаанд.

Табиист, ки давлат наметавонад пурра аз маблағгузории илм даст кашад ва инро дар мақомоти ҳукуматӣ хуб медонанд. Бояд гуфт, ки дар ҳамаи шартномаҳое, ки миёни давлати мо ва давлатҳои дигар баста мешаванд, ҳатман бахши "Илм" мавҷуд аст. Албатта маблағгузории кунунӣ, эҳтиёҷотҳои моро қонеъ намесозад, вале мо медонем, ки дар шароити имрӯза ба бештар аз ин умедвор будан мушкил аст.

Ҳоло мо фарҳанги дугунаро аз сар мегузаронем. Забонҳои англисӣ, русӣ, фаронсавӣ ва ғайра ҳамчун мизроби дастовардҳои пешқадами илмиву техникӣ аҳамияти калон хоҳанд дошт. Ва аҳли илм бояд ин забонҳо ва бо мадади онҳо дастовардҳои иттилооти илмиву техникиро аз худ намоянд. Аммо дар баробари ин дар рӯзгори ҷомеаи мо бояд забони давлатӣ инкишоф ёбад. Ин вазифаи пурмасъулияти мост. Ба воситаи забони давлатӣ мо бояд фарҳанги миллии худро ба сатҳи ҷаҳонӣ боло бардорем. Шарти муҳими ҳимоя ва рӯшди забони тоҷикӣ мустаҳкам намудани вазифаи миллии илм мебошад. Дар давраи гузариш ҳамеша илм осеб мебинад, вале бояд ҳамеша ҳамроҳи ҷомеа андеша ронд. Моро зарур аст, ки ҳамчунин забони воситаҳои муосири мувосилот (технологияи иттилоотӣ – ИНТЕРНЕТ, компютерҳо, интиҳоли иттилоот ва ғайра)-ро омӯзем. Мо бояд на танҳо осори илмӣ таълиф намоем,

балки зарур аст, ки онҳоро бо истифода аз технологияи иттилоотӣ татбиқ ва тарғибу ташвиқ созем.

Дар давраи гузариш бояд ҳадафҳои мо низ тағйир ёбанд. Мо бояд нақши масъули кори бенуқсони ҳамаи маҷмӯи маориф ва илмро ба ӯҳда гирем.

Мутаасифона дар ибтидои солҳои 90-ӯм Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёт барҳам дода шуд ва дар Академияи илмҳо кор оиди ба иқтисоди давраи гузариш дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуд. Институти иқтисодиёт дар соли 2000-ум барқарор гардид ва умедворем, ки он аз ӯҳдаи вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда мебарояд.

Навиштаҳои иқтисодшиносонамонро таҷлил намуда ҳоло гуфтан мумкин аст, ки онҳо равиши ягона надоранд ва вазъи хоҷагидорӣ ба таври гуногун арзёбӣ мешаванд.

Ба саволи ғояи марказии истеҳсолот аз чи иборат аст, мо ҷавобҳои гуногун гирифтем. Зарурате ба миён омадааст, ки масъалаи моликият ба таври ҷиддӣ ва амиқӣ ҳал карда шавад. Масъалаи моликиятро ҳал накарда, дар иқтисодиёт чизеро ба даст овардан мумкин нест. Вазифаи илм дар давраи гузариш аз он иборат аст, ки ҳамаи мушкилоти масъала яксон ва ба ҳам мувофиқ арзёбӣ гарданд. Дар илм алтернативият зарур аст. Мо набояд идеологияи ғайри либералииислоҳотро, ки асосан ба афзоиши сармояи молӣ равона шудааст, дастгирӣ кунем. Ба назарам, бояд идеологияи таъмини рушди воқеии иқтисод, некӯаҳволии мардум, инкишофи шахсиятро пешниҳод намоем. Барои ин мо заминаҳои ҷиддӣ дорем:

-қобилияти ақлонии (интеллекти) миллат, саводнокӣ, иқтидори илмӣ;

-иқтидорҳои истеҳсоли мавҷуда;

-захираҳои ашёи хоми маъданӣ, замини ҳосилхез ва сарватҳои дигари табиӣ.

Дар давраи гузариш таърихшиносон вазифаи хос доранд. Онҳо бояд таърихи воқеии халқи моро, моҳияти лаҳзаҳои таърихиро нишон диҳанд. Имрӯз ин яке аз вазифаҳои муҳимтарин аст.

Нақши олимони шарқшинос низ имрӯз калон аст. Онҳо бояд вазъи сиёсии давлатҳои ҳамсояро дуруст арзёбӣ карда аз рӯи имконият ба сиёсатмадорон тавсияҳои судманд диҳанд.

Вазифаҳои асосии илмҳои дақиқу техникиро дар давраи гузариш дар равияҳои зерин муайян кардан мумкин аст:

1. Таҳқиқот дар соҳаи манбаъҳои гидроэнергетикӣ;
2. Масъалаҳои оби соф;
3. Масъалаҳои биотехнология ва муҳандисии генӣ;
4. Масъалаҳои экология ва радиоэкология;
5. Коркади комплексии маъданҳои кишвар.

Дар давраи гузариш тадқиқотҳои анъанавии бунёдӣ дар соҳаи математика, астрофизика, физика, кимиё, биология бояд аз ҷониби давлат дастгирӣ ёбанд.

Дар шароити нав биотехнология ва муҳандисии генетикӣ аҳамияти хос доранд. Имкониятҳои биотехнология зиёд аст. Аз як тараф дар ҳалли масъалаи камҳосилӣ ёрӣ мерасонад, аз тарафи дигар мувофиқати биотехнология бо кишоварзӣ метавонад ба коҳиши рангоранги биологӣ ва харобшавии хок хотима бахшад.

Муҳандисии генӣ ин равишест, ки дар тӯли таҳқиқи бунёдии даҳсолаҳо дар заминаи биологияи ҳуҷайраҳо ва биологияи молекулярӣ омода шудааст. Имрӯз ҳаммонанд кардани генҳо, ҷудо кардани онҳо имконпазир аст.

Илму дониши нав самараҳои тоза ба бор овард, ки ба инсоният манфиатҳои зиёд мерасонанд. Дарозии умр бештар мешавад, роҳҳои нави муолиҷаи бемориҳо кашф мегарданд. Дар бисьёр минтақаҳои олам ҳаҷми истеҳсолот барои қонеъ гардондани талаботи мардум меафзояд. Коркардҳои технологӣ ва истифодаи манбаъҳои нави энергия барои озодшавии инсон аз навъҳои вазнини меҳнат имконият ба вуҷуд оварданд.

Имрӯз инкишофро бе илм ва шаклҳои амалии истифодаи он тасаввур кардан мумкин нест. Мақомоти ҳукуматӣ дар ҳама сатҳ ва бахши хусусӣ бояд истифодаи иқтидори илмиву техникаро бо ёрии барномаҳои таълимиву таҳқиқотӣ ба сифати асосҳои зарурии инкишофи безарари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологӣ ҳарҷониба дастгирӣ намоянд.

Илму технология бояд ба афзоиши шуғли аҳолӣ ва тақвияти адолати иҷтимоӣ рӯй оваранд. Маблағгузорӣ ба илму техника бояд бештар шавад, то ки захираҳои табиӣ омӯхта ва ҳифз гардида, низоми рангоранги биологии таъмини ҳаёт дар сайёра барқарор шавад.

Мушкилоти занҳо, ки беш аз нисфи аҳолиро ташкил медиҳанд, дар бобати машғул шудан ба фаъолияти илмӣ ва ширкат дар ҳалли масъалаҳои илм ва техника бояд бартараф карда шаванд.

Асри бист асри илм буд. Нимаи аввали он давраи инкишофи физика, сипас даҳсолаҳои баъд давраи пешрафти кимиё, биология ва гузаштаи на он қадар дур давраи рушди информатика буданд, ҳоло бошад инқилоби илмиву техникӣ илмҳои ҷамъиятшиносиро ба майдон даъват менамояд.

Соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон дорои аҳамияти калон аст, чунки тағйироти амиқро дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии мамлакат ба вуҷуд овард. Ин тағйирот ба фаъолияти илм низ бетаъсир намонд. Имрӯз муҳим аст, ки мо мероси бузурги гузаштагону устодони барҷастаи худро аз даст надиҳем. Ғамхорӣ ба пешрафти илму фарҳанг ин дар айни замон ғамхорӣ ба таҳкими ваҳдату пойдории Тоҷикистони навин аст. Имрӯз ваҳдату ягонагии давлати демократӣ ба инкишофи иқтисод, илм ва фарҳанг такя мекунад. Тавре ки Фирдавсии бузург фармудааст:

***Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,***
***Зи дониш дили пир барно бувад.***

«Садои мардум» № 88 (1361), 03. 11. 2001

## НАХУСТИН ПРЕЗИДЕНТИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН



Моҳи апрели соли равон 38-умин ҷаласаи илмии «Солонаи Айнӣ» баргузор мешавад, ки ба 120-умин солгарди зодрӯзи устод рост меояд. «Солонаи Айнӣ» фақат як ҷаласаи муқарарии илмӣ набуда, ҳар дафъа ба ҳодисаи мӯҳими илмӣ ва фарҳангӣ табдил меёбад. 38 сол аст, ки ин солона бо омодагӣ ва басамар гузаронида мешавад ва ҳар дафъа ба он олимони варзида, адабиётшиносон, забоншиносон, мутахассисони соҳаи таърих ва фалсафа фаъолона иштирок меку-нанд. Қобили қайд аст, ки солона дар шаҳрҳои гуногуни ду ҷумҳурӣ – Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барпо мешавад. Дар Душанбею Самарқанд, Хуҷанду Бухоро, Ӯротепаю Кулоб «Солонаи Айнӣ» бо иштироки фаъолонаи олимони айнишинос, ки дар шаҳрҳои мазкур зиндагӣ ва кор мекунанд ва зиёиёни маҳаллӣ барпо мегардад ва барои ривоҷ ёфтани ҳамкории олимони ду ҷумҳурӣ ва олимони шаҳри Душанбе бо марказҳои вилоятҳо мусоидат менамояд. Дар аксарияти маҷлисҳои солона мавзӯи муайяни марбути фаъолияти эҷодӣ ва осори устод Айнӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва айнишиносӣ як зина боло меравад.

О сори устод Айнӣ махсусиятҳои рӯзгори мардуми Осиёи Миёна, тарзи зиндагӣ, талошу мубориза ва орзую умеди халқро ба таври васеъ манзур мегардонад, таърихи муборизаҳои заҳматкашонро барои озодӣ ва истиқлолият пеши назар меоварад ва ба ин тавассут ба мо барои шинохтани асли хеш, ба худшиносии миллӣ ба эҳёи арзишҳои маънавие, ки дар тӯли асрҳо аҷдоди мо омӯхтаанд, ёрӣ мерасонад. Мо аз он дарси зиндагӣ меомӯзем ва дар партави осори устод Айнӣ роҳи худро ба оянда равшантар мебинем.

Ин буд, ки устод Айнӣ ва инчунин фарзанди дигари барӯманди халқи мо Бобоҷон Ғафуров аз тарафи Давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ нахустин Қаҳрамони Тоҷикистон дониста шуданд ва бузургдошти Садриддин Айнӣ барин як инсони некниҳод имрӯз маънои онро дорад, ки мо назди аҷдоди офаридгор ва бунёдкори худ сари таъзим фурӯ биоварем, дастовардҳои онҳоро самимона қадр кунем.

Мо бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунем, ки тавассути хидматҳои фарзандони содиқи халқ, алалхусус Садриддин Айнӣ, обрӯю эътибори байналхалқии мардуми мо, ҷумҳурии мо, Ватани мо афзудааст ва минбаъд низ хоҳад афзуд. Мо бояд пеши ҷаҳониён нишон диҳем, ки

давомдиҳандагони содиқи кори пуршарафи устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Султон Умаров, Абдулғанӣ Мирзоев, Сотим Улуғзода, Аловаддин Баҳоваддинов ҳастем. Ҳаминҳо буданд, ки дар кишвари мо муассисаи олии илмӣ Академия илмҳо арзи вуҷуд кард ва корҳои муҳими дорои аҳамияти умумихалқӣ ва умумидавлатиро анҷом дод.

Соли 1941 нахустин муассисаи илмӣ-базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, ки соли 1933 ташкил шуда буд, ба филиали АИ СССР табдил дода шуд.

Олими машҳури ҷаҳоншумул, мутахассиси мумтози соҳаи зоология ва паразитология, академик Евгений Никонорович Павловский сарварии филиалро ба ӯҳда гирифт ва дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди ин донишманди номӣ дар ҷумҳурӣ соҳаҳои гуногуни илм тараққӣ кард, институтҳои геология, ботаника, зоология ва паразитология, химия, чорводорӣ, таъриху забону адабиёт, шӯъбаҳои геофизика, хокшиносӣ ва ғайра ботадриҷ бо кадрҳои варзида таъмин шуда, имконияти худро дар ҳалли проблемаҳои муҳими илм нишон доданд.

Дар оғози солҳои панҷоҳум масъалаи дар Тоҷикистон таъсис додани муассисаи олии илмӣ ба миён омад ва Ҳукумати Тоҷикистон дар фикри ташкили Академияи илмҳои ҷумҳурӣ шуд. Дар охирҳои соли 1951 ин масъала ҳалли худро ёфт. Лозим буд, ки Академияро донишманди пурдон, касе, ки дар соҳаҳои гуногуни илм асарҳои арзанда пешниҳод кардааст, сарварӣ кунад. Ин замон Садриддин Айнӣ на танҳо чун нависандаи забардаст, муаллифи «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» барин асарҳои мукаммали бадеӣ, балки чун донишманди соҳаи мактабу маориф, таърихи адабиёт, забону луғат шӯҳрат пайдо карда буд. Китоби ӯ «Таҳзиб-ус-сибён» ба мақсади ба роҳи дуруст ва муфиди тарбия ворид намудани мактабу маориф таълиф гардида буд. Дар ин китоб ҷустуҷӯҳои устод Айнӣ дар кори таълими самарабахши наслҳои наврас инъикос гардидаанд. Ин китоб, ки соли 1909 дастраси хонандагон гардид, зимнан ба қувват гирифтани тамоюли эҷоди асарҳои махсус барои бачагон мусоидат кард.

Садриддин Айнӣ ҳанӯз дар солҳои пеш аз инқилоб, яъне дар давраи аввали фаъолияти эҷодии худ ба омӯхтани таърихи адабиёти форсу тоҷик шурӯъ кард ва яке аз аввалин тадқиқоти ӯ ба эҷодиёти Абдулқодири Бедил бахшида шуда буд. Таҳлили назми шаклан мураккаб ва бо забони саршори рамзу киноя иншо шудаи Бедил кори осон набуд. Ба ин кор, яъне ба Бедилшиносӣ шахсе метавонист даст занад, ки ба ошкор намудани маъноҳои сарпӯшида, гуфтори маъно андар маъно қодир бошад. Садриддин Айнӣ баъдтар тадқиқоти худро дар бораи

Бедил давом дод ва дар ин мавзӯъ тадқиқоти мукаммал навишт. Китоби ӯ «Мирзо Абдулқодири Бедил», ки соли 1954 чоп шуд, тадқиқгари ҳунарманди каломи бадеӣ ва ҳодисаҳои дурахшони адабӣ будани ин шахсияти нодирро исбот намуд.

Устод Айнӣ на танҳо асосгузори адабиёти муосири тоҷик ва яке аз сардафтарони адабиёти имрӯзаи ӯзбек, балки ҳамчун асосгузори адабиётшиносӣ ва таърихшиносии имрӯзаи тоҷик ҳам шинохта шуда буд. Китоби машҳури ӯ «Намунаи адабиёти тоҷик» нахустин тадқиқоти пурғунҷоиш ва доманадоре оиди таърихи ҳазорсолаи адабиёти форсу тоҷик буд. Ин китоб аҳамияти зиёди таърихӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ касб кард ва бар хилофи пешниҳоди нерӯҳое, ки мавҷудияти тоҷик ном халқеро инкор мекарданд, бо далелҳои раднашаванда исбот намуд, ки тоҷикон аз қадимтарин халқҳои Осиёи Миёнаанд ва фарҳанги ғанӣ, адабиёти ҷаҳоншумул ба миён овардаанд.

Устод Айнӣ соли 1934 бо номи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» асари тадқиқотӣ чоп карда, бо далелҳои барҷаста нишон дод, ки дар асари безаволи шоири бузург бисёр хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад. Баъдтар ӯ дар бораи асосгузори адабиёти форсу тоҷик устод Рӯдакӣ тадқиқот бурда, ҷои қабри ин сарвари шоиронро муқараар намуд, ки соли 1956 аз тарфи экспедитсияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Михаил Михайлович Герасимов дар деҳаи Панҷруди ноҳияи Панҷакент ҳафриёти қабри Рӯдакӣ ба амал омад ва аз рӯи устухонҳои сари ӯ андоми ин фарзанди бузурги инсоният барқарор карда шуд.

Миқдори асарҳои илмии устод Айнӣ зиёданд: «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» (1939), «Шайх Муслиҳидди Саъдии Шерозӣ» (1934-1942), «Камоли Хуҷандӣ» (1934), «Восифӣ ва хулосаҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (1946), «Алишери Навоӣ» (1948), - ҳар кадоми ин асарҳо аҳамияти бузурги илмӣ доранд ва ба муҳимтарин марҳилаҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик ва инчунин адабиёти ӯзбек равшанӣ андохтаанд.

Устод Айнӣ ҳамчун муаррих ва ҷамъиятшиноси пурдон низ тадқиқоти дорои арзиши бузургро анҷом дод. Асарҳои ӯ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (соли 1923), «Материалҳои таърихи инқилоби Бухоро» тадқиқ ва тасвири ҳодисаҳои таърихи Аморати Бухороро дар давоми се аср дар бар гирифтаанд. Дар ин асарҳо тохтутозҳои беохир ва зулму тааддии ҳокимони мустабид, аҳволи тоқатшикани табақаҳои заҳматкаш, фаъолияти зиёиёни халқпарвар, кӯшишҳои мардум дар роҳи озодӣ ва истиқлол дар партави воқеаҳои таърихӣ барҷаста инъикос ёфтаанд. Асарҳои таърихии устод Айнӣ барои

рӯшан сохтани таърихи халқҳои Осиёи Миёна ҳамчун сарчашмаи муҳим хизмат карда меоянд.

Садриддин Айнӣ яке аз аввалин муаллифони китобҳои дарсӣ барои мактабҳои нав, муҳаррири нахустин «Луғати русӣ-тоҷикии» (солҳои 1933-1934), «Луғати тоҷикӣ-русӣ» (соли 1940), муаллифи нахустин луғати тафсирии забони тоҷик (соли 1938) буд. Ӯ дар кори ғанӣ гардонидани забони адабии тоҷик ва оммафаҳм кардани забон, ба доираҳои васеъ дастрас шудани захираи луғавии он хизматҳои шоиста ва фаромӯшношуданӣ кард.

Устод Айнӣ арбоби бузурги илму фарҳанг, мактабу маориф ва ходими баракатовари ҷамъиятӣ ва давлатӣ буд. Эҷодиёти илмии ӯ ба пешрафти илми эроншиносӣ мусоидат кардааст ва ба ин хотир эроншиносони машҳури рус ӯро сазовори унвони олии илмӣ - доктори илмҳои филология донистанд. Соли 1948 аъзои Шӯрои илмии дифоъи Донишгоҳи Ленинград ба ӯ барои соҳиб шудан ба ин унвон якдилона овоз доданд.

Инак ба раисии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ каси аз ӯ сазовортаре ба назар намерасид. Мардум, аҳли илму адаб ва фарҳангу маориф Президенти академия интихоб шудани фарзанди бузурги халқро бо қаноатмандӣ истиқбол карданд. Дар маҷлиси тантанавие, ки ба муносибати таъсис ёфтани Академия дар толори театри опера ва балет (ҳоло номи устодро дорад) баргузор шуд, олимони машҳури мамлакат, сарварони Ҳукумати Тоҷикистон, алалхусус Бобоҷон Ғафуров, Евгений Павловский изҳори умедворӣ карданд, ки ин муассисаи олии илмӣ бо роҳбарии устод Садриддин Айнӣ бо суръат тараққӣ хоҳад кард. Дар воқеъ устод Айнӣ ба туфайли донишу заковат ва эътибори бузурге, ки дар назди халқ ва Ҳукумати Тоҷикистон дошт, метавонист ба инкишофи илм бисёрҷониба кӯмак кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Дар давраии президентии устод дар Академия, дар соҳаҳои гуногуни илм: астрофизика, сейсмология, геология, химия, биология ва ғайра тадқиқот беш аз беш вусъат гирифт. Институти забону адабиёт ва таърих ба ду институти мустақил табдил дода шуд ва дар ин муассисаҳои илмӣ ба вуҷуд овардани грамматикаи илмии забони адабии тоҷик, таърихи адабиёти классикӣ ва муосир, таърихи халқи тоҷик, луғатҳои русӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-руси ва монанди инҳо ба нақша гирифта шуданд. Омӯхтани таърихи фалсафаи тоҷик, эҷодиёти шифоҳии мардум шурӯъ гардид.

Устод Айнӣ дар солҳои президентии худ ба тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм эътибори калон медод. Дар ин солҳо бисёр ҷавонони соҳибистеъдод ба аспирантураи Академияи

илмҳои СССР, ба Маскав, Ленинград ва шаҳрҳои дигар фиристода шуданд, дар фаъолияти аспирантураи Академия дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад, беҳтарин хатмкардагони мактабҳои олӣ ба соҳаи илм ҷалб карда шуда барои зиндагӣ ва таҳсилашон шароити мӯътадил ба вуҷуд оварда мешуданд.

Санаи зодрӯзи устод Айнӣ ба таърихи таъсиси Академияи илмҳо мувофиқат кард - 47 солагии Академия ба 120 солагии устод рост меояд. Ин фоли нек буд ва маънои рамзӣ ба худ гирифт.

Рӯҳи поки устод, ки дар тараққиёти илми тоҷик ҳиссаи бузург дорад, ба мо, масъулони ташкили корҳои илмӣ мададгор аст ва дар ояндаи наздику дур ҳам ҳамин хел хоҳад монд. Устод Айнӣ дар байни мост. Мероси ӯ ҷовидона аст ва имрӯзу фардо ба Ватани соҳибистиқлоли мо, ба халқи мо, ба миллати мо манфиатҳои беназир хоҳад овард.

«Ҷумҳурият», 11.03.1998

# МАРДИ НАКӮНОМ НАМИРАД ҲАРГИЗ

***Ё сухане чанд дар бораи устод***
***Муҳаммад ОСИМӢ***



Мулоқоти нахустини ман бо устод Муҳаммад Осимӣ соли 1962 дар шаҳри Душанбе ҳангоми қабули довталабон ба мактабҳои олии марказии Иттиҳоди Шӯравӣ иттифоқ афтод. Моҳи июли ҳамон сол ман барои ба таври ғайриозмунӣ ба Донишкадаи кимиёву технологии Маскав ба номи Д. И. Менделеев дохил шудан, дар Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин имтиҳони қабул супурдам. Дар комиссияи қабул роҳбарони якчанд вазорату идораҳо ҳузур доштанд. М. Осимӣ дар он айём вазири маорифи Тоҷикистон буд ва ба комиссияи қабули донишҷуён ба мактабҳои олии маркази Иттиҳоди Шӯравӣ роҳбарӣ мекард. Вай ба ҳуҷҷатҳои ман таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, пешниҳод кард, ки ба ҷойи Донишкадаи кимиёву технологии Маскав ба номи Д. И. Менделеев (ДКТМ) ба факултаи механикаю риёзиёти

Донишгоҳи Давлатии Маскав ба номи М. В. Ломоносав ҳуҷҷат супорам, зеро дар ин факулта донишҷуён намерасанд. Аз рӯи ихтисосҳои кимиёвӣ бошад озмӯн муқарар карда шуда буд, зеро дар ин солҳо ба хотири шиори Н. С. Хрушёв «... ҷамъи кимиёвӣ намудани тамоми мамлакат» аксари хатмкунандагони мактабҳо барои таҳсил факултаҳои дорои ихтисосҳои кимиёвиро интихоб карда будандва ман ҳам аз ҷумлаи онҳо будам. Ғайр аз ин, дар мактаби мо фани кимиёро омӯзгори меҳрубон Обидов Э. О. дарс медод ва ӯ ба ман маслиҳат дода буд, ки кимиёшинос шавам. Бо назардошти ин ман барои ба Донишгоҳи Давлатии Маскав ҳуҷҷат супоридан ризоият надодам. М. Осимӣ таъкид намуд, ки Донишгоҳи Давлатии Маскав донишгоҳи беҳтарину бонуфузтарини шӯравист ва бисёриҳо орзу доранд, ки дар ин донишгоҳ таҳсил намоянд, вале ман дар тасмими худ устувор будам. Сипас, ӯ аз ман пурсид, ки дар Душанбе аз хешону наздикон кӣ дорам? Гуфтам, бародари калониям Ғафур Мирсаидов ин ҷо зиндагӣ мекунад. М. Осимӣ хоҳиш кард, ки бародарамро ба назди ӯ даъват намоям. Устод Осимӣ бародарамро дарҳол шинохт, зеро вай дар Донишкадаи политехникӣ таҳсил мекард. Ӯ андешаҳои худро дар бораи таҳсили ман дар

Донишгоҳи Давлатии Маскав изҳор намуд, вале бародарам ишорат ба ман кард, ки кимиёро хеле дӯст медорам ва аз устод Осимӣ хоҳиш намуд, ки маро ба ДКТМ номнавис намояд. Ҳамин тариқ соли 1962 ман ба ДКТМ дохил шудам ва устод Осимӣ ба ман фотиҳаи хайр дод. Баъдан ман бо ӯ чандин маротиба дар Маскав, вақте ки ҳамроҳи роҳбарони ҷумҳурӣ барои иштирок дар чорабиниҳо ташриф меовард, мулоқот кардам. Суханронии ӯро дар соли 1966, баъди анҷоми анҷумани XXIII ҲКИШ дар назди донишҷӯёни Тоҷикистон, ки дар шаҳри Маскав таҳсил мекарданд, ёд дорам. Вай дар ҳузури роҳбарони ҷумҳурӣ дар хусуси тарбияи кадрҳо барои ҷумҳурӣ маърӯза кард ва мо донишҷуёнро даъват намуд, ки хуб таҳсил намоем.

Моҳи декабри соли 1967 ман ДКТМ-ро хатм кардам ва ба сифати ассисенти кафедраи кимиёи умумӣ дар Донишкадаи политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ) ба кор шурӯъ намудам.

Азбаски шӯрои илмии ДКТМ маро барои идомаи таҳсил ба аспирантура тавсия намуда буд, дар ин бора ман ба мудири аспирантураи Академияи илмҳои Тоҷикистон Г. Н. Наврӯзов муроҷиат кардам. Вай ҳуҷҷатҳои маро аз назар гузаронида маслиҳат дод, ки ин масъаларо бо Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон М. Осимӣ муҳокима намоям, зеро ӯ имкон дорад маро якбора ба аспирантураи мақсаднок фиристад. Вақте ки мо ба назди М. Осимӣ даромадем, ӯ Т. Н. Наврӯзовро бо диққат гӯш кард ва гуфт, ки ман ба воситаи Пажӯҳишгоҳи кимиё имтиҳонҳои қабулро супорам, ва ҳарчанд давраи сессияи супоридани имтиҳонот дар аспирантура ҳанӯз фаро нарасида бошад ҳам, маро ба аспирантураи АИ ИҶШС фиристанд. Моҳи феврали соли 1970 ман имтиҳонҳои қабулро ба аспирантура супоридам ва Пажӯҳищгоҳи кимиё маро барои таҳсил ба Пажӯҳишгоҳи кимиёи умумӣ ва ғайриорганикӣ ба номи Н. С. Курнакови АИ ИҶШС фиристод. Баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ моҳи марти соли 1973 дар Пажӯҳишгоҳи кимиёи АИ Тоҷикистон ба кор оғоз кардам.

Дар он солҳо масъалаи манзил бисёр мушкил буд. Ман дар хобгоҳ ҳатто ҷой надоштам. Моҳи сентябри соли 1973 роҳбари илмии ман Т. Н. Димова ба сафари хизматӣ ба Душанбе омад. Ӯ аҳволи маро дида, назди раиси Пажӯҳишгоҳ Э. У. Нӯъмонов даромаду гуфт, ки агар роҳбарияти АИ масъалаи манзили маро ҳал накунад, вай тавсия медиҳад, ки ман ба шаҳри Исфара равам ва дар он ҷо аз рӯи ихтисос кор кунам, зеро соли 1973 дар шаҳри Исфара сохтмони коргоҳи истеҳсоли моддаҳои энергиябарор барои эҳтиёҷоти мудофиавии мамлакат анҷом ёфта буд ва коргоҳ ба мутахасис эҳтиёҷ дошт.

Он вақт ноиби президенти АИ Тоҷикистон академик А. Н. Махсумов буд. Фардои ҳамон рӯз Э. И. Нӯъмонов ва Т. Н. Димова назди у даромада, аҳамияти корҳои маро муфассал ба вай фаҳмониданд ва хоҳиш намуданд, ки барои ман манзил ҷудо карда шавад. А. Н. Махсумов бо ризоияти М. Осимӣ ба ман манзили духонагӣ дод. Ҳамин тариқ соҳиби манзил гаштам ва фаъолияти худро дар Пажӯҳишгоҳи кимиёи АИ Тоҷикистон идома додам.

Дар таърихи илми мо М. Осимӣ ахтари намоёнест, ки дар рушду пешрафти илму техника саҳми бузург аз худ боқӣ гузоштааст. Вай файласуфи забардасти даврони мо буд. Хидматҳои ӯро ба назар гирифта, соли 1974 Маҷлиси умумии АИ ИҶШС вайро узви вобастаи АИ ИҶШС интихоб намуд. М. Осимӣ аз зумраи он олимони маъруфи Тоҷикистон аст, ки кишвари мо бо онҳо воқеан ҳам ифтихор дорад. Муддати 23 сол (1965 – 1988) ӯ Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон ва аз соли 1988 то рӯзҳои охири ҳаёташ мушовири Раёсати Академияи илмҳои Тоҷикистон буд. Ман хушбахтам, ки солҳои 1995 – 1997 мустақиман бо ӯ кор карда дар ҳалли биёр масъалаҳо аз маслиҳатҳои муфиди ӯ баҳраманд шудам.

Ҳангоми кор бо ӯ ман бо нерӯи ҳайратангези заковат, дониши амиқ ва огоҳии комили ӯ дар як қатор соҳаҳои илм эътимоди ҳар чи бештар ҳосил кардам.

Муҳим он аст, ки устод М. Осимӣ хислатҳои инфиродии аксари аъзоёни Академияро ба хубӣ медонист ва моҳирона ақидаву ғояҳоеро илқо менамуд, ки ба шавқу рағбати онҳо мувофиқ буданд. Демократияи фитрӣ хислати фарқкунандаи М. Осимӣ буд. Вай дӯст намедошт, ки ба ӯ аз дигарон бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд. Фурӯтану хоксор буд ва бо ҳамагон муомилаи хуш дошт. Дорои ҷозибияти фавқулоддае буд, ки мусоҳибро бидуни ихтиёр ба худ ҷалб мекард. Ҳаргиз ӯ ба эҳсосот дода намешуд. Ҳар як мулоқот бо устод Осимӣ дар лавҳи хотир нақш мебаст. Ҳангоми сӯҳбат бо вай дарк мегардид, ки ӯ дили бузург ва фарҳангу маънавиёти ғанӣ дорад.

Зеҳни тези устод ҳамеша маро дар ҳайрат мегузошт. Қобилияте дошт, ки масъаларо ҳамеша дуруст иброз карда нуқтасанҷона ҳаллу фасл намояд. Вай ба хотири манфиати ҷамъият ва осудагиву саодати миллат ҳаргиз нерӯи худро дареғ намедошт ва ҳамеша саъй менамуд, ки вазифаҳои ба зимааш вогузоршударо сарбаландона иҷро намояд. Ёд дорам, барои сарфаи вақт ӯ бештар аз рейсҳои шабонаи ҳавопаймо истифода менамуд, то субҳ дар ҷои кори худ бошад. Ӯ фидоии кору фаъолият худ буд.

Мегӯянд, ки қадри неъмат баъд аз завол аст. Мо танҳо акнун саҳми бузурги устод Осимиро дарк менамоем ва ба фаъолияти ӯ баҳои сазовор медиҳем. Худи вай такрори байти зерини Мирзо Соибро дӯст медошт:

***Даъвии дониш бувад, Соиб ба нодонӣ далел,***
***Ҳар кӣ нодон мешуморад хешро, донотар аст.***

Дар илм доштани муқарриз зарур аст. Устод Осимӣ мегуфт: «Муқарриз барои олим рафиқи хубест, ки бо мусоидати вай метавон аз хатоҳои худ огоҳ гардид». Агар касе аз мо ба мушкилот ва ё нокомие дучор мегардид, ӯ моро тасалло дода мегуфт: «Ҳаёт нокомиҳо дорад ва ин нокомиҳоро бояд мардона таҳаммул намуд, зеро аз онҳо ҷойи гурез нест». Вай ҳамчунин мегуфт, ки шахсияти олим барои дигарон намуна аст.

Рӯзи 60-солагии академик М. Осимиро ёд дорам. Он вақт ӯ ба ордени Ленин сарфароз гардид ва мо олимони ҷавон барои табрик наздаш даромадем (ман он вақт раиси Шӯрои олимони ҷавони Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон будам). Устод М. Осимӣ изҳор кард, ки аз таваҷҷӯҳи олимони ҷавон ба худ хеле сипосгузор аст. Мо низ дар навбати худ ҳамеша таваҷҷӯҳ ва хайрхоҳии ӯро нисбат ба кору иқдомоти ҷавонон эҳсос мекардем.

Бояд тазаккур дод, ки М. Осимӣ дар худ беҳтарину мақбултарин хислатҳои инсонӣ – фурӯтанию мушкилнописандӣ, сабру таҳаммулу меҳнатдӯстӣ ва ғамхориву покизагиро таҷассум мекард. Вай мегуфт, ки агар олим дар ҷомеа нуфузу эътибор надошта бошад, пас илм тараққӣ нахоҳад кард. Беҳтарин нерӯҳои кишвар, ҷавонони боистеъдоду лаёқатманд бояд идомадиҳандаи илм бошанд.

Олимони асил дар бораи худ кам фикр мекунанд. Онҳо барои манфиати кишвари худ беғаразона фаъолият менамоянд. Академик М. Осимӣ низ ингуна олим буд. Вай дар бораи хусусият ва анъанаҳои илм сухан ронда, такрор менамуд, ки ҳар чизи нав аз кӯҳна ибтидо мегирад.

Ақидаҳои М. Осимӣ ҳамеша барои рушд ва пешрафти илм равона шуда буданд. Вай мегуфт, ки ақидаҳои аҳамияти бузург дошта ҳамеша оддиянд ва зикр менамуд, ки барои илм баҳсу мунозира зарур аст, зеро ин диалектикаи ҳаёт, диалектикаи илм мебошад.

Вақте, ки соли 1995 маро Президенти Академияи илмҳои ҶТ интихоб карданд, ӯ маро табрик карду гуфт: «Ба шумо маслиҳати ман сабру таҳаммул аст ва сабру таҳаммул силоҳи асосии роҳбари илм мебошад». Беҳуда намегӯянд, ки агар дар дунё чизи муҳиме мавҷуд бошад, пас ин илм аст. Илм низоми асаби даврон буда муҳимтарин восита барои муттаҳидии ҷомеа ҳисоб мешавад. Ҳаёти дурахшон, фаъолияти пурҷӯшу хурӯши М. Осимӣ нақши муассире дар илм ва ёди

пурэҳтироме дар дилу лавҳи хотири мардумоне, ки ӯро медонистанд, боқӣ гузоштааст. Ҳифзи мероси илмӣ ва анъанаҳои ибратомӯзи М. Осимӣ маънии мисли ӯ ходими хастагинопазир ва беғарази илм буданро дорад.

Ҳангоми зери роҳбарии устод М. Осимӣ кор кардан итминон ҳосил намудам, ки ӯ на танҳо бо хайрхоҳиву таҳаммули ба худ хос зердасти худро мӯътақид месохт, балки ҳангоми зарурат, ҳамчунин, эроди сахти ибратомӯзу хотирмон мегирифт ва роҳнамудҳои ҳаққонии эътиборнопазир медод.

Вай пайваста зикр мекард, ки коллективи илмӣ – колективи оддии ба таври маъмурӣ ба расмият даровардашуда нест, балки коллективи махсуси ба ягонагии манфиатҳои эҷодӣ асосёфта мебошад.

Вақте ки маро соли 1988 раиси Пажӯҳишгоҳи кимиёи ба номи В. И. Никитин интихоб карданд, М. Осимӣ ба сифати мушовири Президенти АИ ҶТ фаъолият мекард. Ёд дорам, ки ӯ ҳамроҳи Президенти АИ ҶТ академик Неъматуллоев С. Ҳ. ба Пажӯҳишгоҳи кимиё барои муаррифии раиси нав ба аҳли Пажӯҳишгоҳ омад (акдемик Э. У. Нӯъмонов раиси ифтихории Пажӯҳишгоҳ гардид). Ӯ ҳангоми муаррифӣ ба ман рӯй оварда гуфт, ки ба раис одоби ҳамида, идроки хосе барои фаҳмиши тамоюлу қобилияти кормандон, маҳорати мӯттаҳид сохтани мардум ва ташкили муҳити эҷоди дар коллектив зарур аст. Дар ин бобат сухан ронда мо дар пеши мардонагиву матонат ва наҷобати ин марди шариф, ки ватанхоҳи ҳақиқии кишвари худ буд, сари таъзим фуруд меорем.

Умр кӯтоҳ аст. Аллакай чанд сол мешавад, ки академик М. Осимӣ дар байни мо нест. Вале дар ёди ҳамзамонон ва наслҳои оянда ӯ ба сифати инсони комил, эҷодкор хастагинопазир, созмондеҳи камназир ва роҳбари бебадали илми Тоҷикистон хоҳад монд.

Имрӯз мо рӯи ниёз ба мероси илмӣ ва хотираи ин ҳамзамони маҳбуби худ меоварем. Барои аксари мо ӯ мизони рӯҳу шуури миллист. Мо имрӯз аз М. Осимӣ қадршиносӣ мекунем, зеро ӯ илми моро ба пояе бардошт, ки Тоҷикистон дар чашми ҷаҳони мутамаддин ва ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ мақоми сазовореро соҳиб гардид. Вай симои мардуми мо дар чандин анҷуманҳои байналмилалии илмӣ буд ва парчами илмии кишвари моро баланд бардошт. Ӯ аз зумраи он фарзандони асили миллат аст, ки Ватани худро машҳури олам карданд. Мероси илмии академик М. Осимӣ бояд ба таври шоиста ба Тоҷикистони соҳибистиқлол хизмат намояд. Мутаассифона асарҳои ӯ ҳанӯз танзим нагардидаанд ва мероси илмии ӯ ба таври амиқ омӯхта нашудаанд. Маълум аст, ки академик М. Осимӣ олими маъруфи чандин соҳа ва

арбоби ҷамъиятӣ буд, ки ҳар кадоме аз ин ҷанбаҳои фаъолияти ӯ шоистаи тадқиқоти махсус мебошад.

Чунон ки гуфтем, дар фаъолияти Муҳаммад Осимӣ тарбияи олимони ҷавон ҷойи махсусеро ишғол мекунад. Ӯ истоъдоде дошт, ки ҷавонони лаёқатманди ба илм майлу рағбат доштаро дарёфт мекард, Ба чунин ҷавонон махсусан таваҷҷӯҳ зоҳир намуда онҳоро аз тамоми қаламрави ҷумҳурӣ пайдо мекард ва барои таҳсилашон имконият фароҳам меовард. Баъдан онҳоро дар низоми Академияи илмҳо ба кор қабул карда, ҳамеша дар бобати пешрафти илмии онҳо ғамхорӣ зоҳир менамуд. Устод М. Осимӣ мунтазам ба масоили олимони ҷавон машғул мегардид ва олимони ҷавонро ҳамаҷониба дастгирӣ мекард. Бояд гуфт, ки худи ӯ пайваста имкону фурсат пайдо менамуд, ки бо олимони ҷавон сӯҳбат орояд, мунтазам ба пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳои ИҶШС сафар мекард ва дар хусуси қабули ин ё он рисола барои ҳимоя аз ин пажӯҳишгоҳҳо дархост ба амал меовард. Бо шарофати мусоидату дастгирии ӯ олимони зиёди мо дар пажӯҳишгоҳҳои марказии ИҶШС рисолаи номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намудаанд.

Ёд дорам, вақте ки моҳи июни соли 1985 ман рисолаи докторӣ ҳимоя кардам, устод М. Осимӣ аз аввалинҳо буд, ки маро табрик намуд. Ман аз қисмати худ сарфарозам, ки муяссарам гардид дар даврони роҳбари илми Тоҷикистон будани академик М. Осимӣ  кору фаъолият намоям. Гумон мекунам, ки фаъолияти пурсамари ҳамзамони мо академик М. Осимӣ дар маҷмӯъ, ба манфиати мардуми мо амалӣ гардида, намунаи ибрат ва илҳомбахши на танҳо насли имрӯза, балки наслҳои оянда хоҳад буд. Олимони синну соли мухталиф шогирдону пайравони М. Осимӣ мебошанд. Чанде аз онҳо зери таъсири ӯ қисмати худро ба илм пайвастанд. Вай иқтидори қадри ҷумҳуриро хуб медонист. Ҳангоми фаъолияташ ба сифати раиси Доникадаи политехникии Тоҷикистон ӯ донишҷӯёнро аз курси 2 ва 3 ба мактабҳои олии марказии шӯравӣ барои мукаммал кардани ҳайати кадрии ҷумҳурӣ мефиристод ва дар ҳаққи онҳо пайваста ғамхорӣ зоҳир мекард. Ба донишҷӯёне, ки таҳсилро дар мактабҳои олии маркази ИҶШС идома медоданд, ҳамаҷониба шароит фароҳам меовард. Ин гуфтаҳо далели он аст, ки М. Осимӣ барои инкишофи на танҳо илм, балки рушди маориф низ корҳои зиёдеро анҷом додааст. Вай амалан бо кӯшишу заҳмати худ Донишкадаи политехникиро бар по гузошт ва ба инкишофи маълумоти техникӣ дар ҷумҳурӣ таъсири калон расонд. Ҳаёти М. Осимӣ намунаи возеҳи хидмат ба мардум аст. Ӯ аз дигарон бо муносибати таваҷҷӯҳангезона ва боэҳтиромонаи худ ба мардум, хайрхоҳии тавъам бо сахтгириву принсипнокӣ фарқ мекард. Бешубҳа, ин сифатҳо ҳамзамон бо ҳисси

интернатсионализм ба М. Осимӣ имкон доданд, ки Академияи илмҳоро ба сатҳи баланд бардоранд.

Дар таърихи навтарини Академия ду мафҳум: М. Осимӣ ва Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистонро аз ҳам ҷудо намудан имконнопазир аст. Вай беҳтарин солҳои ҳаёти худро сарфи рушди Академияи илмҳо кард. Устод М. Осимӣ аз рӯи табиат одами фозил ва ҳадафманд буд, ки мақсади дар назди худ гузоштаро иҷро менамуд. Номи ӯ зиндаву ҷовид аст ва дар таърихи илми мо бояд бо ҳарфҳои заррин сабт гардад.

Шодравон Муҳаммади Осимӣ нақшаҳои зиёде дошт. Ӯ борҳо мегуфт, ки ғановати табиати кишвари мо бояд барои таҳкиму болоравии иқтисоди кишвар, нуфузу эътибори халқи мо, таъмини манфиати наслҳои ояндаи Тоҷикистон хидмат намояд. Мо дар симои ӯ олими соҳибэҳтиромро мебинем. Академик Осимӣ тандурустии хуби фитрӣ дошт, дар 76 соли зиндагии худ чусту чолок ба назар мерасид ва агар душманони миллат ӯро нобуд намекарданд, метавонист умри бештаре бинад ва барои кишвари мо хидмати бештаре намояд. Ин ҷо бояд суханони Кузма Прутковро ёдовар шавем, ки мегуяд: «Донишманд андешаву эҷод менамояд ва одами оддӣ онро амалӣ месозад, дигарон онро истифода мекунанд, вале сипосгузорӣ наменамоянд, аммо душман нобуд мекунад».

Дар бораи ин одами наҷиб, ки дониши фарогир ва шуури илмии ғайратангезро доро буду фаъолияти пурсамари илмиву эҷодӣ ва илмиву созмондеҳӣ дошт, ҳама чизро гуфтан имкон надорад. Бегуфтугӯ, мусаллам аст, ки наслҳои оянда боифтихор номи ӯ, номи фарзанди асили миллати тоҷик, олими бузург ва инсони комилро бо муҳаббату самимият ба забон хоҳанд гирифт.

Устод Осимӣ байти зерини Шайх Саъдиро борҳо такрор мекард ва ба назари мо худи ҳамин байт дархӯри аҳволу рӯзгори ибратомӯзи худи ӯст:

***Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,***
***Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.***

«Ҷумҳурият» 29. 04. 2000

## ҲАЁТИ ДУРАХШОНИ АКАДЕМИК РАҶАБ АМОНОВ



Ман бовар дорам, ки бо мурури замон симои академик Р. Амонов дар байни чеҳраҳои мӯътабар ва бузурги кишварамон мақоми арзандаи худро пайдо менамояд. Дар бораи ӯ асарҳо хоҳанд навишт. Роҳи тайкардаи ӯ дастраси илм ва таърих хоҳад буд.

Мухтасар бошад ҳам, дар бораи ин шахсе, ки ҳамроҳаш дар Академия кор кардаам, ҳикоят мекунам.

Р. Амоновро ман ҳанӯз аз давраи мактабхониам медонистам. Мо аз китоби дарсии ӯ «Забони модарӣ» таълим мегирифтем. Бори нахӯст ман ӯро соли 1961, вақте ки бо падарам ба дидорбинии бародарам ба Душанбе омада будам, дидам. Падарам Р.Амоновро хуб мешинохт. Онҳо дар як кӯчаи Ӯротеппа иқомат доштанд. Амакам Мирбобо  Баротов ҳам дар бораи Р.Амонов ба ман суханҳои нек гуфта буд. Ҳанӯз дар соли 1938, ки ӯ дар мактаби маҳви бесаводӣ дарс мегуфт, амакам он ҷо мехонд, гарчанде сини он кас аз Р.Амонов хеле калон буд.

Академик Р. Амонов 01.08.1923 дар шаҳри Ӯротеппа таваллуд ёфтааст. Соли 1938 ӯ омӯзишгоҳи муаллимиро хатм карда, ба ҳайси муаллим дар мактаб кор мекард. Соли 1947 ӯ институти омӯзгориро хатм кард. Аз соли 1948 то охири умраш дар Академияи илмҳои Тоҷикистон кор кард.

Ӯ яке аз собиқадорони филологияи тоҷик, муҳақиқи барҷастаи эҷодиёти шифоҳии он ва созмондиҳандаи бомаҳорати ҷустуҷӯиҳои илми буд.

Р.Амонов ба тадқиқоти илмӣ соли 1948, ҳангоми таҳсил дар аспирантураи ТФАН СССР таҳти роҳбарии узви вобастаи Академияи улуми  Иттиҳоди Шуравӣ Е.А.Бертелс шурӯъ намуд.

Соли 1953 ӯ рисолаи номзадиашро ҳимоя кард. Соли 1958 ӯ сарварии шӯъбаи навтаъсиси Институти забон ва адабиёт-шуъбаи фолклорро, ки кори гирдоварӣ ва нашру тадқиқоти осори шифоҳии мардуми тоҷикро оғоз карда буд, бар ӯҳда гирифт.

Дар давраи фаъолияташ дар Институти забон ва адабиёт, дар тули 40 сол Р.Амонов зиёда аз 20 асари илмӣ ва илмиву оммавӣ, аз ҷумла «Очерки эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» (1963); «Лирикаи халқи тоҷик» (1968), маҷмуи мақолаҳои «Каломи бадеии халқ ва замон» (1971), «Таърихи адабиёти бачагонаи тоҷик» (1981), дар ҳудуди 250 мақола ва тақриз дар мавзӯъҳои мухим, ки бо таҳлилу баррасиҳои асосноку методологи фаро гирифта шудаанд, ба табъ расонидааст.

Р.Амонов аз соли 1952 дар навиштан ва ба чоп расонидани китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна ширкат меварзад. Ӯ муаллифи «Китоби хониш»-и синфи 3 (1951-1979), «Адабиёти ватан» (бо ҳаммуаллифии М.Шукуров) барои синфи 6 (1953-1979) мебошад. Бо ҳамкории профессор В. Асрорӣ ӯ китоби дарсии «Эҷодиёти шифоии халқ» барои мактабҳои олии ҷумҳуриро таълиф намудааст.

Р.Амонов маҷмӯаҳоӣ фолклории зеринро ба табъ расонидааст: «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» (1956-1963), «Чистонҳо» (1957 дар ҳамкорӣ бо Я Калонтаров), «Афсонаҳои халқи тоҷик» (1957), «Намунаҳои фолклори диёри Рӯдакӣ» (1958,1963 бо ҳамкории М.Шукуров), «Афсонаҳои тоҷики» Москва, 1960, Душанбе, 1963; 1975; 1980) ва ғайраҳо.

«Афсонаҳои халқи тоҷик» ба забонҳои немисӣ (Берлин 1950, Вена 1962), англиси (Берлин 1960), венгерӣ (Будапешт, 1970) тарҷума шудаанд.

Ба қалами ӯ очеркҳои илмӣ-бадеии «Аз пайи дурдонаҳои эҷодиёти халқ» (1963), повести «беди баланд, чанори пургул ва себи Самарқанд» (1977), «Афсонаҳои сеҳазорсола» таҳти унвони «Амударё дар пиёла» ба забони русӣ (дар маҷалаи Помир, 1973 ва дар нашриёти Ирфон, 1977) чоп шудааст.

Таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи Р.Амонов Своди чилҷилдаи фолклори тоҷик, ки барои фолклоршиносии ҷаҳон низ арзишманд аст, таҳия ва муратаб гардидааст. Ин асар аз тарафи олимони хориҷӣ ва кишварамон сазовори баҳои баланд гардид.

Фонди илмии фолклори тоҷик ва каталогҳои он, ки таҳти роҳбарии Р.Амонов ташкил ёфтааст, бо равияи навине, дар фолклоршиносии шуравӣ, яъне бо усули таҳлили миқдорӣ баррасӣ намудани маводи филологӣ асос ёфтааст. Ин усул дар фолклоршиносии байналмилалӣ маълум буда, он ҳамчунин дар фолклоршиносии давлатҳои ҳамсоя низ

мавриди барраси қарор гирифтааст. Мактаби фолклоршиносии Р.Амонов аз тарафи аҳли илм эътироф шудааст.

Ман бо Р.Амонов аз наздик соли 1995, вақте ки маро президенти Академияи илмҳо интихоб карданд, шинос шудам. Аз вохӯрию мулоқот бо Р.Амонов ҳамеша шод мешудам. Ӯ аз рӯи отифаи фардӣ ва масъулиятшиносиву мусақилияш табиатан олим буд. Академик Р.Амонов гуфтанию гапҳои калонро дӯст намедошт. Ӯ дар айни замон созмондиҳандаи мактаби фолклоршиносӣ буд. Ӯ дар бораи одамон ва ҳамкорони худ ҳеҷ гуна бадгӯие намекард. Р.Амонов ба қаҳрамониҳои меҳнатӣ даъват намекард, тимсоли қаҳрамонӣ – тамоми ҳаёти ӯ, ки иборат аз хидмат кардан ба илм мебошад, буд. Ӯ ватандӯсти ҳақиқие буд, ки идеалҳои хешро бо таъсири шароитҳои сиёсӣ дигар намекард. Р.Амонов ҳамеша машғули эҷод буд. Қобилияти меҳнатдӯстиаш ба саломатим ӯ таъсир мекард, вале бо тарзи дигар кор карданро ӯ намедонист.

Имрӯз ҳифз кардани мероси илмии Р.Амонов, интихоби роҳҳои назики рушди фолклоршиносӣ ва даст ёфтан ба муваффақиятҳои нав бисёр муҳим аст. Аз суҳбату мулоқотҳо ба Р.Амонов дар ёфтам, ки ӯ ҳисси баланди масъулиятшиносӣ дошт.

Ӯ чун олим ва ватанпарасти асил ҳатто дар замоне, ки ибрози ақидаҳои шахсӣ хатарнок буд, мавқеъ ва боварии худро комилан ҳифз мекард. Махсусан дар соли 1992, ки бисёриҳо ақидаҳояшонро тағйир доданд, ӯ дар саҳифаҳои матбуот сохти конститутсиониро нотарсона муҳофизат кард.

Ӯ ба ақидаҳои худ содиқ монда, ҳамроҳ бо дигар шахсони ҳақиқатҷӯй дар ҳали масоили муҳими ҷомеа ширкат варзид.

Р.Амонов шахси ҳаматарафа тарақикарда буд, дорои як қатор хусусиятҳо аз ҷумла ,ақлу заковат, феълу хӯи қавӣ, қудрати анҷом додани корҳои фавқулода, вазифашиносӣ, фурутанӣ ва амсоли он буд. Ӯ чун шахси хоксор ба одамони ваъдабозу гапфуруши соҳаи илм нафрат дошт. Р.Амонов ба илм содиқ буда, ба рушди он тамоми ҳаёти худро бахшид. Воқеан шахси бузург ва олиму мутафаккир буд. Сифатҳои волои ахлоқию равврнии ӯ дар ҳама чиз таҷассум ёфта буд ва барои ҳамин ҳам одамоне, ки бо ӯ кор мекарднд, фидоии соҳаи хеш ба шумор рафта, қарзи виҷдонии худро содиқона адо мекарданд.

Тақдир ба ман имкон дод ки бо як зумра олимони мӯътабари кишварамон кор кунам. Гоҳе ба ман тавре менамояд, ки гӯё бисёре аз онҳо одамони оянда, аз даврони дигар будаанд. Дар байни онҳо албатта Р.Амонов низ ҳаст. Ӯ тавре гуфта гӯзаштам, девкор буд, гӯё дар кор месӯхт, мекӯшид ҳар чӣ бештар кор кунад. Ӯ доир ба даврони мушкил истиқрори истиқлолият маводи зиёде дар даст дошт. Солҳои охир мехост онҳоро ҷамъбаст намояд. Ҳар гоҳе, ки Р.Амоновро ба хотир меоварам, табъам болида мегардад. Тайи даврони даргӯзашти Р.Амонов борҳо шунидаам, ки дар борааш мегуфтанд, ки ӯ воқеан шахси аз ҳар ҷиҳат нотакрор буд.

Д.И.Меделеев гуфта буд: «Хидматгузори ба илм дар шахс хоксориеро, ки бо суботкорӣ тавъам аст, тарбия намуда, ӯро аз кибру ғурур ва андешаҳои ғалат, ки ӯро пойбанд намудаанд, барҳазар медорад. Ҳаёти дурахшони Р.Амонов ба ин гуфтаҳо комилан мувофиқат мекунад.

Заҳмати академик Р.Амонов бо ҷоизаҳои ҳукуматӣ қадр карда шудааст.

Ӯ дорандаи Ҷоизаи Давлатии ба номи Абӯалӣ Сино мебошад.

Президенти мамлакат Э.Ш.Раҳмонов дар паёми табрикотии хеш ба муносибати 75-солагии Р.Амонов навиштааст: «Эҳсоси баланди ватандӯстие, ки дар қалби Шумо ҳанӯз аз даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки худ иштирокчии он будед, зоҳир гардида, дар рӯзҳои сахти кишварамон ҳидоятгари асосии фаъолияти илмию ҷаъмиятии Шумо қарор гирифта, Шуморо дар сафи муборизони истиқрори сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ ва мӯътадил гардонидани вазъи сиёсию иҷтимоии Ҷумҳурӣ гузошт. Чанд соле Шумо дар таҳияи барномаи ваҳдати миллӣ, ки натиҷааш мураттаб сохтани асноди муҳими Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон гардид, кӯмак кардед.»

Соли 1999 академик Р.Амонов бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардонида шуд.

«Ҳар қадар дастовардҳои олим бузург бошад, ҳамон қадар зикри онҳо осон аст», - гуфта буд П.Л.Капица». Комёбиҳои илмии Р.Амонов дар рушди фолклоршиносии кишварамон бо ҳарфҳои заррин навишта хоҳад шуд. Таҳқиқоти ӯ дар фолклоршиносӣ, бешак мавқеи муҳимеро ишғол хоҳанд кард. Имсол синни Р.Амонов ба 80 мерасид. Касро бовар

намеояд, ки он кас дирӯз бо мо буд, имрӯз моро ҷовидони падруд гуфтааст.

**Аз китоби Рамзкушои фарҳанги мардум, Душанбе, 2003**

# ЧАНД СУХАН ДАР ЗОДРӮЗИ ЗУФАРХОН ҶАВҲАРӢ



Ба туфайли пойдор гардидани сулҳу амонӣ дар мамлакати мо, ба даст омадани комёбиҳои муҳим дар ҳаёти сиёсиву маънавии ҷомеа дар солҳои охир қадршиносӣ ба бузургони илму адаб ва арбобони сиёсату давлат бештар гардида истодааст.

Таҷлили ҷашнҳои арбобони бузурги адабу фарҳанги тоҷик, худогоҳӣ ва худшиносии мардуми моро раванди тоза бахшида, дар болоравии маърифату маънавияти он саҳм хоҳад гузошт.

Дар воқеъ ҳам тарбияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, одобу ахлоқи ҳамида ва маданияти баланд бе истифодаи мероси ғанӣ ва арзишманди шоирону адибон ва олимону сиёсатмадорон номумкин аст.

Дар охири асри XIX ва нимаи аввали асри XX адибону шоироне зиндагӣ ва фаъолият карда буданд, ки дар рушди афкори иҷтимоӣ ва адабии мо саҳми намоёне гузоштанд. Онҳо ҳам то Инқилоби Октябр ва ҳам баъди инқилоб ба мамониатҳо нигоҳ накарда, тавонистанд ба фарҳангу миллаташон хидмати шоистаеро анҷом диҳанд.

Зуфархон Ҷавҳарӣ аз ҷумлаи чунин бузургони адабиёти нимаи аввали асри XX аст. Шоирону олимони намоёни ҳамзамонаш ҳанӯз пеш аз инқилоб ба эҷодиёти ӯ баҳои баланд додаанд.

Устод Айнӣ, ки бо Ҷавҳарӣ муносибатҳои дӯстона ва эҳтироми махсус доштааст, ӯро “аз устодони адаби он давра” номидааст. Устод Лоҳутӣ ва академик Б.Ғафуров низ истеъдоди баланд ва донишмандии ӯро эътироф кардаанд.

Дар эҷодиёти Ҷавҳарӣ ғазал мавқеи асосиро ишғол мекунад. Ғазалиёти ӯ аз мавзӯъҳо ишқӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ иборат буда, қисме аз онҳо оҳангҳои тасаввуфӣ низ доранд. Ғазалҳои Ҷавҳарӣ дар сабки Бедил навишта шудаанд, вале ӯ дар пайравии шоири бузург, чунон ки устод Айнӣ гуфтааст: “сохтакорӣ ва тақлид ба кор набурдааст”.

'Баъд аз Инқилоби Октябр Ҷавҳарӣ дар мавзӯъҳои мактабу маориф, таъсис-ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон, озодии занон шеър навишта, дар рӯзномаю маҷаллаҳои он замон ба табъ расонидааст. Вале баъд аз он солҳои тӯлонӣ хомӯш мондааст.

Дар давраҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҷавҳарӣ аз нав ба кори эҷодӣ шурӯъ намуд ва бо шеъру достонҳои ватандӯстонаи худ ба талаби ҷомеа ва замон ҳамовоз гардид.

Ҷавҳарӣ соҳиби завқи баланд, истеъдоди фитрӣ, инсони меҳрубон ва устоди нуктасанҷ буд. Як зумра адибони соҳибзавқ ба мисли Бадриддини Азизӣ, Ноил Шерзода, Лутфӣ Обидхоҷаев, Мунирхон Муинзода аз ӯ таълими шеъру адаб гирифта буданд. Фарзанди Ҷавҳарӣ - Суҳайлӣ Ҷавҳаризода низ дар адабиёти тоҷик хидмати босазое кардааст.

Ҷавҳарӣ дар байни мардум обрӯю эътибори калон дошт. Овозаи шеъру шоирии ӯ то ба Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Тошканд, Фарғона ва соири марказҳои мадании Осиёи Марказӣ ва берун аз ҳудуди он низ паҳн гардида буд.

Ашъори баландмазмун ва баландсанъати Ҷавҳарӣ, шахсияти ӯ имрӯз барои мо хеле арзишманд аст.

Ҳоло донишмандони мо, мутахассисони соҳаи фалсафа ва адабиётро зарур аст, ки мероси адабии Зуфархон Ҷавҳариро дар робита бо адабиёти классикии тоҷик баррасӣ намоянд. Инчунин нақши ӯро дар поягузории адабиёти муосири тоҷик нишон диҳанд.

Тадқиқоти эҷодиёти Зуфархон Ҷавҳарӣ бояд дар асосҳои илмӣ сурат гирад.

Аз китоби “Ду адиби номвар”, Душанбе, 2003

## ЯГОНАГИИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

***(Чанд сухан дар бораи фаъолияти илмии академик А.Н.Максумов)***



Вақте сухан дар бораи рушди илми кишоварзии ҷумҳурӣ меравад, беихтиёр дар байни олимон аввалин шуда номи доктори илмҳои кишоварзӣ, академики илмҳои кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон Акбар Нусратуллоевич Максумовро ёдовар мешавем. Ин тасодуфӣ нест, зеро ӯ олими машҳур ва барҷаста, шахсе, ки умри худро барои ташаккул ва рушди илми кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ бахшидааст, мебошад.

Бо итминон метавон гуфт, ки хизмати ӯ дар тамоми дастовардҳои кишоварзии ҷумҳурӣ бузург мебошад.

Ҳангоми сафар аз Душанбе ба самти ноҳияи Кофарниҳон (ҳоло ноҳияи Ваҳдат) бо ҳайрат аз ҳар ду ҷониб заминҳои ҳосилхез, майдонҳои ҳамвор, каналҳои равон, қатори дарахтҳои тут, ки ҳамаи ин натиҷаҳои заҳматҳои вазнини деҳқонон ва мутахассисони соҳаи кишоварзии ноҳия мебошанд, мушоҳида намудан мумкин аст. Саҳми олими намоён А.Н. Максумов дар ин ҷо зиёд аст, зеро дар солхои 50-ум ӯ дар ин ҷо фаъолияти худро ба сифати сарагроном оғоз намудааст. Маҳз дар ҳамин давра у ба хулосае омад, ки ҳаёташро ба илми кишоварзӣ мебахшад.

Солҳои зиёд мегузаранд ва натиҷаҳои дастовардҳои А.Н.Максумов ва кашфиётҳои ӯ на танхо барои кормандони хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, балки ба кишварҳои дигар низ дастрас мегарданд.

Назарияи ҳамкории соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ ва чорводорӣ дар асарҳои А.Н. Максумов ҳамаҷониба татбиқ карда шуда, ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ миллион маблағхо ва фоидаҳо овардааст. Таснифи заминҳои лалмӣ ба иқлими кишоварзӣ, ки дар асарҳои А.Н. Максумов асоснок карда шудааст, ба коркунони хоҷагии қишлоқ имкон дод, ки дар теппаҳо боғдориро инкишоф диҳанд.

Чанд сол қабл дар Тоҷикистон бори аввал 1 миллион тонна пахта ҷамъоварӣ карда шуд.

Дар ин рекорди калон саҳми А.Н. Максумов на танҳо ба ҳайси як тадқиқотчии илмӣ, балки ҳамчун як ташкилотчӣ ва роҳбар низ зиёд мебошад. Ӯ дар мақолаҳои маъруфи худ, «Сарчашмаҳои зиёд намудани пахта» ва , «Истеҳсоли пахта дар Тоҷикистон», роҳҳои беҳтар истифода намудани навъҳои ҳосилхези пахтаро муайян кардааст.

Бояд қайд намуд, ки хусусияти асосии эҷодиёти Акбар Нусратуллоевич ин алоқамандии зичи назария бо амалия мебошад. Мушоҳидаҳо ва андешаҳои назариявии ӯ аз замин, аз меҳнат ва кӯшишҳои коргарони деҳот ба вуҷуд меомаданд. Аз ин рӯ меҳнатҳои ӯро ҳам деҳқонон, ҳам олимон ва сиёсатмадорон қадрдонӣ мекунанд. Академик Н.А. Максумов солҳои тӯлонӣ, яке аз Роҳбарони Академияи илмҳо, вазири кишоварзӣ, директори Институти ботаникаи Академияи илмҳо ва дар мансаби олии давлатии муовини аввали Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Роҳи зиндагии ӯ бо рушди илм ва давлатдорӣ дар кишварамон зич алоқамандӣ дорад.

Имрӯз, вақте ки мо давлати мустақил бунёд мекунем, дарк мекунем, ки

илм ва маориф, аз он ҷумла илми кишоварзӣ саҳми арзанда доранд. Халқи тоҷик аз давраҳои қадим бо кишоварзӣ хуб шинос буд ва бо маҳорати зироаткорӣ дар тамоми ҷаҳон шӯҳрат ёфта буд. Замини ҳосилхези мо ба рушди илми кишоварзӣ ниёз дорад. Хурсандиовар аст, ки як қатор олимон дар ин самт содиқона фаъолият менамоянд, ки Акбар Нусратуллоевич дар байни онҳо, ҳамчун ситораи дурахшон намоён буданд. Мо ифтихор дорем, ки академик А.Н. Максумов қисми зиёди умр ва фаъолияташро ба маркази илмии Академияи илмҳо бахшидааст ва ба қуллаҳои баланд расидааст. Дар солҳои 50-ум, вақте ки А. Мақсумови ҷавон ба илм ворид шуд, илми кишоварзӣ аҳамияти калон дошт, зеро замон истифодаи захираҳои табииро барои рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ талаб мекард. Дар назди олимони тоҷик вазифаҳои омӯзиши роҳҳои оқилонаи истифодаи захираҳои табиӣ қарор доштанд.

А.Н. Максумов дар масъалаи истифодаи заминҳои лалмӣ боғайратона кор мекард. Дар муддати кӯтоҳ А.Н. Максумов тавонист роҳҳои гуногуни истифодаи оқилонаи заминро дар шароитҳои Тоҷикистон муайян созад. Дастовардҳои олим, хусусан, дар истифодаи замин дар пахтакорӣ аҳамияти калон доштанд. А.Н. Максумов содиқона ва бебаҳо ба илм хизмат намуда, истеъдод ва меҳнат дар шахсияти ӯ зич алоқаманданд.

Тӯли солҳои зиёд ин олими ботаҷриба мушовири Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва маслиҳату мулоҳизаҳои ӯро ҳангоми таҳияи Оинномаи Академия, дастгирии олимони ҷавон ва онҳоро ба мансабҳои баланди роҳбарикунанда пешниҳод намудан ва ғ. манфиатҳои зиёде оварда буд. Хирадмандии ӯ имкон дод, ки мушкилотҳои зиёде ҳаллу фасл карда шаванд. Ӯ дар байни ҷомеаи илмӣ

ва фарҳангии ҷумҳурӣ бо меҳрубонӣ ва хайрхоҳӣ эҳтироми зиёд пайдо кард. Ӯро дар бисёр марказҳои илмии кишоварзии кишварҳои хориҷӣ мешиносанд. А.Н. Максумов ҷавононро бо меҳрубонӣ на танҳо дар илм, балки дар масъалаҳои шахсӣ низ дастгирӣ менамуд. Дар ёд дорам, вақте пас аз хатми аспирантура дар Москва, соли 1973 ман ба Душанбе баргаштам, маҳз ба туфайли дастгирии А.Н. Максумов соҳиби хона шудам, ки он солҳо хеле мушкил буд. Академик А.Н. Максумов ҳеҷ гоҳ ба касе ҳасад намебурд ва аз дастовардҳои шогирдонаш шодию ифтихор мекард. Аз ин рӯ ҳама кормандони Академияи илмҳо бо камоли эҳтиром ӯро ёд мекунанд. Ӯ ҳамчун устоди илмҳои кишоварзӣ, ҷойи дигар олимонро дар соҳаи худ эътироф мекард.

Мутаассифона, ӯ имрӯз дар байни мо нест, аммо корҳои неки ӯ дар ҳаёти мо боқӣ мондаанд ва минбаъд низ ба хотири рушди илму ҷомеа амалӣ мегарданд.

Душанбе, май, 2003

## ЁДЕ АЗ НЕКМАРДИ БУЗУРГ – ЗИКРИ ХАЙРИ УСТОД



***Ӯ некбин буд ва ба пешомади илму тавҳиди миллаташ назари нек дошт. Марди ростарав, росткору ростманиш буд.***
***Зиндаву ҷовид монд, ҳар ки накӯном зист***
***К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро***

Мулоқоти ман бо Э. У. Нӯъмонов соли 1970 дар Маскав ҳангоми таҷлили ҷашни Наврӯз сурат гирифт. Суханронии ӯ дар он ҷо ҳанӯз аз хотирам нарафтааст. Ӯ дар бораи аҳамияти илму фарҳанг сухан гуфт. Баъдан ман бо ӯ дар шаҳри Исфара, ки он ҷо озмоишҳои таҷрибавию саноатии ҳидрити филизот мегузашт, вохӯрдам. Вай дар масъалаи кимиёи ҳидратҳо сӯҳбат орост, дар бобати зарурати рушди ин соҳа дар Пажӯҳишгоҳи кимиёи АИ Тоҷикистон изҳори ақида кард ва маро баъди хатми давраи таҳсилоти аспирантура ба Душанбе даъват намуд.



Соли 1973 ман дар Пажӯҳишгоҳи кимиё, дар озмоишгоҳи кимиёи моводи холиси фторидӣ ба кор оғоз кардам. Устод Нӯъмонов натиҷаи кори маро маъқул донист ва соли 1974 дар назди мудирияти Пажӯҳишгоҳ гурӯҳи кимиёи ҳидритҳоро созмон дод. Дар он солҳо пайдо кардани ҷои озмоишгоҳ, ҳаллу фасли масоили марбути ҷадвали вазифа ниҳоят душвор буд. Вале ӯ ва муовини мудири Пажӯҳишгоҳ Д. Н. Поччонов (ҳоло академик – дабири Шӯъбаи илмҳои физика, риёзиёт, кимиё ва геологияи АИ Тоҷикистон) ба душвориҳои мавҷуда нигоҳ накарда, гурӯҳи моро бо ҳама гуна маводи зарурӣ таъмин карданд.

Дар роҳи мунтазами гузаронидани ҷустуҷӯҳои илмӣ, ба ҳар мартабае, ки расидам, он бо дастгирӣ ва пуштибонии ду нафар докторони кимиё – Т. Н. Димова ва академик Э. У. Нӯъмонов сомон гирифт.

Э. У. Нӯъмонов бо дониши амиқу фаррох дар илми кимиё шӯҳрат ёфт. Гумон мекунам, ки яке аз сабабҳои заковати фавқулоддаи ӯ ба ҷуз қобилияти фитрӣ, мунтазам гузаронидани таҷрибаҳои гуногуни кимиёвӣ буданд.

Э. У. Нӯъмонов соли 1946, пас аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба Сталинобод баргашт ва филҳол аз паи итмоми таҳсил гардид, ки ба сабаби оғози ҷанги ҷаҳонӣ – соли 1941 мавқуф гузошта, ихтиёрӣ ба ҷабҳаи ҷанг рафта буд.

Ӯ соли 1947 бо дастгирии дӯсти худ М. Осимӣ Донишкадаи омӯзгории ш. Хуҷандро ғоибона хатм намуд ва дар баробари ин дар Пажӯҳишгоҳи кимиёи Академияи илмҳои Точикистон кор кард. Соли 1948 Э. У. Нӯъмонов ба аспирантураи Пажӯҳишгоҳи кимиёи органикии Академияи илмҳои ИҶШС дохил шуд. Дар аспирантура зери роҳбарии академик Баландин ба кор шурӯъ кард, вале соли 1949 Баландин А.А. ҳабс шуд ва озмоишгоҳи ӯро барҳам доданд. Э. У. Нӯъмоновро ба озмоишгоҳи академик Верешагин Л.Ф. даъват намуданд, ки ӯ он ҷо дар хусуси масоили дарёфти мавод зери фишори баланд машғулият дошт. Э. У. Нӯъмонов ҳанӯз дар оғози фаъолияти илмиаш дар соҳаи мухталифи кимиёи органикӣ кор мекард. Ӯ, ки ангеза ва кимиёи таҳлилиро хуб медонист, ба яке аз сохтори мушкили кимиё – дарёфти мавод зери фишори баланд соли 1952 бо мувофиқият рисолаи номзадӣ дифоъ кард.

Бо Эшонқул Усмонович кор кардан осон буд, чунки ӯ ба ҳар кор омода буд, ҳамеша ба принсипи худ устувор мемонд ва худро хушбахт меҳисобид. Устод Нӯъмонов росткор буд. Онҳоеро, ки ба пешрафти илми кимиё халал мерасонданд, дӯст намедошту танқид мекард. Ӯ назария ва амалияи илми кимиёро нағз медонист ва кимиёшиноси ватандӯст буд: ба омӯзиши амиқи таркиби кимиёи ҷойҳои нафтхези Тоҷикистон пардохт ва роҳҳои ғайрисӯзишвории истифодаи нафтро нишон дода, адади зиёди ҳаммонандҳои нафтиро таҳлилу таҷзия намуд. Ӯ дар ҳаёт ва дар ҷодаи илму маърифат некбин буд. Ӯ ба насли ҷавони кимиёдонҳо эътимоди куллӣ дошт. Бисёр ва то метавонист, ба ҳар кадоми онон дасти ёрӣ дароз мекард.

Ӯ мегуфт, ки таърихи илми кимиё дар Тоҷикистон – ин таърихи Пажӯҳишгоҳи кимиёст. Кимиё ҳеҷ гоҳ эътибори худро аз даст нахоҳад дод. Ӯ дар маҷлиси муштараки Академияи илмҳои Тоҷикистон бо роҳбарони ҷумҳурӣ бо ҷуръат суханронӣ мекард ва дар суханрониҳои ӯ далел бештар аз фикрронии умумӣ истифода мешуд.

Бале, кор бо Э. У. Нӯъмонов бароям на танҳо мактаби одамият, балки беҳтарин мактаби илмӣ низ буд. Ӯ ҳамеша мегуфт, ки дар ҷавонӣ ба ҳар чиз муваффақ шудан мумкин аст, ба қадри вақт бояд бирасем.

Омӯзгори барҷаста ва устоди роҳнамо Э. У. Нӯъмонов як зумра олимон ва мутахассисони барҷастаро ба воя расонд. Дар фаъолияти ҳар як олими кимиё нақши ӯ, усулуби кори ӯ аён аст, ки осори онро на танҳо дар ҷаҳонбинӣ ва ташаккули муҳаққиқ, балки дар хусусиятҳои шахсии ӯ метавон равшан дид. Бо ташаббус ва ёрии Эшонқул Усмонович озмоишгоҳҳои кимиёи тселлюлоза, кимиёи ҳаёттанзим, кимиёи

пайвастагиҳои гетеросиклӣ таъсис гардиданд. Накӯкорӣ, некбинии ӯ, босуботияш дар ҳаллу фасли масоили мубрам ҳамеша барои мо ба сифати манбаи зӯру тавонои дарёфтҳои тоза боқӣ мемонад. Ба хусус муносибати ӯ нисбат ба дарки ҳодисаҳои кимиёвӣ, фикрронихои боҷуръати ӯ ҳам дар ҷодаи илм, ҳам дар зиндагӣ барои мо арзишманд ҳастанд. Сифатҳои ӯ чун олим ва чун инсони бузург дар доираи васеи кимиёдонҳои худӣ ва хориҷӣ эҳтиром ва обрӯи зиёдеро ба ӯ насиб кардаанд.

Бахусус қобилияти мӯшикофонаи ӯ нисбати ҳодисаҳои табиат ва ҳаёти ҷомеа барои мо арзиши зиёд доштанд. Ӯ то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ ғами амалӣ шудани корҳои моро мехӯрд. Ӯ саҳми арзандаи худро дар амалӣ сохтани ақидаҳои пешқадами замон гузоштааст. Хоксорӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстию суботкорӣ, тозагии афкор ва ғамхорӣ, шӯхтабъӣ хусусиятҳои хосаи ӯ буданд. Аз ӯ ба мо мероси фаровоне расидааст ва дар тинати ӯ ҳиссиёти ғайриоддии заковатмандӣ, беғаразонаю дақиқкорона дода тавонистани баҳо ба комёбиҳои илмӣ, нияти пурарзиш ва зиракию хирадмандӣ ба ҳам омада буданд.

Ӯ мегуфт: «дар илм ба ҳасад ҷой нест, дар он фақат мусобиқот ва эҳтироми тарафайн ҷой дорад».

Эшонқул Усмонович таъкид мекард, ки барои олим падидаи аз ҳама муҳими пурарзиш – шогирдони ӯянд. Тарбияи шогирдони донишманд ва пайравони собитқадам, ки дар ҷодаи илму маърифат аз устоди худ камтар набошанд, ҳадафи асосии ҳар олим бояд бошад.

Олим танҳо дар шароити озодии комил, бе ягон маҷбурият, метавонад нумӯъ кунад ва барои олим илова бар ин дорои маданияти мубоҳисаҳои илмию муҳоварахо будан хеле муҳим мебошад. Ин хислат унсури муҳими пиндору гуфтору рафтор ба ҳисоб меравад. Ин падидаҳо барои ӯ муҳим буданд ва ӯ аз онҳо пайравӣ мекард. Академик Э. У. Нӯъмонов ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод, ки барои ба дараҷаи баланди касбӣ расидани ҳайати кормандон ёрӣ расонад. Ӯ мегуфт: «Дар натиҷаи ба сари кор овардани олимони дурӯғӣ мо зери пояҳои илм моддаи таркишовари дерамалеро хоҳем гузошт».

Бидуни тарбияи олимони ҷавон устоди ҳақиқӣ нахоҳем шуд, гарчи дастгоҳҳои олии муҷаҳҳаз дошта бошем. Мо он чизро бояд аз бар кунем, ки барои дастгириву кӯмаки шахсони боистеъдод дар шароити иқтисоди бозаргонӣ саҳмгузорӣ карда тавонад. Ба мо лозим аст, ки мактаби кимиёи академик Э. У. Нӯъмоноврo ҳифз кунем.

Д. И. Менделеев гуфта буд: «Дуруст гузоштани масъала маънии нимаи онро ҳал кардан аст». Академик Нӯъмонов дар дурустгузорӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳо дасти боло дошт.

Рушду нумӯи илм бо се омили муҳим муайян мегардад: якум – пояи моддӣ, дуввум – созмондиҳии кори илмӣ ва саввум – шароити маънавӣ. Кори илмиро ба се самти асосӣ метавон гурӯҳбандӣ намуд: моддӣ, ҷусторӣ ва корбурдӣ.

Баҳри рушди бомуваффақияти тадқиқотҳои илмии моддӣ ва ҷусторӣ шароитеро фароҳам бояд сохт, ки беҳтарин нерӯҳои илмӣ ба ҳам оянд.

Баҳри ин на танҳо васоити комили моддӣ, балки аз ҳама муҳим вазъияти мувофиқи маънавӣ зарур аст. Чунин вазъиятро Э.У.Нӯъмонов барои ҳайати кормандон ба вуҷуд оварда буд.

Ҳар гуна мавзӯи илмиро, ҳар чӣ қадар он хуб бошад, саҳлангорӣ, сардназарӣ хароб месозад ва чунин мавзӯи илмӣ дер намекашад, - гуфта буд Э.У.Нӯъмонов. Ӯ борҳо такрор мекард, ки чизи аз ҳама муҳим ин ба одамон баҳодиҳӣ ва босамар истифода кардани имконияту заҳмати онҳост. Дар илм, чун дар дигар соҳоти фаъолияти одамон, каси боақл, хушахлоқ, сиёсатдон ва корсоз ҳамаро ҳаллу фасл менамояд. Шахсони соҳибистеъдодро бояд ҷустуҷӯ намуд, ки калиди муваффақиятҳо дар ин иқдом аст.

Шогирдони Э.У.Нӯъмонов аз ӯ як умр сипосгузоранд ва бояд кӯшанд, ки услуби корбарии ӯ таҳким ёбад ва рушду нумӯъ кунад. Ӯ ҳама гуна масъалаи душворро бо ҳамфикронаш, ки дар Пажӯҳишгоҳи кимиё кам нестанд, ҳаллу фасл менамуд. Ба онҳо бе дудилагӣ такя кардан мумкин аст. Дар амал санҷидани чизҳои нав шуғли дӯстдоштаи онҳост ва дар гузаронидани таҷрибаҳои мушкил аз онҳо омӯхтан воҷиб аст. Мо шогирдон орзӯҳои ӯро бояд ҷомаи амал бипӯшонем.

Солҳои зиёде ба ҳайси роҳбари Пажӯҳишгоҳи кимиё кор кард ва ҳар бор мегуфт: «Ба одамон роҳбари фурӯтане лозим аст, ки онҳо бо ӯ тавонанд унс гиранд ва ман наметавонам ба хоҳишҳое, ки кормандон аз ман мекунанд, ҷавобгӯй бошам. Онҳо умедворанд, ки ман ҳар масъаларо ҳаллу фасл мекунам, ба онҳо ёрӣ мерасонам, умедвор ҳастанд, ки ба саволҳои онҳо ҷавобҳои қотеъона хоҳам дод. Афсӯс ман на ҳамеша ин корро карда метавонам, вале маро лозим аст, ки ба суханҳои онҳо гӯш диҳам».

Суханҳои зерини С.И.Вавилов вирди забонаш буданд: «Агар шумо арз кунед, ки ягон натиҷае ба даст овардаед, ба ин касе шак нахоҳад овард, ки шумо дар ҳақиқат онро ба даст овардаед. Вале агар касе саргарми фиребкорӣ гардид, ин бад аст, ба ӯ дигар касе бовар нахоҳад кард».

Э.У.Нӯъмонов бисёр вақт дар хусуси проблемаи демографӣ изҳори ақида мекард. Ӯ мухолифи издивоҷи хешовандон буд ва мегуфт, ки таркиби хуни хешовандони дуру наздик то ба насли ҳафтум ҳамсон хоҳад буд. Агар мард асли худро надониста, ба хеши худ издивоҷ кунад, наслаш зарар хоҳад дид. Ба шаҳодати ин гуфтаҳо ӯ Амрикоро мисол меовард, ки дар он ҷо одамони боғайрату тавоно сокин ҳастанд аз он сабаб, ки қавмҳои бисёре якҷоя шуданд, хун омезиш ёфт ва нав шуд. Ақидаи ӯ оиди Иттиҳоди Шӯравӣ низ чунин буд.

Дар вақти ба кор қабул кардани корманд ӯ албатта аз шумораи фарзандон пурсон мешуд. Агар мешунид, ки 5 ё 6 фарзанд дорад, устод мегуфт, ки ба Шумо дар роҳи илм қадам задан душвор аст. Ӯ ҷонибдори ақидае буд, ки мо бояд масъалаи оиладорӣ ва оиларо танзим диҳем, то аз нодорию камбағалӣ раҳо ёбем. Ба кормандони худ ин ақидаро талқин мекард.

Соли 1984 роҳбарияти Академияи илмҳои Тоҷикистон қарор дод, ки Пажӯҳишгоҳи кимиё ба ду Пажӯҳишгоҳ табдил дода шавад. Э.У.Нӯъмонов мухолифи ин қарор баромад ва бисёре аз олимони мамлакат ӯро ҷонибдорӣ намуданд. Академики Академияи илмҳои ИҶШС (ҳоло Академияи илмҳои Русия) Г.Г. Девятих дӯсти қадрдони Э.У.Нӯъмонов буд. Ӯ фикри Нӯъмоноврo ҷонибдорӣ намуд ва Раёсати Академияи илмҳои Тоҷикистонро бовар кунонд, ки тақсимшавии як Пажӯҳишгоҳи бузург боиси арзи вуҷуд кардани ду Пажӯҳишгоҳи заиф мегардад. Нӯъмонов беҳудаву баҳуда ба ҳар чӣ дахолат намекард ва мутобиқи тақозои табиаташ рафтору зиндагӣ мекард. Ӯ инсони қавиироДаи шикастнопазир буд. Фош мегуфт, ки ин солҳо ба узвияти пайвастаи Академияи илмҳо интихоб нашуданаш боис буд. Ӯ танҳо соли 1985 узви пайвастаи Академияи илмҳо интихоб гардид, дер бошад ҳам, ҳақиқат ғолиб омад.

Вақте, ки ӯро ба мудирияти пажӯҳишгоҳ интихоб мекарданд, фурӯтаниву гармгуфтории ӯро хӯрдагирона ёдовар шуданд. Вале ба гузашти айём ӯ тавонист ба ҳамагон ошкор созад, ки бе таҳқиру танбеҳи шахсияти корманде, бе кашмакашу гиребонгирӣ метавон муассисаи илмиро идора намуд. Нӯъмонов ҳамеша ғами беҳдошти муҳити зистро мехӯрд. Бо ташаббуси ӯ дар пажӯҳишгоҳ барномаи илмии бозҷусти асосҳои технологии аз нав кор кардани партовҳои корхонаҳои саноатӣ таҳия гардид. Вай мегуфт: «Инсон ба табиат зӯроварӣ намуд ва инак, зӯроварии табиатро ба вуҷуди худ таҳаммул хоҳад кард ».

Ҳарчанд тақдир ба Э.У.Нӯъмонов чандон рӯи хуш надод, ӯ доимо бо гузаштаи душвори рӯзгори худ ифтихор мекард ва умеди зиёд дошт, ки Тоҷикистони азизашроояндаи дурахшон дар пеш аст.

Таманнои ӯ аз ҷавонон ин буд, ки дар зиндагӣ ба истиқболи муҳаббати саршори шодӣ қадам зананд, то бидонанд ва эҳсос кунанд, ки хушбахтие волотар аз пайдо кардани ёрони ҳамфикр ва ҳамдилу мушфиқ нест ва нахоҳад буд.

Э.У.Нӯъмонов эътимод бар он дошт, ки пас аз баргузории Иҷлоси Шӯрои Олӣ моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хӯҷанд дар сарзамини тоҷикон сулҳу истиқлол абадӣ хоҳад шуд.

Сад афсӯс, ки пас аз чанд рӯзи иҷлосия, 29 ноябри соли 1992 ӯ бо ҷони азизаш падруд гуфт. Э.У.Нӯъмонов имрӯз дар байни мо нест, вале корҳои ӯ солҳо ба мардум манфиат оварду меоварад. Рӯҳаш шод бод!

«Ҷумҳурият», 29. 11. 1999.

## АКДЕМИК Ғ. АЛИЕВ-ОЛИМ, АРБОБИ ДАВЛАТӢ ВА ОМӮЗГОРИ ВАРЗИДА



Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои кишоварзии Россия, доктори илмҳои биологӣ, мушовири Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Ғулом Алиев ба зинаи 85-умини умр қадам ниҳод. Дар тӯли 65-сол ӯ дар баробари фаъолияти пурсамари ҳизбию давлатӣ пайваста ба кори илмӣ машғул гардида, ҳамчун донишманди барҷастаи соҳаи кишоварзӣ ба камол расид ва шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард.

Рузгор ва роҳи тайкардаи академик Ғ. Алиев барои насли ҷавони тоҷик басо ибратбахш ва пандомӯз аст. Ғ. Алиев дар шаҳри бостонии Самарқанд ба дунё омада, таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олиро дар ҳамон ҷо гирифтааст. Пас аз хатми институти кишоварзии он ҷо ва ба поён расонидани аспирантура ибтидои солҳои 40-ум ӯ ба Тоҷикистон омад, то ки барои барқарорсозию пешрафти иқтисоди ҷумҳурии ҷавони тоҷикон хидмат намояд. Ӯ аз қадамҳои аввали фаъолият донишу малакаи хуби тадқиқотӣ ва қобилияти созмондиҳиро зоҳир намуд. Аз ин ҷост, ки ӯро ба корҳои ҳизбиву давлатӣ ҷалб карданд ва муддате дар вазорату идораҳои масъул адои вазифа намуд. Вале фаъолияти ӯ дар ҳар вазифае набошад, бо кишоварзӣ ва ба хусус касби дӯстдоштааш чорводорӣ робита дошт.



Вақте аввалин бор дар ҷумҳурӣ стансияи таҷрибавии комплексии чорводорӣ таъсис намуданд, баъдтар филиали Институти тадқиқотии чорводории Академияи илмҳои Шӯравӣ ташкил гардид ва Институти

кишоварзии Тоҷикистон созмон ёфт, сарварии онҳоро Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ӯҳдаи Ғ. Алиев вогузор намуд.

Хидмати Ғ. Алиев дар таъсису пешрафти Академияи илмҳои Тоҷикистон низ хеле калон аст ва ӯро метавон яке аз бунёдгузорони ин маркази муҳими асосии илми ҷумҳурӣ донист. Ӯ солҳо бо устод Садриддин Айнӣ-нахустин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Бобоҷонов Ғафуров ҳамкорӣ намуда, барои пешрафти илми муосири тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ аз ибтидои ташкили Академияи илмҳо то имрӯз узви он буда, ҳоло ҳамчун узви Раёсати он бо маслиҳату машваратҳои судманди худ барои пешрафти илм мадад мерасонад.

Таваҷҷӯҳи Ғ. Алиевро аз ибтидои фаъолияти илмӣ масъалаи беҳтар кардани зоти гӯсфанди тоҷикӣ ба худ ҷалб намуд. Дар натиҷаи заҳмату талошҳои зиёди илмӣ ба ӯ муяссар гардид, ки зоти нави гӯсфанди сергӯшту серпашму серравғанро ба вуҷуд орад. Ба ин кашфиёти олими тоҷик донишмандони маъруфи шӯравӣ баҳои баланд доданд ва ӯ сазовори медали тиллои Наимоишгоҳи Комёбиҳои Хоҷагии Халқи Шӯравӣ гардид.

Ҷустуҷуйҳо ва бозёфтҳои илмии Ғ. Алиев дар соҳаи чорводорӣ дар чандин рисолаву мақолаҳои ӯ, ки дар Душанбе, Москва ва кишварҳои дигар ба табъ расидаанд, ҷамъбаст ва инъикос ёфтаанд. Дар суханрониҳои илмие, ки ӯ дар конфронсу симпозиумҳои байналмилалӣ эрод намудааст, дастовардҳои илмии кишоварзии тоҷик нишон дода шудаанд.

Хидмати академик Ғ. Алиев дар омода кардани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва тарбияи насли навраси тоҷик низ хеле калон аст. Солҳое, ки ӯ сарварии Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт, ин таълимгоҳ ҳамаҷониба такомул ёфта, ба маркази тавонои таълиму тарбияи мутахассисони соҳаи кишоварзӣ табдил ёфт.

Шогирдони ӯ ҳоло дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба меҳнати пурсамар машғул мебошанд.

Академик Ғ. Алиев дар фаъолияти пурсамари худ тавонистааст бо як маҳорати аҷиб малакаҳои таҳқиқгарӣ, созмондиҳӣ ва таълимиву тарбиявиро бо ҳам омезиш диҳад, ки ин на ба ҳар олиму сарвар муяссар мешавад.

Пешрафтҳои зиёди илмиву сарварии Ғ. Алиев ба хислатҳои шахсии ӯ низ сахт вобастаанд. Ӯ инсони наҷибу шариф, хоксору ҳалим ва муназзаму мураттаб аст; дар муносибат бо ҳамкорон меҳрубону ғамхор аст, вале нисбат ба кор, адои вазифа масъул мебошад. Вай ба кӯҳансолӣ нигоҳ накарда ҳоло ҳам дар тадбирҳои Раёсати Академия бо камоли масъулият ширкат меварзад ва ба ҷавонон ибрат нишон медиҳад. Ӯ

нисбат ба вазъи кунунии илми тоҷик бо камоли дилсӯзи нигоҳ намуда, ба ҷавонон сабру бурдбориро тавсия менамояд. Ин шахси бузург, ки худ дар тӯли умр гармиву сардиҳо, пастиву баландиҳои зиёдеро дидааст, ба ояндаи неку дурахшон бовар дорад ва ҷавононро ба меҳнату дилбастагӣ ба касби худ даъват менамояд. Ӯ чун устоду раҳнамои ғамхор ҷавононро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунад.

Ман дар симои Ғ. Алиев донишманду инсони асилеро мебинам, ки тамоми кӯшишу ғайрати худро барои илм, пешрафти ҳаёти мардум, ободии кишвар сарф менамояд. Ӯ бо он, ки хидматҳои зиёде карда, ҳам дар пешрафти илм ва ҳам дар бозсозии ҳаёти иқтисодии мамлакат саҳми калон гузоштааст, бо тавозӯъу фурӯтанӣ умр ба сар мебарад.

Ҷавонони моро зарур аст, ки аз Ғ. Алиев сабақи хидмат кардан ба илму касби дӯстдоштаи худ, садоқат ба миллату Ватанро омӯзанд ва дар роҳи зиндагӣ пайрави ӯ бошанд. Зеро ӯ дарвоқеъ инсони ниҷибу асил ва донишманди пуркору варзида буда, намунаи ибрат аст.

«Ҷумҳурият», 06.01.2001

# ҶАШНИ ОЛИМ ВА ИНСОНИ НАҶИБ[1]



Узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикис-тон, доктори илми иқтисодиёт Юсуфбеков Рустамбек Юсуфбекович 31 декабри соли 2003 80 сола шуд.

Юсуфбеков Р. Ю. чеҳраи намоёни илм ва маорифи кишвари мо мебошад. Тамоми марҳилаҳои ҳаёти ӯ – вазири маориф, муовини сарвазири ҷумҳурӣ – саросар иборат аз корнамоиҳои наҷиб ва дастовардҳои муҳими меҳнатӣ мебошанд, ки ҳар кадоми онҳо метавонад номи ӯро ҷовидон созад. Вале ӯ аз ин муваффақиятҳо қаноатманд нашуда, пайваста кӯшиш мекунад, ки кори бузургтареро анҷом диҳад ва уфуқи наверо кашф кунад.

Юсуфбеков Р. Ю. соли 1966 узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд. Ҳамчун олим ӯ як силсила бозёфтҳои муҳими илмӣ кардааст, ки на танҳо аҳамияти назарӣ, балки қимати зиёди амалӣ низ доранд.

Иқтисодиёти сиёсӣ соҳаи асосии тадқиқоти илмӣ ва кори дӯстдоштаи тамоми умри ӯ гардидааст. Ӯ дар таҳқиқи масъалаҳои гуногуни иқтисоди сиёсӣ, тавлидоти амвол ва истеҳсолоти моликияти колхозӣ ва ғайра саҳми арзанда гузоштааст.

Профессор Юсуфбеков Р. Ю. дар кадом соҳа ва ё вазифае кор карда бошад, ҳамеша дар ҳалқаи ҷавонон, дар талоши меҳнати созандаи коллективӣ аст. Яке аз хислатҳои наҷиби ӯ ба ҷавонон омӯзонидани таҷрибаи андӯхтаи худ мебошад. Юсуфбеков Р. Ю. моро ҳамеша бо рафтори ғайриқолабӣ, оддӣ ва махсусан эҳсоси баланди хушбинӣ мафтун месозад.

Вай фаъолияти ҳизбӣ-хоҷагиро бо фаъолияти педагогӣ пайвастааст. Аз соли 1956 то имрӯз устоди Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон (ДДМТ) буда, тахти роҳбарии бевоситаи ӯ бисёр корҳои илмӣ-методӣ ба анҷом расидаанд. Ҳамчун роҳбари мактаби илми иқтисодиёти сиёсии ҷумҳурӣ профессор Юсуфбеков Р. Ю. дар тарбияи кадрҳои илмӣ-педагогӣ саҳми арзанда дорад. Махсусан солҳои 60-ум, вақте вазифаи вазири маорифи ҷумҳуриро ба ӯҳда дошт, дар тарбияи мутахассисони ҷавон барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар корҳои шоёнро анҷом дод.

---

[1] Мақола ба ҳамроҳии Ҳ. Сафиев навишта шудааст

Ректори институти политехникии Тоҷикистон А. С. Сулаймонов он солҳо бо дастгирии вазири маориф Юсуфбеков Р. Ю. ҳар сол теъдоди зиёди донишҷӯёни боистеъдодро барои таҳсил ба мактабҳои олии гуногуни Иттиҳоди Шӯравӣ мефиристод. Баъдҳо як қисми онҳо роҳбарони бомаҳорати соҳаи илм, маориф ва истеҳсолот гардидаанд.

Мо маслиҳатҳои хуби ӯро, вақте як теъдод донишҷӯёнро барои идомаи таҳсил ба шаҳрҳои Маскав, Ленинград ва Киев мефиристод, то ҳол дар ёд дорем … .

Дигар хислати боарзиши профессор Юсуфбеков Р. Ю. бори масъулиятро ба дӯш гирифан, онро ба гардани дигарон таҳмил накардан аст. Ӯ вазири шоистаи маориф буд ва ҳамеша сарварони мактабҳои олиро ҳимоя ва дастгирӣ мекард.

Иродан қавӣ, муносибати боэҳтиромона нисбати ҳамкорон ва дасти ёрӣ дароз кардан ба мӯҳтоҷон аз ҷумлаи хислатҳои зиёди наҷиби профессор Юсуфбеков Р. Ю. мебошанд.

Мо метавонем дар мавриди кӯмакҳои ӯ ба донишҷӯён ва устодон мисолҳои фаровон биёрем. Ӯ мураббӣ ва педагоги воқеӣ буда, шогирдони худро низ дар ҳамин рӯҳия тарбия мекунад.

Роҳи пуршарафи тайкардаи Юсуфбеков Р. Ю. аз муаллими мактаби миёна то муовини Сарвазири ҷумҳурӣ намунаи беҳтарини хидмат ба халқ мебошад.

Мо, шогирдони Юсуфбеков Р. Ю., фаъолияти ибратбахши ӯро, ки саросар хидмати софдилона ба мардум аст, сармашқи кори худ қарор додаем. Ҳаёти ин шахсияти наҷиб сазовори пайравӣ мебошад.

Барои устод саломатӣ, хушбахтӣ ва комбиҳо таманно мекунем.

«Омӯзгор», №1-2, с. 2004

## НАКӮНОМ НАМИРАД ҲАРГИЗ...



Агар сухан дар бобати рушди илмӣ биологияи кишвари мо равад, дар радифи аввалинҳо номи доктори илми биология, профессор, академики Академияи илмҳои кишоварзӣ Ҳабиб Муродович Сафаровро ба забон меорем.

Профессор Ҳ.Б. Сафаров аз зумраи он омӯзгорон ва тадқиқотчиёне мебошад, ки ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри гузашта дар осмони илми тоҷик чун ситораи дурахшон фурӯзон буд.

Мулоқоти нахустини ман бо Ҳ.М. Сафаров ҳануз соли 1975 ба вуқуъ омада буд. Дар он сол ман ҳамчун ходими хурди илмӣ дар Институти кимиё кор мекардам. Аз соле, ки бо ӯ шинос шудам, хислатҳои хуби инсониаш ба ёдам монда, дар тӯли солҳо дӯстии мо аз санҷишҳои зиндагӣ гузашта, устувор гардид.

Ҳ.М. Сафаров қобилияти хуби ташкилотчигӣ дар илму омӯзгорӣ дошт. Гуфтан ба маврид аст, ки дар бисёр комёбиву муваффақиятҳои назарраси илми биология ва тарбияи донишмандони варзида хидмати Ҳ.М. Сафаров назаррас аст.

Соли 1995 Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ӯро ректори ДДМТтаъин кард, ки масъулияти калон буд. Ҳаёти Ҳ.М. Сафаров намунаи олии хидмат ба ватан ва мардум мебошад. Ӯ тамоми нерӯи ақлонии худро барои пешравии маорифи тоҷик сарф намуд. Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро ба як зинаи баланд бардошт. Бо кушишу ғайрати профессор Ҳ.М. Сафаров донишгоҳ худмухтор шуд. Бисёр масъалаҳо дар Шӯрои илмии донишгоҳ ба зудӣ ҳал мегардид.

Ёд дорам вақте, ки соли 1985 ман рисолаи доктордиро ҳимоя кардам, ӯ аввалин шуда маро табрик намуд. Ӯ ҳамеша бо дӯстони худ фахр мекард.

Зиндагиномаи устод Ҳ.М. Сафаров барои ҳамаи омӯзгорони Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон – ДДМТ (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дарси ибрат мебошад ва усули роҳбарии ӯ барои мо мактаби ҳаёт аст.

Бо хислатҳои ҳамидаи худ Ҳ.М. Сафаров, чун олим ва омӯзгор дар байни шогирдон ва олимони кишварамон обрӯи зиёде пайдо карда,

камолоти бисёр олимини тоҷик дар соҳаи илми биология аз дастгирии ӯ вобаста мебошад.

Солҳои ректориаш Ҳ.М. Сафаров робитаи ДДМТ-ро бо Академияи илмҳо густариш дода, дар бисёр соҳаҳои илм аз рӯйи барномаҳои муштарак кор мекардем.

Моро лозим аст, ки таҷрибаи бои профессор Ҳ.М. Сафаровро омӯзем, онро барои олимон ва омӯзгорони дигар чун намунаи ибрат нишон диҳем.

Мо, дӯстон аз Ҳ.М. Сафаров накӯкориро низ омӯхтем. Ӯ инсони шариф, некӯирода, соҳибдил буд.

Профессор Сафаровро дар тамоми ҷумҳурӣ ва берун аз он мешиносанд ва бо эҳтиром ба хотир меоваранд.

Шодравон Ҳ.М. Сафаров нақшаҳои зиёди илмӣ дошт. Вале афсус, ки марг нагузошт, ки он нақшаҳо пурра амалӣ шаванд. «Марди накӯном намирад ҳаргиз...»

Аз китоби “Дарёи меҳр”, Душанбе, 2007.

## АРБОБИ БАРҶАСТАИ ИЛМИ ТОҶИК

## (Ба муносибати 80-солагииакадемик ПӮЛОД БОБОҶОНОВ)



Вақте, ки сухан дар бораи илми муосири тоҷик меравад ,симои олими барҷастаи кишвар, инсони фозилу дилсӯз, пурмеҳру ғамхор, роҳбари тавонои илм ва маориф – доктори илмҳои физикаю математика, профессор ,академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоҷонов пеши назар ҷилвагар мешавад.

Дар бораи устод ман ҳанӯз солҳое, ки дар мактаби миёнаи №1 ш. Ӯротеппа таҳсил менамудам, шунида будам.

Пӯлод Бобоҷонов аз зумраи он олимон мебошад, ки ҳануз дар солҳои 50-уми асри гузашта чун ахтари дурахшон шӯъла афрӯхт ва боиси ифтихори мо аст, ки ин ахтар то имрӯз фурӯзон аст.

Шиносои ман бо устод Пӯлод Бобоҷонов соли 1973, вақте ки дар Институти химия ба кор шурӯъ карда будам, сурат гирифт. Хусусан, он кас ҳангоми ноиби Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буданашон ба мо кӯмаки бисёр расондаанд. Сӯҳбати аввалин то ҳол аз хотирам нарафтааст. Ӯ ҳамчун ноиби Президент масъули Шӯъбаи физикаю математика, химия ва геология буд ва масъалаҳои ба институтҳо марбутро бо тезӣ ва одилона ҳал менамуд. Пӯлод Бобоҷонов ҳамеша дар бораи зарурияти ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот кӯмак мерасонд.

Дар симои академик Пулод Бобоҷонов ман беҳтарин хислатҳои олим ва инсониро мебинам: хоксорӣ, меҳрубонӣ, заҳматкашӣ, покии рафтор ва кирдорро ба худ ҷам кардааст, ки барои шогирдон дарси ибрат мебошад. Ҳаёти академик Пӯлод Бобоҷонов намунаи возеҳи хидмат ба илм ва Ватан мебошад. Ӯ тамоми нерӯи ақлонии худро барои пешравии илм ва маорифи кишвар сарф кардааст.

Зиндагиномаи Пӯлод Бобоҷонов барои аксари олимони тоҷик дарси ибрат мебошад. Таҳқиқотҳои илмии Пӯлод Бобоҷонов дар соҳаи астрофизика асосан ба мушоҳида ва муайян намудани мадор, табиати физикӣ ва таҳқиқи тақсимоти моддаи метеорӣ мансуб мебошанд, ки аҳамияти ҷаҳонӣ доранд.

Ман атои тақдир медонам, ки бо ӯ солҳои тулонӣ кор кардаам ва сабақ гирифтаам. Ҳар як вохурию мулоқоти ман бо Пӯлод Бобоҷонов дар рӯҳияи некӯкорию ҳамдигарфаҳмӣ ва одобу назокати баланд мегузарад. Маслиҳату машваратҳои хирадмандона ва ёрию мадади устод дар лаҳзаҳои гуногуни

ҳаёт маро ҳамеша рӯҳбаланд месозад. Пӯлод Бобоҷонов дорои маърифати баланд ва ҷаҳонбинии васеъ мебошад.

Академик Пӯлод Бобоҷонов солҳои 1969-1970 дар Сомалӣ сардори экспедитсияи советии метеорӣ буд, ки ӯ бори нахуст дар ҷаҳон ҷойивазкунии изҳои метеориро дар эквадор чен кард.

Институти астрофизики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов корҳои муҳими илмиро иҷро намуда дар Иттиҳоди Шӯравӣ мақоми баланди илмӣ пайдо кард. Маҳз дар ҳамин солҳо институт ба ордени "Байрақи сурхи меҳнат" мукофотонида шуда буд.

Бо роҳбарии Пӯлод Бобоҷонов асбоби назорати метеорӣ сохта шуд, ки он усули нави мушоҳидаи метеорҳоро дар Иттиҳоди Шӯравӣ асос гузошт.

Насле, ки олими номи ба он мансуб аст, саромадони илми муосири тоҷик ба шумор меравaнд. Онҳо ҳамеша дар бораи пешравии илм фикр мекунанд ва корҳои мушкилии илмро ба ӯҳда мегиранд. Хусусан, дар соҳаи астрофизика обрӯю эътибор худ ба худ ба вуҷуд намеояд; онро бояд ба ивази заҳмату кӯшишҳои зиёд ба даст овард. Пӯлод Бобоҷонов маҳз бо кӯшишу ғайрат ва кору меҳнати содиқонааш соҳиби обрӯи шоиста дар байни олимони ҷаҳон гаштааст. Ӯ аз зумраи он олимони нодирест, ки дар осмони илм уфуқҳои тозаро кашф кардааст.

Дар фаъолияти Пӯлод Бобоҷонов мо ҳамеша равишҳои тозаи илмиро мушоҳида менамоем. Устод асарҳои нодири илмиро дар соҳаи худ эҷод кардааст. Арзиши кори илмиро вақт муайян мекунад. Хеле хуш аст, ки дар ҳаёти имрӯзаи мо чунин олимон ҳастанд, ки обруи кишвари моро дар ҷаҳон баланд мебардоранд. Сазовор гаштани Пӯлод Бобоҷонов ба ҷоизаи "Ситорҳои иттиҳод" гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад.

Дар илми муосири тоҷик Пӯлод Бобоҷонов олими барҷаста буда, дар рушду пешрафти илму технология саҳми босазо гузоштааст.

Хизматҳои намоёни Пӯлод Бобоҷонов бо Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат ва Нишони фахрӣ, ҷоизаи "Ситораҳои Иттиҳод" ва дигар мукофотҳо сазовор дониста шудааст.

Ёд дорам, ҳанӯз соли 1988 ҳангоми интихоби директори фахрии Институти химия Пӯлод Бобоҷонов баромади оқилона намуда, хизматҳои академик Эшонкул Нӯъмоновро қайд карда буд. Баъд аз баромади ӯ кормандони Институти химия академик Эшонкул Нӯъмоновро якдилона директори фахрӣ интихоб намуданд (чанде пештар ман директори институт интихоб шуда будам).

Рафоқати банда бо академик Пӯлод Бобоҷонов аз соли 1995, ки перезиденти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда будам

ва эшон он замон вазифаи директори Институти астрофизикаро ба ӯҳда дошт, боз ҳам қавитар шуд. Аз вохӯрию мулоқот бо устод ҳамеша шод мешудам. Вақте, ки соли 1995 бо фаъолияти Институти астрофизика шинос гаштам, аз корҳои илмии академик Пӯлод Бобоҷонов боз як бор воқиф шудам ва фахри ман аз олими мумтози ситорашинос афзунтар гардид.

Академик Пӯлод Бобоҷонов дар айни замон созмондиҳандаи мактаби астрофизикҳои тоҷик мебошад.

Дӯстон ва шогирдони мо, ки дар солҳои ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон будани академик Пӯлод Бобоҷонов таҳсил намудаанд ва ё фаъолияти педагогӣ бурдаанд, бо як ҳисиёти махсус сарварии пурмаҳсули ӯро дар ин донишгоҳ қайд мекунанд. Дар ин солҳо устод дар донишгоҳ шогирдони бисёре тайёр намуда, барои кушодани кафедраи астрофизика муваффақ шуд, ки ин кафедра то ҳол барои ба воя расидани астрофизикҳои тоҷик фаъолияти пурсамар мебарад.

Дар симои Пӯлод Бобоҷонов мо ҳамаи хислатҳои писандидаи инсонӣ: нексириштӣ, хайрхоҳӣ, меҳрубонӣ, ботамкинӣ, ҳалимӣ ва софдилиро эҳсос менамоем. Роҳи тайкардаи академик Пӯлод Бобоҷонов аз ходими илмӣ то академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи комили росткорӣ ва садоқат ба илм мебошад. Беихтиёр суханони паёмбари Ислом (с) ба ёд меоянд: «Илм аз ибодат боло меистад».

Корҳои илмии ба Маркази байналмилалии илмӣ - техникӣ (МНТЦ) пешниҳод гаштаи академик Пӯлод Бобоҷонов дастгири ёфта, маблағгузори карда мешаванд. Ин собит менамояд, ки корҳои илмии ӯ аҳамияти байналмилалӣ доранд.

Имрӯз Пӯлод Бобоҷонов ба синни муборакi 80 расидааст. Ман устоди меҳрубон ва азизро бо ин ҷашни фархунда табрику муборакбод намуда, бароямшон тансиҳатӣ, бахту иқбол ва корҳои нави эҷодӣ орзу менамоям.

Аз китоби “Шиҳоби Рахшон”, Душанбе, 2010.

## ОЛИМ, СИЁСАТШИНОС, ДИПЛОМАТ

(Ба муносибати 60-солагии академик Назаров Т.Н.)



Вақте сухан дар бораи илми иқтисодии ҷумҳуриамон дар марҳилаи хеле нозуки гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ меравад, беихтиёр ва қабл аз ҳама ба забон номи олими намоён, ходими давлативу сиёсӣ, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Талбак Назаров меояд. Ин бесабаб нест, зеро ҳанӯз охири солҳои ҳафтодум - аввали ҳаштодум, яъне айнан дар замоне, ки бо сабабҳои маълум иқтисодиёти кишвари шӯравӣ рӯ ба таназзул ниҳода буд, олими тоҷик бо назарияи дақиқи усулҳои нави маблағгузорӣ ва инкишофи комплексҳои минтақавии хоҷагии халқ, истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ, минералӣ ва ашёи хом баромад карда буд.

Монография ва мақолаҳои зиёде, ки академик Талбак Назаров дар ин солҳо нашр карда буд, на танҳо сазовори баҳои баланди мутахассисони ин соҳаи илм гардиданд, балки фавран ва беихтиёр дар амал ҷорӣ карда шуданд. Гӯё худи ҳаёт назарияро талаб карда буд.



Услуби назарраси илмии академик Талбак Назаров чунин аст, ки ӯ назарияро бевосита аз ҳаёт меомӯзад. Проблемае, ки аввали солҳои ҳаштодум ҳамаро ба ташвиш оварда буд, ин ҳаҷми хеле калони сохтмони нотамом дар ҷумҳурӣ ба шумор мерафт: дар як ҷумҳурии хурд ин норасоӣ маблағи қариб 700 млн. сӯмро ташкил медод. Талбак Назаров роҳи ҳалли ин муамморо дар корҳои зиёди илмиаш, ки худи ҳамон солҳо ба чоп расиданд, дақиқан таҳлил намуда, бо ҳамин тариқ ба инкишофи тозаи сохтмон дар охири солҳои ҳаштодум саҳми арзандаи худро гузоштааст.

Ҷолиби қайд аст, ки олими тоҷик бо заковати хирадмандона ҳанӯз соли 1990 аз минбари Сессияи Шӯрои Олии Иттифоқи Советӣ бо пешниҳодоти тозаи илмӣ оид ба роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои соҳаи маблағгузорӣ ва дуруст истифода намудани захираҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва меҳнатӣ сухан гуфта буд. Дар ин маърӯза олими намоён аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ, ки дар монографияи «Муносибатҳои молиявӣ ва кредитӣ дар шароити ҳисоби комили хоҷагӣ» (Душанбе 1990), нашр карда буд, ба парламенти Иттифоқ барои интихоби роҳи дурусти маблағгузорӣ маслиҳати шоистае дод. Яке аз комёбиҳои асосии ин асари академик Талбак Назаров – кашфи роҳҳои ба эътидол овардани таносуби манфияти ҷамъиятӣ ва шахсӣ ба шумор меравад.

Дар маркази диққати олими иқтисодшинос танҳо иқтисодиёт не, балки манфиати ҳар як фарди алоҳида қарор мегирад ва ин мавзӯъ барои илми онвақта навигарии хеле назаррас ба шумор мерафт. Манфияти инсон, кӯшиши обод сохтани ҳаёти ҷамъиятӣ, беҳтар намудани сатҳи зисту зиндагонии мардуми меҳнаткаш – ҳамаи ин проблемаҳо доим дар мадди назари олим қарор мегирифтанд.

Шояд махсус зикр намудан ҷоиз аст, ки роҳи тайнамудаи ҳаётии Талбак Назаров аз донишҷӯи понздаҳсолаи Техникуми молиявӣ то муовини Сарвазири ҷумҳурӣ худ роҳест пур аз печу тоб, душвориҳо ва машаққатҳо, шабҳои бехобӣ дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилиҳо. Боиси хушбахтист, ки Талбак Назаров дастпарвари яке аз донишкадаҳои пурқувваттарини мамлакати шӯравӣ – Институти молиявӣ – иқтисодии ба номи А. Вознесенскийи Санкт-Петербург мебошад. Дар ҳамон ҷо таҳсил намуд ва рисолаҳои номзадиву докторӣ ҳимоя кард. Солҳо мегузаранду яке аз олимони машкури шӯравӣ, профессор П. Т. Жевтяк ба таҳқиқоти илмии Т. Назаров баҳо дода чунин менависад: «Дар илми иқтисодшиносии шӯравӣ муҳаққиқи тоҷик бори аввал масоили усули ҳавасмандгардонии иқтисодиро дар иттиҳодияҳои истеҳсолӣ хеле устодона таҳқиқ кардааст».

Саҳми Талбак Назаров дар тарбия ва ба воя расонидани як зумра олимони машҳури соҳаи илми иқтисодиёт хеле калон аст. Ӯ солҳои дароз дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон муаллим, декани факултети иқтисодӣ, ректор шуда кор кардааст. Ҳамаи шахсони, ки он солҳо ҳамроҳи ин инсони наҷиб кор кардаанд, дар як ақидаанд, ки хоксорӣ, фурутанӣ, ҳозир будан барои кӯмак ба муаллимон ва донишҷуён – хислатҳои асосии инсонии Талбак Назаров ба шумор мераванд.

Соли 1980 олими намоён ба вазифаи раиси Шӯрои таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолии назди академияи илмҳо таъин карда мешавад ва дар ин вазифа низ хеле софдилона ва пурмаҳсул меҳнат карда аст. Соли

1981 Талбак Назаров бо назардошти дастовардҳои бузурги илмӣ ва тарбияи шогирдони зиёд узви вобастаи академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб мегардад. Соли 1991 бошад олимони тоҷик ӯро якдилона ба узвияти ҳақиқии академия сазовор мегардонанд. Дар ин муддат Талбак Назаров дар вазифаҳои масъулиятноки давлатӣ – вазири маорифи ҷумҳурӣ ва муовини аввали сарвазир, раиси комитети баплангирии мамлакат самаранок кор кардааст.

Ҳамин тавр, чи хеле, ки маълум мегардад, дар ҳаёти ин шахси хоксор ва заҳматкаш доим илм ва амалия, таҳқиқоти иқтисодиёт ва сиёсат ба ҳам омадаанд. Олимони Тоҷикистон ифтихор аз он доранд, ки академик Талбак Назаров дар мушкилтарин айёми ҳаёти сиёсии мамлакатамон, дар рӯзҳои тақдирсози он аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмонов ба вазифаи хеле ҳам душвор - вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ карда шуд. Дониши комил, хабардории зиёд аз нозуктарин муаммоҳои иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, ҳислатҳои неки инсонӣ ва боз ҳам ҳамон хоксориву фурӯтанӣ, пурра сафарбар намудани тамоми қувваю истеъдод барои ҳалли мушкилоти пешомада ба олим имконият дод, ки дар ҷанбаи нави фаъолияташ низ самаранок меҳнат кунад. Мардуми Тоҷикистон бидуни шаку шубҳо медонанд, ки дар ҳамаи иқдомоти неки Президенти мамлакатамон дар кори созиши таърихӣ бо иттиҳоди мухолифин, ба эътидол овардани вазъи иқтисодиву сиёсии ҷумҳурӣ, бозгашти муҳоҷирони иҷборӣ аз хоки кишварҳои ҳамҷавор ва дар арсаи байналхалқӣ шӯҳрат пайдо кардани Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзандаи олим ва сиёсатшинос академик Талбак Назаров низ мавҷуд аст. Бо ифтихор гуфтан мумкин аст, ки дипломатияи мамлакатамон дар шахси Талбак Назаров раҳнамуни соҳибхирад ва инсондӯстро кашф намудааст. Мо ба дӯсти мушфиқ ва олими нуктасанҷ Талбак Назаров дар рӯзҳои шасти муборaки умраш саломатӣ ва муваффақиятҳои боз ҳам бештар орзу менамоем.

«Садои мардум», 4.03.1998

# ПАТРИАРХИ ИЛМИ ТОҶИК

(бахшида ба 85 солагии академик Ҳайдаров К.Ҳ.)



Ҳаёт ва фаъолияти зиёиё- ин як омили муҳим барои рушди илм аст ва роҳи ҳаёти тайнамудаи онҳо як қисми назарраси таърихи илм мебошад.

Дар соли 2019 илми тоҷик 85 солагии яке аз Патриарх - падарсолори илми тоҷик, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (АИ ҶТ) Карим Ҳайдаровро ҷашн гирифт.

Академик К.Ҳ.Ҳайдаров – асосгузори мактаби фармакологон-мутахассисони самти ҷустуҷуи маводҳои доруворӣ дар байни маҳсулоти синтези органикӣ мебошанд. Бо сайю кӯшиши ӯ соли 1968 дар Институти химияи АИ ҶТ озмоишгоҳи фармакологӣ ташкил шуд, ки ба як аз марказҳои тайёркунии дорувории табобатӣ табдил ёфт. Тадқиқотҳои таҷрибавӣ ва назариявии чандин сола ба К.Ҳ.Ҳайдаров имкон дод, ки як самти наверо дар ин соҳаи илм кушояд. Таъсири нисбии папаверин ва N-ҳосилаҳои он омӯхта шуда, тавсифи фармакологии алкалоидҳои қатори аперфин, алалхусус - кабудин дода шуда буд. Кабудин – алкалоиди аперфинии нав буда якумин бор аз чиладору ҷудо карда шуд. Сулфат ва иодметилати он таҳти ташхиси фармакологӣ қарор дода шуд. Маълум шуд, ки ин моддаҳо дорои хосиятҳои равшан ифода шудаи антиаритмӣ ва гипотензивӣ мебошад. Ҳайдаров К.Ҳ. дар рафти ҷустуҷӯи анестетикҳои нав хосиятҳои карахкунандаҳои нӯктавии як қатор β-аминокетонҳо, ҳосилаҳои тиохроманҳо ва тиаинданҳоро омӯхт.

Дар қатори академик-химикони АИ ҶТ академик Ҳайдаров К.Ҳ. мавқеи худро дорад ва кори химиконро пурра карда онҳоро ба амал наздик месозад.

Скрининги пайвастагиҳои химиявӣ дар озмоишгоҳи фармакологии Институти химияи ба номи В.И.Никитин АИ ҶТ рушд гирифт. Алалхусус ба сулфаниламидҳо тавсифи нисбӣ оид ба таъсир онҳо ба системаи ғафсшавии хун дода шуд. Омӯзиши нисбии фармакологии равғани ангак, ки бо усули гуногун гирифта шуда, таҳлил карда шуд. Механизми таъсири биохимиявии он омӯхта шуда, хосияти захмдармондиҳии муайян карда шуд. Бо тавсияи К.Ҳ.Ҳайдаров айни

замон ин равған на танҳо дар клиникаҳои ҷумҳуриямон, балки берун аз он ҳам истифода мебаранд.

К.Ҳ.Ҳайдаров бо шогирдонаш «бонк»-и маълумотҳо оид ба вобастагии «шакл-таъсир» дар байни қатори пурраи пайвастагиҳои химиявии аслӣ ташкил кардаанд, ки ба тадқиқотчиён имкони ба амал овардани синтези моддаҳои биологии фаъоли мақсаднок ва дар асоси онҳо ёфтани маводҳои доруворро медиҳад.

Схемаи истифодаи дар ветеринария маводҳои масуниятпайдокунандаи тимогар, ферунол, тимофер ва тимосин таҳия кардааст, ки ҳангоми истифода бо ваксинаҳо ва маводҳои терапевтӣ, масуниятпайдокунандаҳои фаъолнокиашон баландро зоҳир кардаанд.

Ба қалами ин олим зиёда аз 400 мақолаҳои илмии дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он чопшуда таълуқ дорад, аз он ҷумла 10 монография ва беш аз 80 ихтироъот.

Корҳои илмии К.Ҳ.Ҳайдаров ва мактаби ӯро дар кишварамон ва берун аз он эътироф шудаанд ва олимон дар фаъолияти худ васеъ истифода мебаранд. Обрӯмандӣ ва этирофи ӯро роҳбарии Ассотсиатсияи фармокологҳои Осиёи Маркази ва Қазоқистон ба дӯш доштанаш шаҳодат медиҳад. Вай аъзои Президиуми идоракунандаи Ҷамъияти фармокологҳои ИҶШС (солҳои 1988-1992) ва айни замон аъзои фахрии ҷамъияти илмии фармокологҳои Федератсияи Руссия таъин шудааст.

Ӯ ягона олим фармакологи ҷумҳурӣ, бо дараҷаи олӣ – академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гаштааст. Барои рушди илм ва ҷорӣ кардани дар амал маводҳои доругии нав К.Ҳ.Ҳайдаров сазовори ҷоизаи Шӯърои вазирони Тоҷикистон ва бо дараҷаи фахрии «Ихтироъкорӣ шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикитон» сарфароз гаштааст.

Вай шахси бедорфикр, одами нексиришт ва инсони ҳамеша ба кормандон кӯмакрасон мебошад. Кормандони Институти химияи АИ ҶТ дар ёд доранд, ки дар ҳолатҳои наёфтани ягон намуд доруворӣ, ӯ ҳамеша кӯмак мерасонд ва онро дастрас мекард. Бо ин хислатҳояш вай дар байни кормандони Институти химияи АИ ҶТ обурӯ ва эътирофи зиёд пайдо кард.

Махсусан бедорфикрӣ ва нексиратии К.Ҳ.Ҳайдаровро ман дар вақти директори Институти химияи АИ ҶТ ва Президенти АИ ҶТ буданам ҳис карда будам. Ӯ бисёр вақт ба ҳуҷраи кории ман омада маслиҳатҳои пурарзиш медод.

Академик К.Ҳ.Ҳайдаров барои илм корҳои зиёдеро ба анҷом расонида, худро дар илм ва фарзандон хуб истифода кард. Ман боварӣ дорам, ӯ ҳоло ҳам барои пешрафти илм корҳои зиёдеро ба итмом мерасонад.

Ӯ дорои қувваи ҷазбкунандаи бузурге мебошад, ки ин умуман ба хислатҳояш: зиёии ҳақиқӣ, донишмандӣ ва ба васеъгии ақида, самимӣ будан, боҳурмати нисбати одамон ва бо тавоноии олиҳимматона кӯмак расонидан дар лаҳзаҳои мушкил, шабоҳат дорад.

Бешубҳа, ки К.Ҳ.Ҳайдаров ва мактаби ӯ ба илм саҳми пурсамари худро гузоштааст, дар бисёр ҷиҳатҳо самти синтези пайвастагиҳои органикиро муайян кардаанд. Хурсандист, ки дар интихоботи охирини аъзои АИ ҶТ шогирди ӯ профессор Раҳимов И.Ф. узви вобастаи АИ ҶТ интихоб шуд. Дар симои Раҳимов И.Ф. олими боистеъдоди давомдиҳандаи мактаби академик К.Ҳ.Ҳайдаровро мебинем.

Донишманди комил, максаддор будан, суботкорӣ, бомаърифатӣ, фидокорӣ, якраъйӣ ва адоқатманд будан ба роҳи интихоб карда К.Ҳ.Ҳайдаровро ҳурмати зиёд, мамнуният ва меҳри шогирдону кормандон, обурӯяшро зиёд кард.

Синни академик К.Њ.Њайдаров ба 85 расид. Мо ба ў ба фаъолияти кориаш бурдборињо ва саломатии бардавомро орзумандем.

Душанбе, май 2019.

## САҲМИ АКАДЕМИК М.И. ИЛОЛОВ ДАР РУШДИ МАКТАБИ МАТЕМАТИКА ДАР ТОҶИКИСТОН

**(Ба муносибати 70-солагии академик М.И.Илолов)**



Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон М.И. Илолов олими бузурги соҳаи назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва тадбиқи онҳо мебошанд. Ӯ аввалин бор дар Тоҷикистон тадқиқоти систематикиро дар самти тавсифи математикии системаҳои таҳаввулотӣ оғоз кард.

Доираи рағбати илмии ак. М.И. Илолов таҳлили функсионалӣ ва назарияи функсияҳо, муодилаҳои дифференсиалӣ ва муодилаҳо бо ҳосилаҳои хусусӣ, инчунин мушкилоти математикаи амалиро дарбар мегиранд.

Профессор М.И. Илолов ба фаъолияти илмӣ ташкилотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (АИ ҶТ) ва Институти математикаи ба номи А. Ҷураев саҳми назарраси худро мерасонад. Дар вазифаи Президенти АИ ҶТ кори зиёдеро барои мустаҳкам кардани базаи илмӣ-таҷрибавӣ, ташаккул ва рушди сохторҳои асосии АИ ҶТ ба анҷом расонидааст.



Ӯ дар системаи АИ ҶТ Маркази рушди иноватсионӣ ва технологияҳои навро, ки айни замон роҳбарии онро ба дӯш дорад, ташкил карда буд.

Бо роҳбарии М.И.Илолов дар АИ ҶТ ва умуман дар ҷумҳурӣ як қатор чорабиниҳои бузурги арсаи ҷаҳонидошта гузаронида шуданд. Ба шарофати корбарии М.И.Илолов Академияи илмҳо Созишномаҳои байналмиллалӣ баста шуданд ва бо муассисаҳои илмии зиёде ҳамкорӣ дорад.

Дар зери роҳбарии академик М.И.Илолов як чанд рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ҳимоя карда шудаанд. Қисми зиёди шогирдони ӯ дар саҳаҳои гуногуни саноат кор мекунанд ва сохторҳои илмиро дар кишварамон ва берун аз он роҳбарӣ мекунанд.

Вай роҳбари ҳақиқии илмӣ мебошад ва метавонад кадрҳои илмиро дуруст интихоб кунад ва кори онҳоро ба самти мувофиқ равона созад.

Роҳи тайкардаи академик М.И.Илолов ин намунаи фидокорона хизмат кардан ба мардум мебошад. Ӯ хуб дарк мекунад, ки илм-қисми ҷудонашавандаи фарҳанг аст ва он бояд ба ҳаёти маънавии ҷамъият ва саломатии ахлоқӣ хизмат кунад.

Ҳиссиёти масулиятнокии профессор М.И.Илолов дар назди илм ва ҷамъият хеле хуб ривоҷ ёфтааст. Вайро нақш ва мавқеъи илм дар ҳаёт, мушкилотҳои экологӣ, намудҳои энергияи ғайрианъанавӣ ва бисёр чизҳои дигар безобита мекунад.

Ҳар он ҷое, ки ӯ роҳбарӣ кард: Роҳбари Кумитаи Парламенти кишвар, ректори донишгоҳи Хоруғ, Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва президенти АИ ҶТ, ҳамеша болоравӣ ва муваффақиятҳои коллектив ба чашм мерасид.

Вай тарғиботчии илм аст. Ба ҳамаи мо лексияҳои ӯ дар канали телевизионии «Культура»-и Руссия оид ба усулҳои ҳалли системаҳои таҳаввулотии ғайрихатиро дар ёд дорем ва бинандагони давлатҳои ИДМ таассуроти хуберо гузошта буд.

Чи тавре, ки дар боло зикр карда будем фаъолияти илмии М.И.Илолов бо проблемаҳои назарияи муодилаҳои диференсиалӣ ва ҳосилаҳои он алоқаманд аст. Ғайр аз ин ӯ оид ба масъалаҳои таърихи илм ва ҳамкории

илмии байналмиллалӣ тадқиқот мегузаронад. М.И.Илолов муаллифи беш аз 250 мақолаҳои илмӣ, 8 монография ва китобҳои илмӣ-оммавӣ мебошад.

Академик М.И.Илолов бо ордени «Шараф» дараҷаи I- Ҷумҳурии Тоҷикистон( с. 2004), бо медали Пушкини Федератсияи Руссия (с. 2007), ордени «Содружество» Ассамблеяи Байнипарлумонии ИДМ (с. 2009) ва бо дигар орден ва медалҳо сарфарозонида шудааст. Вай аъзои хориҷии Академияи миллии Қазоқистон (с.2005) ва Академияи илмҳои Ҷумҳӯрии Исломии Эрон (с. 2012) мебошад.

Дар тӯли фаъолияти худ дар вазифаи Президенти АИ ҶТ М.И.Илолов анъанаҳои солҳои зиёд аз ҷониби ташкилотчиён ва Президентҳои собиқи Академияи илмҳо гузошташуда буданд, пос дошт. Академик М.И.Илолов дар назди олимони Академияи илмҳо вазифаҳои сафарбаркунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии кишварро мегузошт. Бо ин фаъолияти худ маҳорати илмӣ ва ташкилотчигиро нишон медод.

Бо роҳбарии академик М.И.Илолов ҷашни 60-солагии Академияи илмҳо дар сатҳи баланд гузаронида шуд, ки намояндагон аз давлатҳои ИДМ ва хориҷаи дур иштирок доштанд. Ин ҷашн музаффарияти ҳақиқии илм тоҷик гашт.

Дар фаъолияти худ М.И.Илолов моҳорати олимӣ, ташкилотчӣ ва омӯзгор бар аъло пайваста аст. Солҳои зиёд ӯ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон курсҳои лексия мехонад.

Моҳи декабри соли 2013 М.И.Илолов ҳамчун роҳабар ба Маркази рушди инноватсионӣ ва технологияҳои нав, ки дар вақти президенти АИ ҶТ буданаш ташкил карда буд, ба кор гузашт. Дар Маркази мазкур ӯ нақша дорад, ки дар ҷумҳурӣ комплекси тадқиқотии намоишию омӯзиширо ташкил кунад, то дар он тадқиқотҳо дар самти энергетикаи ғайрианъанавӣ гузоронида мешаванд.

Вай нақша дорад гидроэнергетика, энергияи офтоби ва шамолиро бо ҳам пайвандат. Дар қатори ин таҷҳизот, сохтани шабакаи таҷҳизотҳои биогаз ҳосилкунанда дар назар аст. Дар умум ӯ як сохтори самаранокеро

оид ба лоиҳаҳои инноватсиониро ташкил кард ва бо шарикони Аврупоӣ ва Ҷумҳурии халқии Хитой робитаи хуберо барпо кард.

М.И.Илолов саъю кӯшиши худро барои нигоҳдории мактабҳои математикии илмӣ равона кардааст. Вай хуб медонад, ки чи гуна чунин мактабҳо ба мамлакати мо заруранд, чунки кишварҳои бойи Шарқи Наздик дорои имкониятҳои моддиянду, аммо наметавонанд мактабҳои математикии илмӣ ташкил кунанд.

Дар симои М.И.Илолов мо ватанпарварӣ ҳақиқиро мебинем, ки тамоми қувва, маҳорат ва дониши худро барои шукуфоии Ватани азизамон бахшидааст.

Дар солҳои вазнини ташаккулёбии давлатдории Тоҷикистон М.И.Илолов саҳми назаррас барои нигоҳдорӣ таълим ва илм гузоштааст, ҳисси ваҷандӯстӣ шиори асосии фаъолияти ҷамъиятии ӯ шуда буд ва бемалол метавонем академик М.И.Илоловро ба қатори шахсони асосие, ки барои барқарорсозӣ сулҳ ва вазъи мӯътадил дар мамлакатамон саҳмгузоранд, дохил кунем. .

Консепсияи илмӣ ва корҳои академик М.Илолов эҳтироми калон дорад, ӯ рушди математикаро дар асри XXI хуб медонад.

Дар ин рӯзҳо акдемик М.И.Илолов ба синни 70 солагӣ мерасад. Ман дӯсти гиромиқадрамро бо ин ҷашн табрик намуда ба ӯ саломатӣ, хушбахтӣ ва бурдбориҳо дар оиларо хоҳонам.

Академик М.И.Илолов 70 солагии худро бо як бардамӣ ва энергияи зиёд ҷашн мегирад, ман бовари дорам, ки доираи васеъи ҷамъияти илмӣ ба ӯ бурдбориҳои нав ба навро дар соҳаи илм хоҳонанд.

Душанбе, Марти соли 2018

## ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ УСТОД ШАРОФИДДИН НУРИДДИНОВ



Мехостам ба таври мухтасар дар бораи яке аз устодони худ андешаҳоямро баён намоям. Агар муаллимони мактаб ба ман савод омӯхта бошанд, устодони донишгоҳ тарзу равиши таҳқиқи илмиро омӯхта аст.

Ҳаёти эҷодкоронаи устод Нуриддинов Ш. пур аз меҳнати ҳалол ба мардум буда, душвориҳои зиёдеро паси сар кардаанд ва барои пешравии маорифи кишвар хизматҳои арзанда доранд.

Муаллим - яке аз касбҳои пурмаҳсул ва муҳим дар ҳаёти инсон мебошад. Ин вазифаи боифтихор мебошад. Муаллим ҳамчун кулолгар ё ин ки устое мебошад, ки аз масолеҳи хом ҷавоҳиротҳои нодирро меофарад ва бояд шахсияти мустақилро офарида тавонад, то ки бо боварии комил ба дунё қадам монда тавонад. Ҳамаи ин хислатҳо дар симои устод Нуриддинов Ш. дида мешуд.

Ман аз устод Нуриддинов Ш. сабақу нозукиҳои математикаи олиро омӯхтаам. Агар дар арсаи илм комёбӣ ба даст оварда бошам, дар он заҳмату ғамхории Нуриддинов Ш. низ намоён аст.

Зиндагии ӯ - намунаи хизмат ба мардум ва маориф мебошад.

Ман хеле хушбахтам, ки лексияҳои пурмазмуни Нуриддинов Ш. – ро дар Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи ак.М.Осимӣ) гӯш кардаам. Он кас ба мо аз фанни математикаи олӣ солҳои 1963-1964 лексия мехонданд. Бояд қайд кард, ки пас аз хондани лексияи якуми он кас донишҷӯён боварӣ ҳосил намуданд, ки ба онҳо шахси бо қобилияти баланд дарс медиҳад ва хеле серталаб мебошад. Лексияҳои Нуриддинов Ш. бо мантиқ ва пурмазмун буданашон аз дигар лексияҳо фарқ мекарданд. Ҳама тарафҳои мушкили соҳаи математика содда ва равшан менамуданд.

Роҳи тайнамудаи Нуриддинов Ш. – ро аз муаллими оддӣ то декани факулта бо ифтихор метавонем қайд намоем, ки ӯ новобаста дар кадом вазифа кор карданаш, ба чӣ машғул буданаш, ҳамеша муваффақи натиҷаҳои хуб истеъдоди баланд ва малакаи касбии худро нишон медод.

Устод Нуриддинов Ш. бо шогирдони худ фахр мекарданд. Ҳар сол дар рӯзи дониш – 1 сентябр он кас дар лексияи аввали худ шогирдоне, ки дар соҳаи илм, маориф ва роҳбарони муассисаҳои давлатӣ буданд ёдовар

шуда, барои насли наврас хислатҳои неки шогирдони худро нақл мекарданд. Ман аз устод Нуриддинов Ш. илова бар дониши математика некиву накӯкориро омӯхтаам. Он кас инсони шариф, некирода ва соҳибдил буданд.

Ӯ теъдоди зиёди мутахассисони техникиро дар давоми зиёда аз 50 сол тарбия намудааст. Имрӯз, ҳамаи шогирдон, ки худ мутахассисони ботаҷриба мебошанд самимият, ғамхорӣ ва меҳмоннавозии гарми Нуриддинов Ш. - ро дар давраи бо ӯ кор кардан ба ёд меоваранд. Бояд қайд намуд, ки Нуриддинов Ш. меҳмоннавоз ва сӯҳбатҳои самимона доштанд.

Ман боварӣ дорам, ки дар таърихи илм ва маориф Нуриддинов Ш. яке аз муаллимони боистеъдод боқӣ мемонад, ки саҳми бузурги худро дар рушди ҷумҳуриамон гузоштааст.

Дастовардҳои ӯ аз тарафи давлат бе назар намондаанд. Нуриддинов Ш. бо медали меҳнати шуҷоъ ва унвони фахрии – Корманди шоистаи Тоҷикистон ва якчанд маротиба бо медалҳо, номаҳои миннтадорӣ ва нишонаҳо сазовор гаштааст. Рӯзгор ва роҳи тайкардаи Нуриддинов Ш. барои насли ҷавони тоҷик басо ибратбахш ва пандомӯз аст. Ӯ ба ҳайси ассистенти кафедра, дотсент ва роҳбари кафедра кор кардааст. Ба дастовардҳои ӯ нигоҳ карда боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки зарбулмасали «одам бо кор зебандааст» - онро тасдиқ менамояд.

Хусусан маҳорати баланди омӯзгории Нуриддинов Ш. ҳангоми солҳои тӯлонӣ кор кардан дар вазифаи декани донишҷӯёни берунмарзӣ намоён гардида буд. Ӯ донишҷӯёни зиёда аз 40 давлати ҷаҳонро барои дониш омӯхтан ва дар аспирантура хондан ҷалб намуда буд. Ду аспиранти Донишгоҳро аз Сурия ва Нигерия низ ба ман боварӣ намуда, роҳбари илмии онҳоро Нуриддинов Ш. ба ман супорида буданд. Дар муддати муқарраршуда онҳо номзадҳои илм шуданд.

Ман хушбахтам, ки солҳои зиёд бо он кас ҳамсӯҳбат будам ва дар бисёр масъалаҳо маслиҳат мепурсидам. Ҳангоми бо Нуриддинов Ш. сӯҳбат кардан ман ба фикррони, интихоби равшан ва амиқи дониши ӯ дар ҳайрат мемондам.

Ҳангоми бо ӯ ҳамсӯҳбат шудан ҳамеша симои шахси фикррониаш амиқ ва ақли хирад назаррас мегардид. Бисёре аз шогирдони ӯ дар мансабҳои муҳими маъмурӣ ва илмӣ кор мекунанд.

Нуриддинов Ш. моҳирона потенсиали илмию педагогии кафедра ва деканати Донишгоҳи техникии Тоҷикистонро истифода мебурд. Ҳамеша барои мустаҳкам намудани базаи техникии донишгоҳ кӯшиш мекард. Таҳқиқотҳои методӣ ва илмии Нуриддинов Ш. барои ҷумҳурии мо

муҳим буда, барои халқ хизмат мекунанд. Ӯ зиёда аз 20 китобҳои методӣ-амалӣ навиштааст.

Ӯ шахси пурдон буд ва дониши васеи энсиклопедӣ дошт. Ӯро дар тамоми гӯшаву канори кишварамон мешиносанд, зеро дастпарварони ӯ дар Тоҷикистон ва берун аз он фаъолият мекунанд.

Ман рӯзҳои фаромӯшнашавандаро аз зиндагии ӯ дар хотир дорам. Нуриддинов Ш. барои дӯстон ва кормандони худ бисёр зиёфатҳои ташкил мекард. Хусусан дар ёд доам 60 – солагии зодрӯзи устодро. Дар ин вохӯриҳо ӯ ба олимони ҷавон диққати бештар дода, ба онҳо донистани қадри вақту зиндагиро мефаҳмонд.

Шогирдон ва пайравони Нуриддинов Ш. ӯро қадрдонӣ мекарданд ва барои баланд бардоштани сатҳи маориф ба Ватан хизмат мекунанд.

Мо ҳамеша муносибати дақиқ, бо эҳтиром ва хайрхоҳи ӯро нисбат ба мардум ҳис менамудем. Бешубҳа, ки ин сифатҳо ба ӯ имконияти ба даст овардани обрӯву эътибор дар ҷумҳурӣ гардида буд.

Ҳар як вохӯриву мулоқоти ман бо устод Нуриддинов Ш. дар рӯҳияи накӯкориву ҳамдигарфаҳмӣ ва одобу назокати баланд мегузашт. Ман метавонам мисолҳои зиёде орам, ки дарки амиқи масъала ва дурандешиву пешгӯиҳои ӯ шаҳодат медиҳанд.

Маслиҳату машваратҳои хирадмандонаи Нуриддинов Ш. маро ҳамеша рӯҳбаланд мекард ва аз дороии ҷаҳонбинии ӯ шаҳодат медод.

Вақте ки маро моҳи июни соли 1995 президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд, он кас маро яке аз аввалинҳо шуда, табрик намуда гуфта буданд: «Барои олими ҳақиқӣ вазифаи баланд ин санҷиши калон мебошад».

Устод Нуриддинов Ш. маҳз бо кушишу ғайрат ва кору меҳнати софдилона соҳиби обрӯи шоиста дар байни ҳамкасбон низ доштанд. Дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон вақте ки ректор иваз шуд, роҳбари нав пеш аз ҳама аз устод Нуриддинов Ш. маслиҳат мепурсид, то ки анъанаҳои донишгоҳ вайрон нашаванд.

Онҳое, ки имрӯз ба омӯзгорӣ ва илм машғуланд, сазовори эҳтирому таҳниятҳо мебошанд, зеро онҳо бо майлу мароми ботинӣ амал мекунанд. Устод Нуриддинов Ш. маҳз аз чунин устодон буд.

Омӯзгори асил дар бораи худ кам фикр мекунад. Онҳо барои манфиати кишвари худ беғаразона фаъолият менамоянд. Нуриддинов Ш. аз чунин омӯзгорон буд.

Солҳо, одамон, омӯзгорон мегузаранд, вале он чи онҳо мерос гузоштаанд, боқӣ мемонад. Ҷаҳонбинӣ, услуби кор, хусусияти муошират – меросе, ки мо ҳамеша онро арз мегузорем.

Устод Нуриддинов Ш. дар ёди мо ҳамеша ҳамчун шаҳрванди бузург, олим ва мутафаккир боқӣ хоҳад монд.

Шодравон Нуриддинов Ш. нақшаҳои зиёди илмӣ-методӣ доштанд. Якчанд китобҳои методиро ба чоп тайёр намуда буданд. Боварӣ дорам шогирдон онро ба чоп мерасонанд.

«Марди накӯном намирад ҳаргиз…»

Душанбе, Майи соли 2019

## МАРДИ ХИРАД, ОЛИМИ ШИНОХТА (ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ ПРОФЕССОР АСЛОНОВ МАХКАМ)



Пешравии ҳар як инсон аз мураббӣ, муаллим ва устод зич вобаста мебошад. Хушбахтона Тоҷикистони азизи мо дар давраи муосир омӯзгорону устодони зиёди эҷодкор ва барӯманд дорад, ки онҳо дар тарбияи ҷавонон ва донишмандон саҳми бузург гузоштаанд. Ба камол расидани донишмандону олимон ба муаллиму устод зич вобаста мебошад.

Мехостам дар бораи яке аз устодони шинохтаи Ҷумҳури профессор Аслонов М. андешаҳоямро баён намоям. Агар муаллимони мактаб  савод омӯхта бошанд, устодони донишгоҳ тарзу равиши таҳқиқи илмиро омӯхта, барои ба илм чӣ тавр қадамҳои аввал гузоштанро нишон додаанд.

Ҳаёти пурбаракати устод Аслонов М. пур аз меҳнати беғаразона ба мардум буда, душвориҳоро паси сар кардаанд ва барои пешравии маориф ва илми кишвар хизматҳои арзанда кардааст.

Бо талош ва кӯшишҳои устод Аслонов М. дар кишвар як қатор арбобони давлатӣ, мураббиҳои ботаҷриба ва олимони намоён ба воя расидаанд ва кор мекунанд.

Аслонов М.А. соли 1960 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намуда, солҳои 1960-1962 дар мактаби миёнаи ба номи Калинини ш.Уротеппа (ҳоло Истаравшан) ҳамчун муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Шогирдони муаллим Аслонов М- профессор Носиров Н., досент Ҳакимов Н. ва дигарон нақл мекунанд ки он кас муаллими эҷодкор буда, ба пешравии таълими ҳанӯз дар солҳои ҷавонии худ саҳми шоиста боқӣ гузошта буданд.

Бисёр шргирдон аз устод Аслонов М. сабақу савод ва дарси ҳаёт омӯхтаам. Агар шогирдон дар арсаи илм комёбӣ ба даст оварда бошам, дар он маслиҳатҳо ва ғамхории профессор Аслонов М. низ намоён аст.

Бовари дорам, ки дар симои профессор Аслонов М.- корманди шоистаи Тоҷикистон ,узви вобастаи Академияи илмҳои байналхалии мактабҳои олӣ мо беҳтарин хислатҳои олим ва омӯзгори асилро мебинем. Он кас хоксорӣ,  заҳматкашӣ ва сабру таҳамул, покии рафтору кирдорро ба худ ҷамъ намуда буданд.

Бояд қайд кард, ки пас аз шинос шудан бо Аслонов М. донишҷӯён боварӣ ҳосил намудаанд, ки ба онҳо шахси бо қобилияти махсуси касбӣ

дарс медиҳад ва хеле серталаб мебошад. Лексияҳои Аслонов М. бо мантиқ ва пурмазмун буданашон аз дигар лексияҳо фарқ мекарданд. Ҳама тарафҳои мушкили соҳаи фалсафаро содда ва равшан менамуданд.

Аслонов М. баъд аз хатми аспирантураи солҳои 1965-1972 ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедраи фалсафа ва коммунизими илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ДДТ) ва солҳои 1965-1968 ҷонишин, 1968-1971 котиби Комитети ҳизби ДДТ, 1972-2002 мудири кафедраи фалсафа ва коммунизими илмӣ, таърих ва сиёсатшиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон буданд.

Роҳи тайнамудаи зиндагии Аслонов М.-ро дар вазифаҳои гуногун омӯхта, бо ифтихор метавонем қайд намоем, ки он кас новобаста дар куҷо кор карданаш, ба чӣ машғул буданаш, ҳамеша муваффақи натиҷаҳои хуб буданд. Таасурот ба миён меомад, ки ба ӯ ҳама кор ба осонӣ дода мешавад, аммо интавр набуд. Дар паси ҳамаи ин меҳнати суботкор, дониши амиқу бо таҷриба буд.

Ӯ мактаби бузурги мутахассисонро тарбия намудааст. Имрӯз, ҳамаи омӯзгорон, ки худ мутахассисони ботаҷриба мебошанд самимият, ғамхорӣ ва меҳмоннавозии гарми Аслонов М.–ро ёд меоваранд. Дар ҳама корҳо дастгирӣ ва ғамхории он кас ҳис карда мешуд.

Ман боварӣ дорам, ки дар таърихи илм ва маориф Асломов М. яке аз муаллимони боистеъдоде мебошад, ки саҳми бузурги худро дар рушди маорифи ҷумҳуриамон гузоштааст.

Дастовардҳои он кас аз тарафи давлат беназар намондаанд. Аслонов М. бо якчанд медалҳои давлатӣ ва унвони фахрии – Корманди шоистаи Тоҷикистон, номаҳои миннатдорӣ ва нишонаҳо сазовор гаштааст. Рӯзгор ва роҳи тайкардаи Аслонов М. барои насли ҷавони тоҷик басо ибратбахш ва пандомӯз аст.

Мо хушбахтем, ки солҳои зиёд бо он кас ҳамсӯҳбат мешудемва дар бисёр масъалаҳо маслиҳат мепурсидам. Ҳангоми бо Аслонов М. сухбат кардан, ба фикрронӣ, интихоби равшан ва амиқи дониши он кас хис менамудем.

Проф.Аслонов М. хислати ҳамсӯҳбатро ба худ наздик кардан дошт, ҳамаи масъалаҳои гузоштаистодаро ба зуддӣ ҳал менамуд.

Ҳангоми бо он кас ҳамсӯҳбат шудан ҳамеша симои шахси фикррониаш амиқ ва ақли хирад назаррас мегардид. Бисёре аз шогирдони ӯ дар мансабҳои муҳими маъмурӣ ва илмӣ кор мекунанд.

Аслонов М. моҳирона потенсиали илмию педагогии кафедраи фалсафа ва коммунизми илмии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи ак. М.Осимиро истифода мебурд. Ҳамеша барои мустаҳкам

намудани базаи техникии кафедра чораҳои зарурӣ медид. Таҳқиқотҳои илмии Аслонов М. барои ҷумҳурии мо муҳим буда, барои халқ хизмат мекунанд.

Ӯ шахси пурдон буда, дониши энсиклопедӣ дошт. Ӯро дар бисёр давлатҳо мешинохтанд. Хусусан дар телевизиони тоҷик ӯ роҳбари бахши ҳаёти байналхалқии дунёро моҳирона ба тамошобинон пешниҳод менамуд.

Ман рӯзҳои фаромӯшнашавандаро аз зиндагии ӯ дар хотир дорам. Аслонов М. барои дӯстон ва кормандони худ бисёр вохурихо ташкил мекард. Дар ин вохӯриҳо ӯ бо олимони ҷавон диққати бештар дода, ба онҳо донистани қадри вақту зиндагиро мефаҳмонд. Мо хурсандем, ки Аслонов М. олими барҷаста ва мураббии замони муосири мо гардида буд.

Шогирдон ва пайравони профессор Аслонов М. ӯро қадрдонӣ мекарданд ва барои баланд бардоштани сатҳи илм ва маориф ба Ватан хизмат мекунанд.

Ман фикр мекунам, ки меҳнатҳои зиёд ва фаъолияти илмию педагогии ӯ барои наслҳои имрӯза ва оянда намунаи ибрат мебошанд.

Мо ҳамеша муносибати эҳтиром ва хайрхоҳи ӯро нисбат ба шогирдон ва мардум ҳис менамудем. Бешубҳа, ки ин сифатҳо ба ӯ имконияти ба даст овардани обурӯву эътибор дар ҷумҳурӣ гардида буд.

“Зиндаву ҷовид монд, ҳар ки накуном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр, зинда кунад номро.”

Душанбе, январи соли 2020

# ТОҶИ САРИ ДӮСТОН[2]



Дар ин рӯзҳои бӯҳронӣ хушбахтона, шахсиятҳои арзандаи ҷамъият кам нестанд. Чунин ашхос сарфи назар аз ҳама мушкилот, виҷдони хешро доғдор накарданд, якдилу якрӯ монданд ва ба ҳамсафону дӯстон содиқ буданду ҳастанд.

Дар ҳаққи чунин ашхоси бошарафу баномӯс, сарбаланду матинирода шоир фармудааст:

*Бар нокасони зиндагӣ гардан надодаам,*
*Аз зери теғ бо сари боло гузаштаам.*

Дӯст ва бародари қадрдони мо, инсони шариф, росттабъу ростбоз ва некрою некном Ҷамоат Ҷумъаевич аз ҷумлаи ҳамин ашхос аст. Аз ҳар кадом як дӯсти ҷонӣ дар бораи ин шахс пурсон шавед, мегӯянд, ки Худо умрашро диҳад. Ӯ дуои падар гирифтааст, марди роҳи ҳақиқат, ҷони одам ва ғамхору ғамгусори мардум аст. Вай аз овони хурдӣ хизмати мардум ва эҳтироми калонсолонро барои худ ҳам фарзу ҳам суннат медонист. Ин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ба вай аз волидайн мерос мондааст, ки онҳо тамоми умр чун деҳқони оддӣ ба обу замин дилбастагии хосае доштанд. Айёми кӯдакӣ ва наврасии Ҷамоат Ҷумъаев дар ҳамин хонадони оддии меҳнатӣ сипарӣ шудааст. Вақте Ҷамоат 7-сола шуд, ӯро ба мактаби ҳафтсолаи зодгоҳаш деҳаи Дардар доданд, ки он яке аз дабистонҳои ноҳияи Айнӣ ба шумор рафта, дар он муаллимони варзида кор мекарданд ва ба тарбияи шогирдони худ аз сидқи дил машғул буданд. Ҷамоат Ҷумъаев аз шогирдони муҷтаҳид ва пешқадам буд. Соли 1952 Ҷамоат Ҷумъаев ба ноҳияи Ҳисор омада, шомили мактаб-интернати ба номи Н.К. Крупская шуд. Ӯ дар рафти таҳсили мактаби миёна ба фанҳои дақиқ дибастагиву ҳаваси махсус пайдо кард ва аз ин лиҳоз баҳри дониши худро мустаҳкам намудан ва тақвият бахшидан баъди хатми таҳсил дар зарфи ду сол дар мактаби миёнаи ба номи Н.К. Крупскаяи ноҳияи Айнӣ ва ба номи Калинини ноҳияи Ҳисор аз фанҳои риёзиёту физика дарс гуфт. Вакте ба донишу қувваи худ боварии комил ҳосил кард, соли 1957 ҳуҷҷатҳояшро барои дохил шудан ба ихтисоси автомобилии Донишкадаи политехникии Тоҷикистон супорид.

[2] Мақола бо ҳаммуалифии О.Бобоев, А.Ҳошимов, А.Бадалов ва А.Шарифов навишта шудааст.

Аз рӯзи аввали таҳсил дар Донишкада ӯ бо хониши аълою хулқу одоби баланди инсонӣ, накӯкорӣ, иштироки фаъолона дар корҳои сиёсию ҷамъиятӣ, истеъдод, малакаву маҳорати ташкилотчигӣ байни донишҷӯён фарқ мекард. Дере нагузашта ӯро раиси кумитаи иттифоки касабаи донишҷӯёни Донишкада интихоб намуданд. Вай ҳамеша кӯшиш мекард, ки дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими донишҷӯён кӯмак расонад ва бори зиндагии онҳоро то андозае сабук гардонад. Ӯ баъди хатми Донишкадаи политехникии Тоҷикистон бо дипломи аъло соли 1962 ба вазифаи ассистенти кафедраи «Нақлиёти автомобилӣ» таъин шуд. Худи ҳамон сол комсомолон ӯро котиби озоди комитети комсомолии донишкада интихоб намуданд. Ҷамоат Ҷумъаев соли 1963 ба аспирантураи назди кафедраи «Иқтисодиёт ва ташкилу баплангирӣ» -и Донишкадаи автомобилии Москва дохил шуда, соли 1967 рисолаи номзадиро дифоъ кард ва соҳиби унвони номзади улуми техникӣ гардид.

Ҷамоат Ҷумъаев баъди хатми аспирантура ба Донишкадаи политехникии Тоҷикистон баргашта, дар кафедраи «Иқтисодиёт ва ташкилу баплангирӣ» аввал чун ассистент, сониян чун муаллими калон ва дотсенти кафедра кор кард. Вай аз соли 1975 то соли 1980 чун мудири кафедраи мазкур хизмат карда, ҳамзамон аз соли 1968 то соли 1991 тӯли 23 сол дар факултаи нақлиёти автомобилӣ ва роҳ декан буд. Факулта ва кафедра бо роҳбаии Ҷамоъат Ҷумъаев ба муваффақиятҳои калони илмию методӣ ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ноил гардид.

Ҷамоат Ҷумъаев ба ҳамаи душвориҳо ва серкорӣ нигох накарда, пайваста ба таҳқиқоти илмӣ машғул аст ва натиҷаи ин аст, ки соли 1992 рисолаи докториашро бо сарфарозӣ ҳимоя намуд. Ба қалами профессор Ҷамоат Ҷумъаев беш аз 40 рисолаю мақолаи пурарзиши илмӣ, аз ҷумла оид ба проблемаҳои тараққиёти муҷтамаъи нақлиёти автомобили мусофиркашонии Ҷумҳурии Тоҷикисгон, воситаҳои накдиёт ва ғайра таъаллуқ доранд.

Ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ аз хислатҳои хоси профессор Ҷамоат Ҷумъаев аст. Чунончи, бо иштироки фаъолонаи вай дар назди кафедраи «Иқтисодиёт ва ташкилу баплангирӣ» лабораторияи «Тадқиқоти фоиданоки инфраструктураи нақлиётӣ» таъсис шуд. Бояд гуфт, ки як гурӯҳ номзадҳои улуми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон маҳсули ҳамин лаборатория мебошанд.

Ҷамоат Ҷумъаев ба ҳамаи ин комёбиҳои хизматии эҷодӣ бо меҳнати ҳалолу софдилона қалби ҳассос ва виҷдони пок ноил гаштааст. Имрӯзҳо

ӯ вазифаи моувини ректор оид ба шӯъбаи шабонаю ғоибона ва корҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро бо сарбаландӣ ба ҷо меорад.

Мавлоно Ҷомӣ дуруст фармудааст:

Эй, ки пурсӣ ки беҳтарин кас кист?
Гӯям аз қавли беҳтарин касон.
Беҳтарин кас касе бувад, ки ба халқ,
Беш бошад зи халқ нафърасон.

Дар бобати хоксориву дардошноӣ, инсонпарварию бедордилӣ, ахлоқу одобу писандида ва дигар фазилатҳои неки Ҷамоат Ҷумъаев мисолҳои сершуморе овардан мумкин аст. Вале бо гуфтаҳои боло иктифо намуда, фақат афзуданием, ки имрӯзҳо дӯсту бародар ва ҳамкору ҳамкасби меҳрубони мо, профессор Ҷамоат Ҷумъаев ба сини мубораки 60 мерасанд. Бинобар ин, вазифаи инсонии худ мешуморем, ки аз номи устодону шогирдон Ҷамоат Ҷумъаеви муҳтарамро бо 60-солагии зодрӯз ва 40-солагии фаъолияти пурбаракаташон самимона табрик гуфта, барояшон саломатӣ ва бурдбориҳои доимӣ орзу намоем.

(Рӯзномаи “Омӯгор” №12(11224) 27 августи с.1998)

## *ИНСОНИ НАҶИБ ВА ОЛИМИ ВАРЗИДА*

(Ба муносибати 70-солагии профессор Бандаев С.Г.)



Вақте ки сухан дар бораи илми химияи узвии Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, беихтиёр ва қабл аз ҳама ба забон номи олими шинохтаи тоҷик, омӯзгори варзида, доктори илми химия, профессор, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ, корманди шоистаи Тоҷикистон, Дорандаи ҷоизаи Президенти кишвар дар соҳаи маориф – Бандаев Сироҷиддин Гадоевич меояд. Ин бесабаб нест, зеро ҳанӯз дар аввали солҳои 70-уми асри XX рисолаи номзадиро дар яке аз Донишгоҳҳои бонуфузи СССР – Донишгоҳи Давлатии Москва (МГУ) дифоъ намуда буд, ва ин нишони он буд, ки дар арсаи илми химия олими намоён пайдо шудааст.

Профессор Бандаев С.Г. ҳасту сирри химияи узвиро бо тамоми нозукиҳояш омӯхтааст ва хуб медонад, ки имрӯз аҳли башар майли бештар ба ин илм дорад. Ӯ инсони хоксору фурӯтан ва қадршиносу боандеша мебошад, ки гувоҳи баланди маданияту маърифати ин шахси накӯкор аст.

Рӯзгор ва роҳи тайкардаи профессор Бандаев С.Г. барои насли ҷавони тоҷик басо ибратбахш ва пандомӯз аст. Бандаев С.Г. соли 1970 Донишкадаи Давлатии Омӯзгории ш.Душанбе ба номи Т.Г.Шевченка-ро хатм намудааст. Соли 1972 ба аспирантураи Донишгоҳи Давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дохил шуда, соли 1975 рисолаи номзадиро ҳимоя нмудааст. Аз соли 1975 инҷониб дар Донишгоҳи Давлатии Омӯзгорӣ фаъолият мебарад.

Аз соли 1995 то 2009 муовини ректори Донишгоҳи мазкур буд. Ҳамчун муаллими кафедраи химияи орагникӣ-биологӣ (с.1976), дотсент (с.1980), докторанти Донишгоҳи Давлатии Москва (1989-1992), доктори илмҳои химия (с.1992), профессор (с.1993), узви вобастаи академияи таҳсилоти Тоҷикистон кору фаъолият кардааст.

Профессор Бандаев С.Г. дар соҳаи химияи органикӣ ва элементо-органикӣ мутахассиси варзида буда, дар фаъолияти пурсамари худ, бо тарзи хоса ҳам олим, ҳам ташкилотчӣ, ҳам омӯзгор мебошад. Дар симои ӯ мо олими инсондӯстро мебинем, ки ҳамаи қувва ва дониши худро баҳри инкишофи илм ва маорифи кишвар равона кардааст.

Гуфтан мумкин аст, ки дар ҳамаи комёбиву пешравиҳои назарраси Донишгоҳи Давлатии Омӯзгорӣ ба номи С.Айнӣ заҳмат ва ҳиммати ин олими наҷиб нақши муфиди худро дорад.

Профессор Бандаев С.Г. солҳои тӯлонӣ ба ҳайси мудири кафедраи химияи органикӣ-биологии Донишгоҳи Омӯзгорӣ кор карда, ба рушду такомули химияи узвӣ ҳиссагузорӣ намудааст.

Имрӯзҳо давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон ба омӯзгорони варзида эҳтиёҷ дорад ва Бандаев С.Г. тамоми масъулияти илмӣ-омӯзгории худро ба тарбияи онҳо равона кардааст ва дастовардҳои ӯ боиси ифтихори миллати мо мебошад.

Ман ифтихори онро дорам, ки бо фаъолияти пурҷӯшу хурӯши ин олими варзида аз наздик шинос мебошам.

Ҳамаи сифатҳои наҷиби ӯ сазовори ҳурмату эҳтироми мо мебошад ва беҳтарин марказҳои илми химия ӯро хуб мешиносанд ва эҳтиром мекунанд.

Кӯмаки беғаразонаи ӯ ба ҷавононе, ки рисолаи номзадиро дифоъ мекунанд, низ ҳис карда мешавад. Ёд дорам баромадҳои пурмазмун ва дастгирии ӯро дар Шӯрои диссертатсионии Институти химияи АИ ҶТ, ки ҳоло зиёда аз 20 сол дар ин Шӯро мо ҳамкорӣ менамоем.

Лексияҳои профессор Бандаев С.Г. соддаву фаҳмо буда, бо мантиқи беиллат ва ҳамчунин бо фарогирии омили маводи химиявӣ изҳор мешавад. Пай бурда мешавад, ки ӯ маҳорати баланди педагогӣ дорад. Китоби дарсии химияи органикӣ, ки профессор Бандаев С.Г. бо ҳамроҳии Зубайдов У.З. ва Сафаров И.И. навиштааст, дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ яке аз беҳтарин китоб мебошад.

Имрӯзҳо дӯсти ман, яке аз симоҳои намоёни илму маорифи тоҷик, профессор Бандаев С.Г. дар остонаи таҷлили 70-умин солгарди баҳори пурбаракат ва бобарори умри хеш қарор доранд, ки ман бо камоли эҳтиром ва самимияти бепоён ӯро табрику таҳният намуда, барояшон беҳтарин хушиҳои рӯзгор, таъби болида ва комёбиҳои нав ба навро таманно дорам.

Дӯсти азиз, Сироҷиддин Гадоевич!

«Насиби ту ҳама шодии дунё,
Ғами дунё насиби душманон бод».

Аз китоби “Марди хирад”, Душанбе, 2015

## КИМИЁШИНОСИ ВАРЗИДА

(Ба муносибати 60-солагии профессор Солиев Л.)

*Илмат ба амал чу ёр гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор гардад.*



Оре, донишманде, ки андешаву афкори илмиаш, ихтирооту кашфиёташ дар амал тадбиқ мешавад, шогирдони ба воя расонидааш ба манфиати халқу Ватан, барои пешрафту ободии кишвар хидмат мекунанд, воқеан хушбахт аст ва ӯ дар байни ҳамкорону шогирдон, дӯстону ҳаммаслакон ва кулли мардум низ обрӯю эътибори зиёд пайдо менамояд.

Доктори илмҳои химия, профессор Солиев Лутфулло аз зумраи ҳамин гуна донишмандони хушбахт аст. Зеро ӯ дилбастаи касби худ буда, солҳост, ки дар пешрафти илми кимиёи тоҷик ва тарбияи мутахассисони ин соҳаи барои ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ хеле зарур садоқатмандона меҳнат мекунад.

Бо ин марди наҷиб ибтидои солҳои 90-уми, ҳангоме ки дар Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои ҷумҳурӣ шӯрои дифои рисолаҳои докториву номзадиро дар соҳаи кимиё созмон медодем, шинос шудам. Дар тули даҳ соли шиносоиву ҳамкорӣ бо ӯ ман аз хислатҳои неку ҳамидааш, меҳнатдӯстиву кордониаш огоҳи пайдо кардам.

Чашмандози илмии профессор Солиев Л. васеъ буда, масъалаҳои гуногуни кимиёро дар бар мегирад. Вале ӯ бештар ба тадбиқи низоми сертаркиби намакҳо машғул аст ва дар ин соҳа комёбиҳои назарраси илмӣ ба даст овардааст.

Таҳқиқоти дар ин мавзӯъ анҷомдодаи ӯ таваҷҷуҳи донишмандону мутахасисони ин соҳаро ҷалб намуда, сазовори баҳои баланди онон гаштааст. Натиҷаҳои дастовардҳои илмии ӯ дар корхонаҳои коркарди намак ва озмоишгоҳҳои гуногуни кимиёвӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд.

Ӯ ҳамеша пуркор аст, вале сайъ мекунад, ки аз миёни масъалаҳои зиёди илмиву ташкилӣ, ки ҳаёт ҳар рӯз пеш мегузарад, қабл аз ҳама

муҳимтарин ва зарууртаринашро интихоб намуда, ба сифати баланд ба иҷро мерасонад. Ба ҳамкорону шогирдон низ ӯ пойбанди масъалаҳои ҷузъиву фаръӣ нашуда, ба ҳалли масоили муҳим харҷ кардани нерӯву вақтро талқин менамояд.

Илми кимиёи тоҷик дорои мактаби хосе буда, шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст. Дар пешрафти он саҳми донишманди шинохта Солиев Л. низ калон аст. Ӯ ҳам бо асарҳои пурарзиши илмии худ ва ҳам бо шогирдони шоистааш хазинаи илми кимиёи тоҷикро ғани гардондааст. Ӯ ҳамеша дар ҳалқаи шогирдон буда, ба онҳо маслиҳатҳои муфид медиҳад, дар лаҳзаҳои душвор дасти ёри дароз менамояд. Нисбат ба шогирдони худ вай хеле меҳрубону ғамхор ва сахтгиру серталаб аст ва онҳоро дар рӯҳияи меҳнатдӯстиву бурдборӣ ва сабру пуртоқатӣ тарбия менамояд.

Дар воқеъ имрӯз вазъи озмоишгоҳҳои кимиёвӣ хуб нест, маводу дастгоҳҳо намерасанд, вале шахсе, ки ба илм шавқу дилбастагӣ дорад, метавонад дар чунин вазъи душвор низ корҳои бузургеро анҷом диҳад. Худи Солиев Л. ҳам корро аз танзими озмоишгоҳ шурӯъ намуда, тадриҷан бо азму субот ва меҳнати зиёд душвориҳоро бартараф карда, ба комёбиҳо ноил гаштааст. Зеро ӯ хуб медонист, ки кашфиёти илмӣ ба осонӣ ба даст намеояд ва аксари ихтирооти кимиёвӣ дар озмоишгоҳҳои номуҷҷаҳаз сурат гирифтаанд. Аз ҷумла, кашфиёти оламшумули донишмандони маъруф Бутлеров А.М., Зинин Н.Н., дар чунин озмоишгоҳҳо ба вуҷуд омадаанд. Солиев Л. Ба шогирдони худ ҳамингуна мисолҳоро оварда, шавқу дилбастагии ононро ба кори илмӣ бештар менамояд. Ӯ ҳамчун мураббии моҳир зуд завқу салиқа, истеъдоду қобилияти кормандону шогирдонашро муайян карда, ба ҳар кадоми онҳо кори мувофиқеро тавсия менамояд.

Таваҷҷуҳи Солиев Л. ҳам дар тадқиқ ва ҳам дар таълим бештар ба он масъалаҳое ҷалб шудаанд, ки арзиши амалӣ доранд ва барои пешрафти техника зарураnд ва ё мушкилоти ҳаёти мардумро ҳал месозанд. Кишвари мо дорои захираҳои бузурги намак буда, коркарди дурусти он метавонад барои пешрафти иқтисоди мамлакат ва соҳаҳои гуногуни ҳаёт мусоидат намояд. Аз ин ҷост, ки Солиев Л. дар тадқиқоти худ сайъ мекунад, ки таркиб ва хусусиятҳои намакро ҳарҷониба баррасӣ намуда, роҳҳои истифодаи дурусти онро дар саноат ва зиндаги муайян созад.

Солиев Л. дорои ҷаҳонбинии васеъ, хотираи мустаҳкам буда, корҳои илмии худро ба дараҷаи баланд анҷом медиҳад. Ӯ аз дастовардҳои навини кимиё ва илмҳои дигар моҳирона истифода мебарад. Ӯ ҳамчунин

дар тарғибу ташвиқу комёбиҳои нави илм саҳм гузошта, дар конфронсу семинарҳои гуногуни илмӣ фаъолона ширкат меварзад.

Фаъолияти илмиро Солиев Л. бо кори омӯзгори пайваста давом медиҳад ва дар ҳар ду ҷабҳа низ ҳамеша комёб аст. Аз ин ҷост, ки дархостҳои ӯ хеле шавқовар буда, шогирдонро бештар ҷалб менамоянд. Ӯ ҳамеша сайъ мекунад, ки шогирдони сазоворе тарбия намояд, ки дар ин давраи мушкил барои пешрафти иқтисоди кишвар, беҳбудии ҳаёти мардум, рушди илму техника хидмати босазое ба ҷо оранд.

Донишманди бузург Луи Пастер гуфта буд: «Илм ватан надорад, вале олим бе ватан буда наметавонад». Солиев Л. ҳам тамоми кӯшишу ғайрат, нерӯву ҳимати худро барои ободии Ватани азизаш Тоҷикистон, ки имрӯзҳо ба чунин донишмандони дилсӯзу фидокор, ватандӯсту ғамхор ниёз дорад, гул-гулшукуфиву пешоафти он ба харҷ медиҳад.

Донишманди варзида, кимиёшиноси маъруф Л.Солиевро бо шасти камолоташ табрик намуда, дар роҳи хидмат ба халқу Ватан барояш комёбиҳои тоза орзумандам.

Аз китоби “Кимиёгари волохирад”, Душанбе, 2001.

# ОМӮЗГОР, ОЛИМ ВА МАРДИ ХИРАД
(Ба муносибати 75-солагии профессор Ҳоҷибоев Ю.)



Имрӯзҳо яке аз симоҳои шинохтаи илму маорифи тоҷик, устоди гиромиқадр ва инсони пухтакор, доктори илмҳои химия, профессор Ҳоҷибоев Юлдош Ҳоҷибоевич дар остонаи синди 75 солагии умри пурбаракати хеш қарор доранд ва ман бо камоли эҳтиром ва самимияти бепоён мехостам якчанд андешаҳои худро баён намоям.

Профессор Юлдош Ҳоҷибоевро табрику таҳният намуда, барояшон хушиҳои рӯзгор, таъби болида ва комёбиҳои нави эҷодиро таманно менамоям.

Ӯ олими шинохта дар соҳаи химияи органикӣ буда сирри ин илмро ба тамоми нозукиҳояш омӯхтааст. Имрӯз ҷомеъаи мо ба ин илми пурасрор ниёз дорад. Ӯ зодаи диёри бостонии ноҳияи Ғончӣ буда, гузаштагони ин макон дар ғани гардодани хазинаи илму фарҳанги Тоҷикистони азиз, саҳми арзандаро гузоштаанд. Ҳоҷибоев Ю. аз авлоди шахсони арзанда ва босазое мебошад, ки ананаҳои аҷдодии моро ҳис мекунад ва пеш мебарад.

Мулоқоти нахустини ман бо Ҳоҷибоев Ю. ҳанӯз соли 1968 оғоз ёфта буд. Дар он сол ман дар кафедраи «Технологияи химия», ки мудири он яке аз омӯзгорони шинохтаи Донишкадаи политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ) доцент Я. Самиев буд, кор мекардам. Ҳоҷибоев Ю. ҳамон сол дар ин Донишкада ба кор шурӯ карда буд. Вай аз фанни химия ба донишҷӯён корҳои амалӣ ва таҷрибавӣ мегузаронд. Дар ҳамин солҳо ман боварӣ ҳосил намуда будам, ки Ҳоҷибоев Юлдош яке аз омӯзгорони донишманд мешавад ва нозукиҳои фанни химияро дуруст дарк менамояд.

Ҳаёти пурбаракати профессор Ҳоҷибоев пур аз меҳнати беғразона ба мардум буда, барои пешрафти маориф ва илми кишвар хизматҳои арзанда кардааст.

Омӯзгор яке аз касбҳои пурмаҳсул ва муҳим дар ҳаёти одамон мебошад. Ин вазифа не, балки истеъдод аст. Дар симои Ю. Ҳоҷибоев беҳтарин хислатҳои омӯзгорро ҳис кардан мумкин аст.

Ҳаёти устод Ҳоҷибоев Ю. пур аз меҳнати софдилона буда, душвориҳоро паси сар кардаанд ва барои пешравии кишвар хизматҳои

арзанда кардааст. Хусусан қайд кардан лозм аст, ки китоби дарсии «Маҷмӯи масъалаҳо ва машқҳо аз химияи органикӣ», монографияи «Синтез ва хосиятҳои имидиазол-тиадиазол» муҳимтарин асарҳо дар соҳаи химияи органикӣ мебошад. Ҳоҷибоев Ю. мақолаҳои бисёри илмӣ дар маҷалаҳои бонуфуз чоп кардааст, ки онро бисёр олимони соҳаи химияи органикӣ эътироф мекунанад.

Бо талош ва кӯшишҳои профессор Ҳоҷибоев Ю. дар кишвар як қатор мураббиҳои ботаҷриба ва олимони намоён ба воя расидаанд ва кор мекунанад.

Ҳоҷибоев Ю.Ҳ. соли 1967 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намуда, солҳои 1967-1968 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хизмат кардааст. Аз соли 1968 то имруз , ӯ дар вазифаҳои лаборанти калон, ходими хурди илмӣ, муаллими калон, доцент ва профессор шуда, дар Институтҳои тадқиқотӣ ва донишкадаҳо кор кардааст. Ӯ муаллими эҷодкор буда, ба пешравии таълим ҳанӯз дар солҳои ҷавонии худ саҳми шоиста боқӣ гузоштааст.

Ман бо профессор Ҳоҷибоев Ю. солҳои тӯлонӣ кор кардаам ва ҳамеша дастгирии ӯро ҳис мекардам.

Дар симои профессор Ҳоҷибоев Ю. мо беҳтарин хислатҳои олим ва омӯзгори асилро мебинем. Он кас хоксорӣ, заҳматкашӣ ва сабру таҳамул, покии рафтору кирдорро ба худ ҷамъ намудаанд.

Зиндагиномаи Ҳоҷибоев намунаи хизмат ба мардум, маориф ва илми Тоҷикистон мебошад. Дар фаъолияти пурсамари профессор Ҳоҷибоев Ю. бо тарзи хоса ҳам олим, ҳам педагог ва ташкилотчӣ зич пайвастагӣ дорад. Дар ҷодаи 50 соли кори эъҷодии худ ӯ мактаби бонуфузи илмиро ташкил намудааст.

Бояд қайд кард, ки пас аз шинос шудан бо Ҳоҷибоев Ю. донишҷӯён бовариӣ ҳосил намудаанд, ки ба онҳо шахси бо қобилияти махсуси касбӣ дарс медиҳад ва хеле серталаб мебошад. Лексияҳои Ҳоҷибоев бо мантиқ ва пурмазмун буда, ҳамаи тарафҳои мушкилии соҳаи химияи органикиро содда ва равшан нишон медиҳад.

Ҳоҷибоев Ю. солҳои 1987-1988 дар Институти химияи ба номи В.И.Никитини АИ ҶТ ҳамчун ходими калони илмӣ шуда кор кардааст ва соли 1999 рисолаи доктириро ҳимоя намудааст. Ман дар ёд дорам, ки дар он солҳои мушкил Ҳоҷибоев Ю. ба мушкилиҳо нигоҳ накарда ҳар рӯз кор мекард, дар муддати кӯтоҳ рисолаи докториро ба итмом расонид.

Роҳи тайнамудаи Ҳоҷибоевро дар вазифаҳои гуногун омӯхта, бо ифтихор метавонем қайд намоем, ки он кас ҳамеша натиҷаҳои хуб ба даст меоранд. Ӯ мутахассисони ботаҷриба дар соҳаи химия тарбия

намудааст ва онҳо муаллимони боистеъдоде мебошанд, ки саҳми бузурги худро дар рушди маорифи ҷумҳуриамон мегузоранд.

Профессор Ҳоҷибоев хислати ҳамсӯҳбатро ба худ наздик кардан дорад, ҳамаи масъалаҳои гузоштаистодаро ба зуддӣ ҳал менамояд. Ҳангоми бо он кас ҳамсӯҳбат шудан ҳамеша симои шахси фикррониаш амиқ ва ақли хирад назаррас мегардад. Бисёре аз шогирдони ӯ дар мансабҳои муҳими маъмурӣ ва илмӣ кор мекунанд.

Ҳангоми мудири кафедраи химияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино будаи Ҳоҷибоев, потенсиали илмию педагогии кафедраро мохирона истифода бурда аст. Ҳамеша барои мустаҳкам намудани базаи техникии кафедра чораҳои зарурӣ медид Профессор Ҳоҷибоев Ю. то имрӯз дар кори таълиму тарбия ва тайёр кардани кадрҳои илмии баландихтисоси соҳаи химия монда нашуда, заҳмат мекашад. Ҳоло ҳамчун профессори кафедра ёрии амалии худро ба олимони ҷавон дареғ намедорад.

Ӯ шахси пурдон аст ва дониши энсиклопедӣ дорад. Ӯро дар бисёр давлатҳо мешиносанд. Шогирдон ва пайравони профессор Ҳоҷибоев Ю. ӯро қадрдонӣ мекунанд ва барои баланд бардоштани сатҳи илм ва маориф ба Ватан хизмат мекунанд.

Ман фикр мекунам, ки меҳнатҳои зиёд ва фаъолияти илмию педагогии ӯ барои наслҳои имрӯза ва оянда намунаи ибрат мебошад.

Мо ҳамеша муносибати эҳтиром ва хайрхоҳи ӯро нисбат ба шогирдон ва мардум ҳис менамудем. Бешубҳа ин сифатҳо ба ӯ имконияти ба даст овардани обурӯву эътибор дар ҷумҳурӣ гардидааст.

Ман мехостам дар ин рӯзҳо, дӯсти худ, профессорЮ. Ҳоҷибоевро бо 75- солагии зодрӯз табрик намуда, барояшон тансиҳативу хонаободӣ, хушбахтиву саодати ҷовидона ва дар фаъолияти илмиву педагогӣ дастовардҳои нав таманно дорам.

Душанбе, апрели соли 2020

## ШАҲРВАНДИ АСИЛ

(Ба муносибати 60-солагии Муҳиддинов Ф.)



Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд қадам мезанад ва дар навбати аввал барои амали сохтани ин меъёрҳо қадрҳои баландихтисос, софдил, фидокор лозим мебошанд. Яке аз чунин шахсиятҳо дӯсти ман Муҳиддинов Фаридун мебошад.

Мулоқоти нахустини ман бо Муҳиддинов Фаридун ҳанӯз ҳангоми дар Маскав таҳсил намудани ӯ соли 1970 оғоз ёфта буд. Инак 35 сол аст, ки ман ӯро хуб мешиносам.

Имрӯзҳо Муҳиддинов Фаридун ба синни муборáки 60 мерасад. Дар тӯли 40 соли фаъолияти меҳнатӣ Фариддун Муҳидинов дар мақомотҳои гуногуни хоҷагидории кишвари мо кор карда, дар ҳама ҷо ба обрӯю эътибори калон соҳиб шудааст. Дар ҳама вазифаҳои худ аз усто, прораб то муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ бо сарбаландӣ ва бо эҳсоси балани масъулиятнокӣ кор кардааст.

Оре, воқеан ҳам одамро аз рӯи иеҳнат ва кор мешиносанд. Аз рӯи меъёр фаъолияти Фариддун Муҳиддинов дар сатҳи баланд қарор дорад. Дар солҳои душвор (1990-1993) ӯ муовини Раиси комиҷроияи шаҳри Душанбе буд ва вазифаи хешро бо масъулияти баланд адо намуд. Дар ҳама ҷое, ки садамаи об, барқ ё дигар ҳодисаҳои фавқулодда руй медод, ӯ ҳамеша ҳозир буд ва барои ба тезӣ барҳам додани оқибатҳои садамаҳои рӯйдода чораҳои самарбахш меандешид.

Кордонии Фаридун Муҳиддиновро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро соли 1993 ба вазифаи Вазири сохтумон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъдтар соли 1994 ба вазифаи Вазири нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои Ҷумҳурии Тоқикистон пешбарӣ намуд.

Дар ин солҳо Вазорати нақлиёт бо кормандони Институти кимиёи АИ ҶТ хеле пурсамар кор кард. Якчанд корҳои муҳими илмӣ-амалӣ оид ба ҳосил намудани битумҳо аз нафти Тоҷикистон, омӯзиши таркиби материалҳои композитсионӣ барои роҳсозӣ ба анҷом расонидаанд. Бо

роҳбарии Фаридун Муҳиддинов усули ҳосил намудани омехтаи асфалтобетон дар асоси материалҳои композитсионӣ ихтироъ ва дар истеҳсолот ҷорӣ шуд.

Хосиятҳои махсуси нафтҳои Тоҷикистон бо роҳбарии Фариддун Муҳиддинов барои роҳпӯшӣ омӯхта шудааст.

Корҳои илмии Фариддун Муҳиддинов соли 2000 ҷамъбаст карда шуда, ба намуди рисолаи номзадӣ дар Шӯрои диссертатсиони Институти кимиёи АИ ҶТ ҳимоя карда шуда буд. Рисолаи номзадии Фариддун Муҳиддинов яке аз рисолаҳои беҳтарин буда, алоқамандии илм ва истеҳсолотро нишон медиҳад.

Дар ёд дорам, ҳангоми дар вазифаи ҷонишини раиси комиҷроияи шаҳри Душанбе буданаш бо дастгирии ӯ Институти кимиёи АИ ҶТ сехи таҷрибавӣ оиди ҳосил намудани коагулятҳо моддаҳоро барои тоза кардани об дар шаҳрчаи «Нефтяник» ба кор даровард (с.1991) ва барои шаҳри Душанбе 8 тонна ҳосил карда шуда буд. Вале афсӯс, ки баъди воқеаҳои солҳои 1992-1993 дигар натавонистем сехи коагулятро ба кор дарорем. Ин боз як мисоли равшан оиди дастгирии илми тоҷик аз тарафи Фаридун Муҳиддинов мебошад.

Фаъолияти Фаридун Муҳиддинов ҳамчун муовини Сарвазири ҶТ хеле пурсамар буд. Ӯ ташкил намудани Агентии амнияти ядрой ва бехатарии радиатсиониро дар назди АИ ҶТ дастгирӣ намуда, кумаки беандоза кардааст. Ба серкор будани худ нигох накарда ҳамаи экспертҳои Агенти байналмиллии нерӯи атомиро (МАГАТЭ) бо хоҳиши мо қабул мекард ва барои пешравии кор кӯмаки бисёре кардааст.

Натиҷаи дастгирии Фаридун Муҳиддинов буд, ки ҳоло дар назди Академияи илмҳо Агентии амнияти ядрой ва радиатсионӣ ташкил карда шудааст ва ҳар сол аз тарафи МАГАТЭ ба миқдори тақрибан 3 миллион сомонӣ барои вазоратҳои гуногуни Тоҷикистон асбобу таҷҳизот ҷудо карда мешавад.

Ҳоло дӯсти азизи мо Фариддун Муҳидинов роҳбарияти ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанберо ба дӯш дорад. Дар ин кори пурмасъулият ӯ хеле босамар кор мекунад, вақт ёфта аз АИ ва институтҳои тадқиқотӣ хабар мегирад ва оид ба ободонии он ҷо кӯмаки моддӣ мерасонад.

Ҳаёти Фаридун Муҳиддинов намунаи ибрат барои халқи мо мебошад. Ӯ тамоми нерӯи ақлонии худро барои пешравии кишвари мо сарф кардааст. Ӯ ҳамеша ба дустон ғамхорӣ зоҳир намуда, аз кору зиндагии онҳо огоҳ мебошад.

Фаридун Муҳиддинов дӯст намедорад, ки хислатҳои неки ӯро мо ба ёд биёрем ва ба вай аз дигарон бештар таваҷуҳ зоҳир намоем. Фурӯтанию хоксорӣ ва бо ҳамагон муомилаи хуб доштан мавқеи ҳаётии ӯ мебошад. Ҳангоми сӯҳбат бо Фаридун Муҳиддинов дарк мекунем, ки дили бузург ва фарҳангу маънавиёти ғанӣ дорад.

Фаридун Муҳиддинов барои худ кам фикр мекунад ва зиндагии хеле хоксорона дорад. Фикру андешаҳои Фаридун Муҳиддинов ҳамеша барои пешравии кишвари мо равон шудааст.

Мулоқоти мо бо Фаридун Муҳиддинов ҳамеша дар рӯҳияи накӯкорию ҳамдигарфаҳмӣ мегузарад. Маслиҳатҳои хирадмандонаи ӯ дар лаҳзаҳои душвор ҳамеша моро рӯҳбаланд месозад.

Дар симои Фаридун Муҳиддинов мо беҳтарин хислатҳои инсониро ба монанди хоксорӣ ва меҳрубонӣ, заҳматкашӣ ва сабру таҳаммул, покию рафтору кирдорро мебинем.

Дар моҳи апрели соли 2002 мо бо ҳамроҳии Фаридун Муҳиддинов ва ректори Донишгоҳи миллӣ Ҳайдар Сафиев дар кушодашавии сехи коркарди партовҳои заводи алюминий тоҷик (ТадАз) аз рӯи ихтироъҳои олимони кимиё иштирок карда будем. Вай дар баромади худ муҳим будани ин кори олимонро қайд намуда, илтимос кард, ки оид ба ихтироъҳои Институти кимиёи АИҶТ якто китоб нависам, бигзор намояндагони истеҳсолот донанд ва онҳоро ба амал ҷорӣ намоянд.

Ҳамин тариқ китобе бо номи «Разработки Института химии им В.И.Никитин производству» ба миён омад ва дар сарсухани китоб ман қайд намудам, ки ғояи навиштани китоб ба Фаридун Муҳиддинов таалуқ дорад.

Ғайр аз ин, бо ташабуси Фаридун Муҳиддинов дар АИ конфренсияи илмӣ –амалӣ бо номи «Илм ва Истеҳсолот» ташкил карда шуд, ки ҳамаи истеҳсолотчиён бо ихтироъҳои АИ шинос шуда буданд.

Ин мисолҳо амиқ нишон медиҳанд, ки Фаридун Муҳиддинов ғамхори миллати худ мебошад.

Фаридун Муҳиддинов на танҳо сарвари мумтоз, балки инсони наҷиб ва шахсиятм комил аст. Камолоти инсониву донишмандӣ ва сарварии ӯ бо ҳам мутаносиб ва ҳамоҳанг буда, ҳамдигарро тақвият медиҳад.

Дар урфият мегӯянд, агар касеро хуб шинохтнӣ бошӣ, ба ӯ мансаб деҳ. Онҳое, ки аз одамият дуранд, худ сифати худро ошкор хоҳанд кард ва муносибаташон бо дӯстону атрофиён тағийр меёбад. Ҳар касе, ки Фаридун Муҳиддиновро солҳои зиёд мешиносад, хуб медонад, ки ӯ ҳар

бори ба вазифаи баландтар расидан ҳамонқадар фурӯтану хоксортар мегардад ва ҳеҷ гоҳ дар муносибати ӯ тағийре ба вуҷуд наомадааст.

Фаридун Муҳиддинов ба устодону гузаштагон эҳтироми зиёд дорад. Дар суҳбатҳо ӯ устодони Донишгоҳи техникии ба номи М.Осимиро ҳамеша бо некӣ ёд мекунад ва пешрафтҳои худро дар арсаи камолоти шахсӣ бо онҳо марбут медонад.

Ӯ дар воқеъ чун шогирди вафодор аз устодони ғамхори худ на танҳо донишу ҳунари сарвари омӯхт, балки дарсу ибрати одамият гирифт ва ба камол расид. Бесабаб нест, ки шоире гуфтааст:

*Ба шогирдӣ ҳар,он к-ӯ шод гардад,*
*Расад рӯзе, ки худ устод гардад.*

Ин гувоҳи бузургдиливу бузургҳимматии ӯст. Зеро бисёр касон баробари соҳиби мансаб шудан ба гузашта хати батлон мекашанд ва ба сиёҳ кардани он мепардозанд. Вале инсонҳои наҷиб ба гузашта бо нигоҳи ибратомӯзӣ менигаранд ва ҳатто аз хокистари гузашта гармии оташро ҷӯё мешаванд. Устод Лоиқ дар ҳақи чунин шахсони шариф гуфтааст:

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд.*

Муомилаву муносибати хубу ҳалимона бо ҳамкорон, эҳтироми шахсияти инсон, қадршиносиву қадрдонӣ аз хислатҳои асосии Фаридун Муҳиддинов мебошнд. Ӯ ҳамеша таъкид мекунад, ки мо бояд дар шахсияти ҳар инсон хислатҳои ҳамидаи ӯ, қобилияти истеъдоди ӯро дидаву дарк карда тавонем. Вагарна ҳеҷ кас аз норасоиву камбудӣ холи нест ва мо бо таъкид ба ҷанбаҳои некии инсон метавонем барои беҳтару накӯтар шудани ӯ мусоидат намоем.

Баробари ҳалимию меҳрубонӣ Фаридун Муҳиддинов инсони нисбат ба худ ва дигарон хеле серталаб аст ва ҳамеша аз ҳамкорон иҷро бонизому хушсифати ҳар корро дархост менамояд.

Ҳар чӣ ӯ дар зиндагӣ ба даст овардааст, натиҷаи заҳмату машаққатҳои зиёд аст. Ӯ имрӯз ҳам беш аз пеш меҳнат мекунад. Пеш аз ҳама ба кор меояд ва пас аз ҳама аз кор меравад.

Фаридун Муҳиддинов ба касоне, ки вазъи хуби моддӣ надоранд ва зиндагӣ онҳоро муҳтоҷ сохтааст, то ҳадди имкон ёрӣ медиҳад. Ӯ ҳамеша таъкид мекунад, ки зиндагӣ беҳтар мешавад ва ояндаи Тоҷикистон нек аст.

Кӯшишҳои гуногунҷабҳаи Фаридун Муҳиддинов дар асари корҳои давлатӣ бо хислатҳои неки ӯ пайваста аст. Ӯ ба ояндаи Тоҷикистон

боварии комил дошта, мардумро ба меҳнат, муҳаббат ба Ватан ва ободии кишвар даъват мекунад.

Ман дӯсти мушфиқ ва инсони нуктасанҷ Фаридун Муҳиддиновро бо зодрӯз самимона табрик карда, ба ӯ саломатӣ ва комёбиҳо орзу менамоям.

Аз китоби “Раҳнаварди манзили дилҳо”, Душанбе, 2005.

# ИНСОНИ АСИЛ ВА ДӮСТИ МЕҲРУБОН



Тоҷкистони азизи мо, яке аз порчаи саёраи мо буда, бо фарзандони худ, ки дар рушду инкишофи кишвар саҳми намоён доранд ва фахр мекунад. Яке аз ин фарзандони барӯманди ҷумҳурии мо Баротов Мӯсо Баротович мебошанд.

Агар сухан аз боби кишоварзӣ равад дар радифи аввал симои намоёни кишвар – марди забардаст, инсони ҳалим, нексиришт, хайрхоҳ ва меҳрубон Баротов Мӯсо Баротович пеши назар ҷилвагар мешавад.

Мӯсо Баротов аз зумраи он шахсоне мебошад, ки ҳанӯз дар солҳои 60-70 – уми асри гузашта дар соҳаи кишоварзӣ хизматҳои шоиста кардаанд. Он кас роҳи пуршараф аз агрономии оддӣ то вазири кишоварзии ҷумҳуриро тай намудааст. Дар тӯли фаъолияти пурбаракати меҳнатии худ Мӯсо Баротов дар мақомотҳои гуногуни ҳизбию давлатӣ: агроном, роҳбари раёсати кишоварзии ноҳия, инструктор ва мудири сектори КМ ҳизби коммунистии Тоҷикистон, мудири шӯъбаи кумитаи ҳизбии вилоятиҚӯрғонтеппа, котиби якуми кумитаи ҳизби ноҳияи Қумсангир, мудири шӯъбаи кумитаи ҳизбии вилояти Кӯлоб, муовини мудири шӯъбаи кишоварзии КМ Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, котиби кумитаи ҳизбии вилоятҳои Хатлон ва Қӯрғонтеппа, котиби якуми кумитаи ҳизбии вилояти вилояти Қӯрғонтеппа, мудири шӯъбаи комплекси агросаноатии Шӯрои Вазирони Тоҷикистон, муовини вазири кишоварзӣ, вазири кишоварзӣ, мудири шӯъбаи комплекси агросаноатии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардаанд.

Мо имрӯз бо итминони комил гуфта метавонем, ки дар тамоми вазифаҳое, ки ҷомеа ба дӯши ин марди бузург гузошта буд, бо сарбаландӣ ва эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ иҷро кардаанд ва дар ёди ҳамкорон ва ҳамкасбон мақоми хосае доранд.

Баротов М.Б. дар солҳои душвортарини 1993-2000 ба вазорати кишоварзӣ ва мудири шуъбаи кишоварзии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, онро аз бӯҳрон наҷот додаанд ва вазифаи хешро бо масъулияти калон адо кардаанд. Кордонию коршиносии Баротов М.Б. дар ҳамаи вазифаҳои ҳизбию давлатӣ ҳис карда мешавад ва ӯ ҳамеша роҳҳои дурусти ҳалли масъаларо пешниҳод менамуданд.

Баротов М.Б. фазилатҳои наҷиби инсониро доранд ва аз санҷишҳои зиндагӣ гузашта қавитар ва устувор гардидаанд.

Кордонӣ ва хислатҳои неки Мӯсо Баротовро ман дар солҳое, ки дар Институти химияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекардам, шунида будам. Бо он кас ҳангоми дар вазифаи муовини вазир ва вазири кишоварзӣ буданашон хеле наздиктар шинос шудам.

Дар шахсияти  Баротов М.Б. ҳисси масъулият ва вазифадорӣ дар соҳаи кишоварзӣ хеле баланд инъикос гардидааст.

Ёд дорам он пешравиҳое, ки илми тоҷик дар соҳаи кишоварзӣ дошт, он кас дастгирӣ менамуданд ва барои ҷорӣ намудан дар ҳаёти кишварамон кӯмаки беғарази худро мерасонданд. Обрӯ ва эҳтироми Баротов М. дар Вазорати кишоварзӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дониши амиқу фарох, меҳнатдӯстӣ ва хислатҳои наҷиби инсониаш хеле баланд мебошад. Хизматҳои Баротов М. – ро Ҳукумати Ҷумҳурӣ қадрдонӣ карда, он касро бо ду ордени Нишони фахрӣ, ордени «Дӯстии халқҳо», ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медал «Барои меҳнати шуҷоатнок. Ба муносибаи 100-солагии зодрӯзи В.И.Ленин» ва бо унвони фахрии «Корманди шоистаи кишоварзии Тоҷикистон» сарфароз кардааст.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд кардам, Мусо Баротовро ҳамчун шахси пуркор ва бо мулоҳиза солҳои тӯлонӣ аз наздик мешиносам. Истеъдоди фавқулоддаи табиӣ, меҳнатқаринӣ ва хислатҳои наҷиби инсонӣ, хайрхоҳӣ, фурӯтанӣ, ботамкинӣ ва хоксории ин кас ҳамеша дар назди дӯстон ҷилвагар мебошад.

Ҳамин хислатҳои наҷиб буд, ки он кас дар вазифаҳои муҳими давлатию ҳизбӣ кору фаъолият намудааст. Махсусан қобилияти ташкилотчигии М.Баротов ҳангоми дифои вазифаи вазири кишоварзӣ баръало зоҳир гардида буд.

Роҳи тайкардаи М.Баротов намунаи ибрат барои мардуми мо мебошад. Он кас тамоми нерӯи ақлонии худро барои пешравии кишвари мо сарф кардааст ва ҳамеша ба дӯстон гамхорӣ зоҳир намуда, аз кору зиндагии онҳо бо хабар  мебошад.

Мулоқоти мо бо М.Баротов ҳамеша дар рӯҳияи накӯкорию ҳамдигарфаҳмӣ мегузарад. Дар симои он кас дӯсти наздик ва бовафои худро мебинам.

Баротов М. на танҳо инсони мумтоз, балки инсони наҷиб ва шахсияти комил мебошад. Он кас ба устодони худ эҳтироми зиёд дорад. Дар сӯхбатҳо устодони Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ҳамеша ба некӣ ёд мекунанд ва фаъолияти пурсамари худро дар арсаи камолоти шахсӣ бо онҳо марбуд медонанд.

Баротов М. ҳамеша қайд менамояд, ки мо бояд ба қадри устодону мураббиёни худ ва ба қадри дӯстон бирасем. Танҳо касе, ки чунин иқдом дорад, ҳамеша сарбаланд мебошад.

Эҳтироми шахсии инсон, қадршиносиву қадрдонӣ яке аз хислатҳои асосии Баротов М. буда, ҳамеша таъкид мекунад, ки бояд дар шахсияти ҳар кас хислатҳои неки ӯ, қобилияти истеъдоди ӯро дарк карда тавонем. Вагарна ҳеҷ кас аз норасоиву камбудӣ холӣ нест ва мо бо такя ба ҷанбаҳои неки инсон метавонем барои беҳтару накӯтар шудани ҳар кас мусоидат намоем. Баробари ҳалимиву меҳрубонӣ М.Баротов инсони нисбат ба худ ва дигарон хеле серталаб буда, ҳамеша аз кормандон ичрои бонизому хушсифатии корро талаб менамуданд.

Ёд дорам соли 2013, 70-солагии зодрӯзи М.Баротовро қайд намуда будем. Дӯстони наздики он кас шодравон И.Ҳаёев, А.Мирзоев, Ғ.Афзалов, Ҷ.Мансуров, К.Тураев, И.Ашуров, Б.Сироҷов, Р.Мирзоев, К.Олимов, Р.Қудратов, А.Шарипов, Б.Сангинов ва дигарон суханронӣ намуда, хислатҳои неки он касро, ки дар боло ман дарҷ намуда будам тасдиқ карда буданд. Воқеан, сӯҳбат бо Баротов М. он дунёест, ки маро ҳамеша хушҳол менамояд ва зиндагиномаи он кас намунаи ибрат буда, барои тарбияи фарзандони хеш дастури ҳаётӣ мебошад.

Фахр дорам, ки бо Мӯсо Бартов ҳамсояи наздик буда, сӯҳбатҳои пурмазмун дорем ва ҳамеша ман дар ёди он кас мебошам.

Роҳнамои барҷаста ва устоди мумтоз М.Баротов як зумра шогирдонро тарбия намуданд, ки дар байни онҳо ташкилотчӣ ва роҳбарони барҷаста хеле бисёранд.

Роҳи тайнамудаи М.Баротов намунаи возеҳи хизмат ба мардум аст. Он кас тамоми нерӯи ақлонии худро барои пешравии ватани азизамон сарф намуданд ва ҳамеша ба шогирдон ва пайравони худ ғамхорӣ зоҳир намуда, аз ҳолу кори онҳо огоҳ мебошад. Бо хислатҳои ҳамидаи худ М.Баротов чун инсони бузург дар байни дӯстон обрӯи зиёде пайдо кардааст. Вуҷуди чунин инсон дар зиндагонии мо хушбахтии калон аст.

Моро лозим аст, ки таҷрибаи корӣ ва эҷодии М.Баротовро омӯзем, онро бароиояндагон, чун намунаи садоқат ба Ватан нишон диҳем. Ман низ аз он кас роҳи судманди ҳаётро меомӯзам.

Кӯшишҳои гуногунҷабҳаи М.Баротов дар арсаи корҳои ҳизбию давлатӣ бо хислатҳои неки он кас зич пайваста аст. М.Баротов дарояндаи Тоҷикистон боварии комил дошта, мардумро ба меҳнат, муҳаббат ба Ватан ва ободии диёр даъват мекунад.

Ман ба дӯсти азиз ва инсони нуктасанҷ М.Баротов саломатӣ ва орзуҳои нек таманно дорам.

Аз китоби «Ёди он рӯзҳо», Душанбе, 2017.

## ИНСОНИ АСИЛ, РОҲБАРИ ОҚИЛ



Бо Ғафforхон Муҳиддинов бори аввал моҳи марти соли 1995 ҳангоми омодагӣ ба сафари хидматӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шинос шудам. Он замон эшон вазифаи раиси кумитаи давлатии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ӯҳда доштанд. Ногуфта намонад, ки дар вақташ кумитаи номбурда ҳама корхонаву муассисаҳои саноатии мамлакатро муттаҳид менамуд ва сарвари он будан аз шахс масъулияти баланд, дониши амиқ ва малакаву маҳорати зиёд талаб мекард. "Кӣ будани инсонро бештар дар сафар мешиносанд" – ин некгуфтаи мардумӣ беҳуда нест ва чанд рӯзе, ки мо дар ИМА ҳамроҳ будем, дарк кардам ва хулоса баровардам, ки Ғафforхон Муҳиддинов дар ҳақиқат инсони бузург ва мутахассиси донишманд аст. Мақсади асосии сафари мо ба Амрико ҳалли масаълаи бунёди корхонаи коркарди тилло дар Тоҷикистон буд ва дар мулоқотҳои расмӣ бо намояндагони саноати коркарди тиллои ИМА Ғаффор Набиевич муҳандиси касбӣ будани хешро нишон дода тавонист.

Ӯ солҳои 1994 – 2002-ум ба Кумитаи давлатии саноат ва Кумитаи саноати мудофиаи ҷумҳурӣ роҳбарӣ кард ва он замон ҳанӯз зиндагии орому осоиштаи мардуми Тоҷикистон пурра таъмин набуд, фаъолияти корхонаҳои саноат, бахусус, коргоҳҳои саноати вазнин рабти муайян надошт. Ғафforхон тамоми дониш, малака ва имкониятащро ба харҷ дод, то коргоҳҳои саноат пароканда нашаванд, рушд ёбанд, ба манфиати давлати Тоҷикистон, ба нафъи халқи тоҷик кор кунанд.

Хидмати шоистаи Ғафforхон Муҳиддиноврo дар масъалаи омодагӣ ва қабул шудани Тоҷикистон ба узвияти Агентии байналмиллалии нерӯи атомӣ (МАГАТЭ) мехоҳам алоҳида зикр намоям. Маҳз бо дастгирӣ ва мусоидати вай Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №338 аз 4 августи соли 1999 «Дар бораи ташкил намудани Комиссия баҳри ҳамкорӣ бо МАГАТЭ» ба имзо расид ва Тоҷикистон Созишнома оид ба кафолат, робита бо Аҳдномаи паҳн накардани яроқи ядроӣ ва Аҳдномаи минтақаи аз яроқи ядроӣ озод дар Осиёи Марказӣ дар асоси қарори зикршуда ба тавсиб расонд. Дар ин ҷода Ғафforхон Муҳиддинов чун яке аз роҳбарони комиссияи давлатӣ саҳми муносиб гузошт.

Зикраш ба маврид аст, ки ҷаласаи комиссияи номбурда тамоми ҳуҷҷатҳоро барои ворид шудани Тоҷикистон ба узвияти МАГАТЭ омода намуд. Ёд дорам, барои қабул шудани Тоҷикистон ба узвияти ин ташкилоти бонуфуз мактуби расмии роҳбарияти ҷумҳурӣ талаб карда шуд. Онро Ғаффорхон Муҳиддинов дар муддати ҷадид бо имзои Сарвазири ҳамонвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов дастрас намуда, ба суроғаи зарурӣ гуселонд. Баъди чанд муддат Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ №359 аз 26.06.2001 Оинномаи МАГАТЭ-ро эътироф намуд. Моҳи ноябри соли 2001-ум бошад, Тоҷикистонро ба узвияти Агентии байналмиллалии нерӯи атомӣ пазируфтанд. Бо тақозои талабот зарурати ташкил намудани сохтор оид ба илм ва танзим дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ ба миён омад. Бо самимияти афзун гуфта метавонам, ки дар ҳамаи ин масъалаҳо Ғаффорхон Набиевич, ба қавли халқ, «ду пойро дар як мӯза андохт», ҷидду ҷаҳд мекард то он мусбат ҳал гардад.

Тақдир будаст, ки бо пешниҳоди Сарвари давлат маро соли 1995 Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд ва дар давоми фаъолияти илмию амалиам дар даргоҳи илм бо раиси Кумитаи давлатии саноати кишвар бештару беҳтар ошно шудам. Бо Ғаффорхон Набиевич тез-тез мулоқот меоростем, дар ҳалли бисёр масъалаҳо маслиҳати якдигарро мегирифтем.

Илмат ба амал чу ёр гардад,<br>
Қадри ту яке ҳазор гардад.

Мазмуни ин байти машҳури Бадриддин Ҳилолиро Ғаффорхон дар ҳаёт исбот кард. Вай ҳарчанд серкору пурташвиш буд, фурсати муносиб ёфта, бо фаъолияти пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳои кишвар шинос мешуд, барои ба истеҳсолот ҷорӣ кардани таҳқиқоти илмӣ кӯшиш ба харҷ медод. Тамоми имконият ва воситаҳоро ба кор мебурд, то илму амал ба ҳам омезиш ёбанд, аз дастовардҳои олимони тоҷик саноати кишвар баҳрае бигирад ва он ба истеҳсолот ҷорӣ карда шавад.

Хуб дар хотир дорам, кормандони Пажӯҳишгоҳи кимиёи Академияи илмҳои мамлакат якчанд ихтирооташонро дар заводи алюминии тоҷики шаҳри Турсунзода ба истеҳсолот татбиқ намуданд ва коргоҳ нафъи зиёд дид, ки ин ҳам бе мусоидати мавсуф набуд.

Як хислати Ғаффорхон Набиевичро нагуфта наметавонам. Вай дар кадом ҳолат бошад, аз китобхонӣ ва баҳрабардорӣ аз илми муосир худро дур намегирифт. Дар ҳақиқат вақтӣ холи ёбад, ҳатман китоб дар даст саҳифаҳои дилхостро варақгардон мекард, маҷаллаву иттилоотномаи навро аз назар мегузаронад.

Ӯро чун ихтироъкору муҳандиси соҳибмалака мешиносем. Вай оид ба ҳосил кардани хӯлаҳои махсус барои саноати мошинсозӣ корҳои муҳими илмиашро ба анҷом расонда, онҳоро ҷамъбаст намуд. Навиштаҳояш, аниқтараш, рисолаи илмиашро дар Шӯрои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи кимиёи Академияи илмҳои Ҷумҳурӣ ҳимоя кард. Бояд эътироф намуд, ки рисолаи номзадии Ғаффорхон Муҳиддинов яке аз корҳои беҳтарин буда, илму истеҳсолотро ба ҳам пайвастааст.

Воқеаеро ҳаргиз фаромӯш намекунам. Бо иқдоми наҷибонаи Ғаффорхон Набиевич дар Академияи илмҳои ҷумҳурӣ таҳти унвони «Илм ва истеҳсолот» конфронси илмию амалӣ баргузор шуд ва иштирокдорони он, ки асосан намояндагони корхонаҳои истеҳсолӣ буданд, бо ихтирооти олимони Академияи илмҳои мамлакат шинос гардида, роҳбарони баъзе коргоҳҳои саноат ҳамоно баъди итмоми ҷаласа ба навъоварии олимон «харидор» шуданд. Гуфтан ҷоиз аст, даҳҳо ихтирооту навгониҳои олимони соҳаҳои мухталиф имрӯз дар истеҳсолот ҷорӣ шудаанд, ки самари ҳамон конфронс аст.

Ғафорхон баъди чанд муддати дар истеҳсолот кор кардан дар Донишкадаи политехникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ таҳсили илм кардааст ва чун шогирд эҳтироми устодонро як умр фаромӯш намесозад. Вай гаштаву баргашта таъкид менамояд, ки ҳар чи дастовард ёфта бошам, натиҷаи машғулиятҳои босамари омӯзгорони мактаби миёнаи рақами 3-юми шаҳри Хуҷанд ва устодони Донишкадаи политехникии Тоҷикистон мебошад. Маҳз дониши аз ин маконҳои илму ирфон гирифтаам буд, ки ба қуллаҳои баланд расидам.

Эҳтироми шахсият, қадршиносиву қадрдонӣ аз хислатҳои беҳтарини Ғафорхон Муҳиддинов мебошанд. Вай ҳамеша иброз медорад, ки мо бояд дар шахсияти ҳар инсон хислатҳои ҳамидаи ӯ, қобилияту истеъдоди ӯро дида ва дарк карда тавонем. Вагарна ҳеҷ кас аз норасоиву камбудӣ холӣ нест ва бо таъкид ба ҷанбаҳои неки инсон метавонем барои беҳтару накӯтар шудани фаъолияти вай мусоидат намоем.

Фарде, ки нисбат ба худ ва дигарон серталаб аст, ҳамеша муваффақ хоҳад шуд. Ғафорхон Муҳиддинов аз ҷумлаи чунин инсонҳост. Вай ҳам дар оила, ҳам дар ҷойи кор, ҳам дар маҳалла, ҳам байни дӯстону рафиқонаш серталабӣ зоҳир мекунад ва аз худу пайвандон, аз ҳамкасбону шариконаш боинтизомӣ ва бо сифат иҷро кардани корро талаб менамояд.

Ғаффорхон баояндаи Тоҷикистон, рушду нумӯи кишвари соҳибистиқлол, таъмин шудани зиндагии шоиста барои бошандагон бовари комил дорад. Вай мардумро ба кори ҳалол баҳри ҷамъият, талош барои гул-гулшукуфии  диёр, вусъати ободкориҳо дар кишвар, дӯст доштани Ватани азиз даъват менамояд.

Ман ба дӯсти мушфиқ ва инсони закӣ, марди фарҳангпарвару роҳбари оқил Ғафорхон Муҳиддинов тани баофияту хотири ҷамъ, сарбаландӣ ва бурдбориҳо таманно мекунам.

Аз китоби Шоҳроҳи зиндагӣ, Хуҷанд, 2018

## ИНСОНИ КОМИЛ ВА ОЛИМИ ВАРЗИДА

(Ба муносибати 75-солагии профессор Набиҷон Носиров)



Вақте ки сухан дар бораи дӯсти азизи ман Набиҷон Носиров меравад, пеши назари ман симои шахси ситорагарм, хоксору тозарӯ падидор мегардад. Ӯ шахсе мебошад,ки бо як дидан бо рӯйгармӣ, табассуми зебо, самимияту ширинсуханӣ, рафтору гуфтори хуш, одобу адаб ба дили пиру барно ҷо мешавад.

Хушбахтона бо Набиҷон Носиров қариб 60 сол шиносоӣ ва дӯстӣ дорам. Ӯ инсони комил, чеҳрахандон, сӯҳбаторо, некхоҳу хоксор ва қадршинос мебошад. Фахр мекунам, ки чунин дӯст дорам.

Дӯстии мо, аз авлод ба авлод гузаштааст. Амаки Носирҷон бо падари ман Баротов Мирсаид дӯсти хеле наздик буданд ва онҳо одамони бомаърифати Ӯро-Теппа (ҳоло Истаравшан) буданд. Мардуми диёри мо онҳоро ҳамеша қадршиносӣ мекарданд. Ман амаки Носирро бисёр вақт дар чойхонаи «Ҳавзи морон» ҳангоми сӯҳбати дустонаи он кас бо падарам медидам. Дӯстии ман бо Набиҷон низ ҳамон солҳо – солҳои 60-уми асри гузашта оғоз ёфта буд.

Зиндагиномаи Набиҷон намунаи ибрат буда, барои тарбияи фарзандони хеш дастури ҳаёт мебошад.

Дар бораи Набиҷон Носиров ва дастовардҳои илмӣ мақолаҳои зиёде чоп шудааст, хуб медонем, ки ӯ ҳанӯз соли 1980 дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи иқтисодиёт рисолаи номзадиро ҳимоя карда буд.

Ёд дорам рӯзи ҳимояи номзадии ӯ бисёр дӯстони мактабии мо – Абдуҳафизов Абдуҳаким, Ҳасанов Ғаниҷон, Махкамов Сайфулло, Ҳакимов Нӯмонҷон, Зиёдуллоев Файзулло ва дигарон аз Ӯро-Теппа омада буданд аз муввафақияти кори илмии ӯ хеле хурсанд шуда буданд. Пас аз ҳимояи рисолаи номзадӣ ӯ дар факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон дар вазифаи ассистент, дотсент, муовини декан, котиби масъул шуда кор кардааст. Солҳои 1994-2014 дар Донишгоҳи Руссия – Тоҷикистон (Славянӣ) низ дар вазифаи муовини декан, декан кор кардааст.

Дар кадом вазифае, ки Набиҷон кор кардааст, вай инсони бомасъулият, эҷодкор будани худро нишон додааст ва ба пешрафти

таълими иқтисодиёт саҳми назаррас дорад. Ӯ ҳамчун муаллими донишгоҳ фурутану хоксор буда, бо ҳамагон муомилаи хуб дорад. Ҳар як мулоқот бо ӯ дар лавҳи хотири дӯстон ва донишҷуён нақш бастааст.

Кӯшишҳои Н.Носиров оиди таълими илми иқтисодиёт нишон медиҳад, ки бисёр шогирдони ӯ номзадҳо ва докторҳои илм шудаанд.

Дар симои профессор Н.Носиров ман беҳтарин хислатҳои омӯзгори асилро мебинам. Дар ӯ хоксорӣ ва меҳрубонӣ, заҳматкашӣ ва сабру таҳаммул, покии рафтору кирдорро ҳамеша хос мебошад.

Набиҷон Носиров одами фозилу хайрхоҳ, дорои хислатҳои хуби инсонӣ, Ватанхоҳу Ватандӯст, маданияти баланди табиии дорад.

Дар бораи дӯсти меҳрубонам Набиҷон Носиров гуфтаниҳои зиёде дорам, аммо онҳоро дар як мақола ҷой додан имконпазир аст. Кӯшиш менамоям, ки баъзе сифатҳои ба дӯстам хосро баён намоям. Албатта дар бораи Н.Носиров барин шахсони нотакрор, некхоҳу некдил кӯтоҳ ҳарф задан мушкил аст. Яке аз хислатҳои беҳтарини инсонии дӯстам ба қадри дӯстӣ, рафоқат расидан аст.

Ҳар боре, ки дӯстам ба зодгоҳашон Истаравшани бостонӣ раванд, албатта ба хонаи ёру дӯстон, хешу табор ташриф оварда, ҳолпурсӣ мекунанд, лозим ояд, бо меҳр дастаи ёрии хешро дароз мекунанд.

Набиҷонро чун шахси қадрдон, қавиҳиммат, дилсӯзу беозор медонам. Нашунидаам, ки дӯстам касеро ранҷонида бошанд.

Профессор Н.Носиров чун ҷамоатчии фаъол, ташвиқотчӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он медонанд ва қадраш мекунанд. Аз бисёр ҷиҳат ӯ шахси нотакрор, ҳамдами ёру дӯстон, дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, дилбару дилёб мебошанд. Хақ бар ҷониби Умари Хайём:

**Сад каъбаи обу гил ба як дил нарасад,**
**Каъба чи равӣ? Бирав дилеро дарёб.**

Соҳиби сифатҳои неки инсонӣ будан ба ин марди хирадманд шароит фароҳам овард, ки дар баҳри пурталотуму пуршитоби зиндагӣ шино карда, бо заҳматҳои сангин ва меҳнати ҳалол ба соҳили мурод расад. Дар соҳаи заҳматталаби илми иқтисодиёт, дар рақобати солими фазои илмӣ ӯ тавонист бартарии худро пайдо намояд.

Истеъдоди ташкилотчигӣ, кордонӣ ва дониши ҳаматарафа ба Н.Носиров имкон дод, ки давраи душвортарин роҳбари факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон ба ӯҳда гирифта, анъанаҳои хуби илмии давраи шӯравиро идома додааст.

Хизматҳои илмию омӯзгории Н.Носировро ба назар гирифта Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон ба ӯ вазифаи профессориро додааст.

Н.Носировро дар бисёр гӯшаву канори ҷаҳон мешиносанд ва бо маърӯзаҳои илмӣ ӯ дар Нидерландия, Австрия, Исландия, Олмон ва кишварҳои ИДМ баромад кардааст.

Хушбахт касест, ки дар оила хушбахт бошад, яъне саодати мард аз қалби занони доною хирадманд сарчашма мегирад. Хушбахтии Набиҷон дар оила низ дида мешавад.

**Ҳарки ёри вафодору меҳрубон дорад,**
**Саодати абаду умри ҷовидон дорад.**

Аз ин рӯ, қаблан ба оила ва хонаводаи дӯстам ҳамаи хубии дунёро таманно мекунам ва дӯсти меҳрубону устоди ғамхор Н.Носировро бо мавлуди пуршукӯҳи дар пеш истода - 75-солагиашон аз замири дил табрику таҳният гуфта, ба бародари азизу гиромиқадр тани сиҳату хотири ҷамъ, умри бардавом, бахту саодат, барору омад, комёбиҳои эҷодӣ ва хонаободӣ таманно дорам. Некному зафарманд бош!

**Ба маҳфил моҳи тобон, дар гулистон рангу бӯ бошед,**
**Илоҳо ҳар куҷо бошед, баҳору обрӯ бошед.**

Душанбе, май-2020

**ЯКЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ ОЛИМИ ШИНОХТАИ ТОҶИК НАРЗУЛЛОЕВ ҚАЮМ**

(Ба муносибати 80-солагии Нарзуллоев Қ.)



Дар моҳи майи соли 2020 мо 80-солагии номзади илми физикаю-математика дотсент Нарзуллоев Қаюмро қайд менамоем. Номи Нарзуллоев Қаюм, чун устоди ботаҷриба, серталаб ва олими дақиқназару нуқтасанҷ дар симои дӯстон ва шогирдон нақш бастааст.

Нарзуллоев Қ. аз зумраи олим ва омӯзгорони маъруфест, ки тамоми умри бобаракати худро барои таҳқиқи комплексии лазерҳои нимноқилӣ ва тарбияи ҷавонон дар якчанд донишгоҳи кишвар сарф намудааст.

Дар бораи кордонӣ ва серталабии Нарзуллоев Қ. ман ҳанӯз солҳои 60-уми асри гузашта шунида будам. Ӯ соли 1966 дар шаҳри Ӯро – Теппа (ҳоло Истаравшан) Маркази мошинҳои ҳисоббарориро ташкил намуда, роҳбари ин марказ буд. Вохӯрии аввалини ман бо Нарзуллоев Қ. дар шаҳри Москва соли 1972 ҳангоми таҳсил дар аспирантураи Иститути химияи умумӣ ва ғайриорганикии Академияи илмҳои СССР барпо шуда буд.

Ҳамон сол ӯ ҳамчун коромӯз ба яке аз институтҳои бонуфузи давраи Шӯравӣ ФИАН ба номи Н. Лебедев аз тарафи Институти физикаю – техникии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (АИ ҶТ) ба кор омада буд. Баъдтар ба аспирантураи институти мазкур дохил шуда, соли 1979 рисолаи номзадии худро ҳимоя намуда буд.

Қ. Нарзуллоев аз зумраи он олимонест, ки соҳаи тадқиқоти худро хуб медонист ва барои ба истеҳсолот ҷорӣ намудан хаста нашуда кор мекард.

Нарзуллоев Қ. шахсе буд, ки дар рафтораш тамоми хислатҳои хуби инсони дида мешуд. Ман ин хислатҳои он касро ҳангоми таҳсил дар ш. Москва ҳис намуда будам. Ҳаракат мекард, ки ягон касро наранҷонад ва ҳамеша ба дӯстон ёрии амалии худро мерасонд. Касби интихобкардаи худро хеле дӯст медошт ва дар солҳои таҳсил дар аспирантура аз саҳар то шом дар озмоишгоҳи ФИАН кор мекард.

Ӯ мактаби олимони бузурги соҳаи физикаи лазерҳоро омӯхтааст ва бо академик Н. Г. Басов (дорандаи ҷоизаи Нобелӣ), профессор В. В. Никитини тадқиқотҳо гузаронидааст ва дар маҷаллаҳои илмӣ ҳаммуаллиф мебошанд. Масаълан мақолаи “Одночастотный

инжекционный полупроводниковый лазер на основе GaAs” дар маҷаллаи «Квантовая электроника», М.4. 1815 (1977), ҳаммуаллифон Н.Г. Басов, В.В. Никитини , Нарзуллаев К. мебошанд.

Қ. Нарзуллоев мутахассиси варзида, олим ва омӯзгори шинохта дар ҷумҳурии мо мебошанд ва то охири ҳаёти худ мехост дастовардҳои илмиаш тадбиқи амалии худро ёбанд. Китобҳо ва дастурҳои методии ӯ мавриди истифодаи донишҷӯён мебошад.

Соли 1995, вақте ки маро Президенти АИ ҶТ интихоб намуданд, ман кордонии Қ. Нарзуллоевро ба назар гирифта ӯро ба кор ба ҳайси мудири шӯъбаи илмӣ – истеҳсолии Раёсати АИ ҶТ даъват намудам. Дар он солҳои вазнин барои илми тоҷик мо кӯшиш намудем, ки аъзои АИ ҶТ ба қадри имкон бо ғизои аввалиндараҷа (нон) таъмин карда шаванд ва Нарзуллоев Қ. ҳар рӯз ба АИ ба миқдори муайяне нон оварда ба аъзои АИ ҶТ тақсим мекард. Ҳоло ҳам бисёре аз аъзои АИ Нарзуллоев Қ-ро бо неки ба ёд меоранд.

Соли 1999 Нарзуллоев ба Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат ҳамчун дотсент ба кор шурӯъ намудааст. Дар давоми солҳои 1999-2017 дар донишкадаи мазкур устод Қ. Нарзуллоев пуршарафона меҳнат намуда, зиёда аз 40 асарҳои илмӣ ва методӣ чоп намуданд. Ин шахси меҳнатдӯст ва дилсӯз будани ӯро инъикос менамояд ва донишкада ӯро ба ифтихорномаҳо ва мукофотҳо сарфароз намуда аст.

Дар вуҷуди Нарзуллоев Қ. фақат некӣ, хирадмандӣ, дилсӯзи ва дигар хислатҳои хуби инсониро мо ҳамеша ҳис менамудем. Нарзуллоев Қ. бо лексияҳои пурмазмун ва дарсҳои таҷрибавии худ дар соҳаи информатика дар байни донишҷӯён мавқеи хеле пурифтихор дорад.

Устод Нарзуллоев бо донишу ақли расо ва хоксории худ ба дили дӯстон роҳ ёфтааст .Чӣ хеле, ки шоири бузург А.Ҷомӣ фармудааст:

***Устод агар набудӣ, илму ҳунар рабудӣ,***
***Устод агар набуӣ, ин зеру фар набудӣ.***
***Устод агар набудӣ, дар боғи илму дониш,***
***Беҳтар зи шаҳду шакар моро самар набудӣ.***

Дар ҳақиқат саҳми Нарзуллоев Қ. дар тайёр намудани мутахасисони варзидаи соҳаҳои гуногуни техникаи муосир назаррас мебошад. Ман ҳамеша хислатҳои инсондӯстӣ, хоксорӣ ва нармгуфтории Нарзуллоев Қ-ро ҳис менамудам ва дар ҳар вохӯрӣ хизматҳои он касро бевосита қайд мекардам.

Яке аз хислатҳои бисёр волои он кас, ба қадри меҳнат ва дониши ҳамкорону дӯстон расидани он мебошад. Ҳамеша аз муваффақияти дӯстон фахр мекарданд.

Дар солҳои пешин (1970-1990) бо супориши мақомотҳои ҳизбии-давлатӣ ва ҷаъмияти "Дониш" олимон дар ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ бо лексияҳои омавӣ-илмӣ баромад мекарданд. Устод Нарзуллоев Қ. низ дар ноҳияҳои гуногуни кишвар бо лексияи худ мавқеи махсус доштанд.

Ёд дорам, ки дӯсти ман М. Баротов дар солҳои 70 котиби якуми ҳизби ноҳияи Қумсангир буданд, (баъдтар Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон), аз лексияи Нарзуллоев Қ. баҳраманд шуда, ба ман борҳо ҷидди лексия хондани Нарзуллоевро ба ёд меоварад.

Барҳақ, ҳаёти Нарзуллоев Қ. ибратомӯз аст. Ӯ аз душвориҳову нобарориҳо ҳаросон набуданд ва ин аст, ки ба синни бобаракати худ нигоҳ накарда, софдилона меҳнат мекарданд ва дар дил таманноҳои зиёде доштанд.

Афсӯс, ки он кас то ба ҷашни 80-солагиашон нарасиданд, риштаи ҳаёти ин олими шинохта 6-майи соли 2020 канда шуд. Шодравон Нарзуллое К. дар ёди мо ҳамеша ҳамчун олим ва марди хирад боқӣ хоҳад монд.

Душанбе, май-2020

## МАЪЛУМОТ
## ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ



Мирсаидов Ӯ 10 ноябри соли 1945 дар шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) ҶШС Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 1967 пас аз хатми Донишкадаи химияи технологии шаҳри Москва ба номи Д.И.Менделеев бо дипломи аъло, ба Донишкадаи политехникии Тоҷикистон ба вазифаи ассистенти кафедраи химияи технологӣ равона карда шуда буд.

Соли 1970 ба аспирантураи Пажӯҳишгоҳи кимиёи умумӣ ва ғайриузвии (ИОНХ) ба номи И.С. Курнакови АИ ИҶШС дохил шуда, соли 1973 рисолаи номзадиро ҳимоя намудааст. Аз соли 1973 дар Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (АИ ҶТ) фаъолият мебаранд. Аз соли 1988 то соли 2003 директори Институти номбурда буд. Ҳамчун корманди калони илмӣ бо ихтисоси кимиёи ғайриузвӣ (с.1975), доктори илмҳои кимиё (с.1985), профессор (с.1988), узви вобастаи АИ ҶТ (с.1987), академики АИ ҶТ (с.1993) кору фаъолият кардааст. Аз соли 1995 ба ҳайси президенти АИ ҶТ интихоб гашта, дар ин вазифа то феврали соли 2005 фаъолият бурдааст. Директори Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии (ААЯР) АИ ҶТ (2003-2017). Ҳоло сарходими ААЯР АМИТ мебошад.

Соҳаи рағбати илмии Ӯ.Мирсаидов – кимиёи моддаҳои нерӯяшон бузург, технологияи масолеҳҳои ғайриузвӣ, бехатарии радиатсионӣ, инчунин экологияи радиатсионӣ мебошад.

Академик Ӯ.Мирсаидов муаллифи 600 мақола, 35 монография, 90 ҳуқуқи муаллифӣ ва патентҳо мебошад. Дар зери роҳбарии ӯ 15 рисолаи докторӣ ва 50 рисолаи номзадӣ ҳимоя намуданд.

Ӯ. Мирсаидов аъзои як қатор ташкилотҳои байналмиллалӣ ва акдемияҳо мебошад. Вай бо маърӯзаҳои илмӣ дар зиёда аз 50 мамлакатҳои ҷаҳон (ИМА, Олмон, Фаронса, Шветсия, Финляндия, Австрия, Италия, Хитой, Ҳиндустон, Покистон, Сирия ва ғайра) баромад намудааст.

Ӯ. Мирсаидов дорои мукофотҳои Комсомоли Ленин (1980), Мукофоти давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино (2005), Мукофоти байналмиллалии ICESCO (2010), Мукофоти байналмилалии Академияи илмҳои ҷаҳонии сеюм - TWAS (2017), Мукофоти байнидавлатии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Ситораҳои Иттиҳод» мебошад.

**У.М.МИРСАИДОВ**

ОНҲО ШӮҲРАТЁРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муҳаррир: н.и.т. Б.Б. Баротов
Ҳуруфчини компютерӣ: Ш.Шосафарова, Ш.Муродов